**Камол Насрулло**

# ДАР ОҒӮШИ ХАЗОНРЕЗ

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-53

Муҳаррир *Муҳаммад Ғоиб*

Н-53 **Камол Насрулло. Дар оғӯши хазонрез** *(маҷмӯаи шеърҳо).* – Душанбе, «Адиб», 2018, 256 саҳ.

Камол Насрулло яке аз шоирони эътирофшудаи адабиёти муосири мост, ки дар бунёди шеъри навини тоҷик саҳми боризи худро гузоштааст. Шеъри ӯ ба заминаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, мавқеи қавии ватандӯстона ва сиришти инсонии ӯ поя ёфтааст. Китоби нави ашъораш фарогири эҳсосоти самимона ва ғояҳои неку баланди инсонӣ буда, дастовезҳои тозаи шоирона, тозакориҳои эҷодии ӯро фаро мегирад ва армуғони арзандае барои ҳаводорони шеъри муосир аст.

ISBN 978-99947-2-549-6

© Нашриёти «Адиб», 2018

# ПЕШГУФТОР

Табиист, ки дар замони истиқлолияту озодӣ ва эҳёи дубораи миллати куҳанбунёд ва соҳибтамадуни тоҷик, миллате, ки мисли Ққнус аз хокистари худ бархостааст, масъулияти суханвар, хусусан шоир, ки бояд ҳамеша пешгоми ҷомеа ва ровии армонҳои миллату меҳани худ бошад, бештар аз ҳар замони дигар аст. Эҷоди сухани тоза ва шеъри муваффақ дар мавзӯъҳои ватандӯстӣ, бедории миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ кори на осон аст ва на ба ҳар шоир муяссар мешавад. Ин аст, ки маъмулан аксари навиштаҳо дар ин мавзӯъ ба умумумигӯиву такрори сухан, ба обшустагии тасвиру баён меоранд ва кам шоире ба гуфтани сухани ноб, тасвири тоза ва бозёфтҳои шоирона муваффақ шудааст.

Яке аз вежагиҳои ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ҳам дар ҳамин баёнҳои шоирона, самимияти тоза ва ҷилои эҳсосоти баланди инсонӣ дар шеърҳои ватандӯстонаи ӯст, ки бо муҳаббат ва масъулияти баланди худшиносиву меҳанпарастӣ навишта шудаанд. Аммо ашъори Камол Насрулло танҳо ҳамин мавзӯъ маҳдуд нест. Ашъори ӯ паҳлуҳои дигари зиндагӣ, розу ниёзи мардум, армонҳои миллӣ ва фалсафаву таъриху табиатро фаро гирифта, нақши боризе дар худшиносии миллӣ, таҳқиқи андешаву афкору рӯҳияи инсонӣ ва бедорсозии наҷибтарин эҳсосот мебозанд. Шеъри Камол хонандаро ба рӯшноӣ, ба хайру некӣ, ба эътиқоду бовар, ба ишқу садоқат ва ягонагӣ ҳидоят мекунад.

Китоби нави шоир гулчине аз ашъори солҳои охир навиштаи ӯ буда, бори аввал дар шакли китоб интишор меёбад ва ҳадяи сазоворе барои доираи васеи ҳаводорони каломи бадеъ мебошад.

# ВАТАНИ ХАЙРУ САХО

## ТОҶИКИСТОН АСТ ИН ҶО!

Гиря хандон,
Дард рақсон,
Ғусса дар пушти ҳарири ашк пинҳон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Як дуои мӯсафеде раҳкушои туст,
Як нигоҳи хайрхоҳе дар варои туст.
Ҷӯяки оби зулоле дар суроғи офариниш
Сӯи ободӣ шитобон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

То бирӯбад осмонҳоро зи гарди кинаву ғам,
Мурғаке дар авҷи гардун болафшон аст ин ҷо.
То туро гӯяд дуруду шодбошӣ,
Гул сари роҳат ба сад изҳор хандон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Номи тоҷикӣ сафое мебарад,
Нуру файзу рӯшноӣ мебарад,
Нозанин, Хуршед, Нилуфар, Ҳумоюн..,
Ном не, фарҳанги зебоист,
Ном уммед асту армон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Пираҳан дар қомати инсон
Нури нусрат дораду файзи саҳар,
Орзуи духтарон, армони модарҳо
Бо ҳазорон ҷилваи маъно дурахшон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Дар чакан, дар атласу адрас мунаққаш
Нури чашми модари ҷон аст ин ҷо,
Дар нигоришҳои пурмаъноиҳар ранг
Ҷилваи сад аср пинҳон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Фазлу одобу футувват
Дар паси андеша ҷавлон мезананд,
Ҳурмату некиву эҳсон
Амри виҷдон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Ҳикмати сад қарни мозӣ
Дар нигоҳи дидаи пире дурахшон аст ин ҷо,
Сад китоби панду андарз
Дар лаби хомуши пирон аст ин ҷо.
Тоҷикистон аст ин ҷо,

Сурату рамзи Нишони давлатӣ
Дар сари дастони модар
тифли хандон аст ин ҷо!
В-он суруди бегазанди миллии ӯ
Аллаҳои модари ҷон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Дар нафасҳои фасеҳи бод
Накҳати боғу гулистон аст ин ҷо!
Охирин як пораи нон
Ризқи меҳмон аст ин ҷо!
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Нусрату меҳру муҳаббат дар нигоҳи одамон
Ошкорову дурахшон аст ин ҷо,
Дарду ҳасрат, ранҷҳои зиндагӣ,
Зери дандон ин ҷо!
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Суннати озодагонаш,
Вожаи лафзи биҳиштӣ дар забонаш,
Озарахши родмардӣ дар равонаш,
Ҳукми имон аст ин ҷо,
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Миллате аз хоки Шерак, хоки Деваштич
Дар сари ҳиммат,
сари нангу сари ҷон аст ин ҷо!
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Ман намемирам, нахоҳам мурд,
ин миллат намемирад,
Решаҳои ман дар ин хоки муқаддас
Умқ дар умқи ҳазорон аср
Дар сиришти родмардон аст ин ҷо.
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Эй басо аз махзанаш бурданд, аммо
Ин наҷобат, ин муҳаббат, суннати
озодамардонаш бимонд.
Ризқи мардони Худо аз заҳмату аз лутфи
Яздон аст ин ҷо!
Тоҷикистон аст ин ҷо!

Файзи истиқлолу озодӣ
Дар намои ҳар ваҷаб хокаш, ҳар инсонаш
намоён аст ин ҷо!
Миллате, к-аз имтиҳони асрҳо озода бигзашт,
Худ сазовори чунин шон аст аст ин ҷо!
Тоҷикистон аст ин ҷо!!!

*16.01.2016. – 28.08.2017.*

## ДАР ҲАМА ПОЛЕЗҲО

Дар ҳама полезҳои Меҳани ман
Ишқ мерӯяд, муҳаббат мешукуфад...

Дар ҳама полезҳои Меҳани ман
Ханда мекоранд мардум, ханда мекоранд...
Баъд борони муҳаббат мешаванд,
Бо арақҳои ҷабину ашки дида
Бар сари ин кишта меборанд,
То ки рӯяд ишқ, рӯяд ишқ, рӯяд ишқ...

Дар ҳама полезҳои кишвари ман
Он чи мекоранду мечинанд ишқ аст...

Субҳ дар ин ҷо дари меҳру сафо бикшодааст,
Сулҳ оғӯши вафо бикшодааст,
Ҳиммати озодагон дасти сахо бикшодааст...

Осмонаш хаймаҳои роз дорад,
Мурғи хайр андар самояш
Ҷилваи парвоз дорад,
Бод андар ғижжаки ҳар шаршара
Аз муҳаббат соз дорад,
Офтобаш мекунад изҳори ишқ,
Аз тоби он
Санг ҳам овоз дорад...

Дар диёри ман
Ростӣ бо қадди мардон улфат аст,
Шохаи ҳар нахл дасти ҳиммат аст,
Бовар аст ин ҷо асои дасти пирон...

Дар диёри ман
Аз лаби ҳар рӯд мерезад тароват,
Дар лаби ҳар ғунча механдад саодат,
Қомати мардон дарахти бовар аст,

Чашми занҳо чашмаи нуру фар аст,
Обшор ин ҷо навои ишқ дорад,
Ҳар гиёҳ ин ҷо намои ишқ дорад...

Дар диёри ман
Бод мебофад саҳар бар пешвози рӯз
Кокулони обшоронро...
Абр мешӯяд ба оби раҳмати худ
Гардҳои рӯйи торонро,
Ғуссаҳои интизоронро...

Дар диёри ман
Дарду ғамро ончунон дар дил гудозиш медиҳанд,
То ки андар пайкаре рақсида-рақсида
Мешавад шодӣ...

Дар ҳама полезҳои меҳани ман
Ҳар гулу ҳар сабза дорад дар намояш
Муждаи озодагонӣ,
Пайки озодӣ,

Дар диёри ман ҳамеша
Чор фасли сол дар як фасл метобанд.
Чор фасли сол
Ошиқи ин меҳананд,
З-ин ҷо намехоҳанд рафт...

Дар ҳама полезҳои меҳани ман
Ишқ мерӯяд, муҳаббат мешукуфад...

## ДАР РӮИ ДАСТ ҶОНАМ

Дар рӯи даст ҷонам, дар рӯи шона шонам,
Меҳан, ту мекунӣ дард дар мағзи устухонам.

Меҳан, ту мекашӣ дард дар дарди дасту поям,
Дардад фурӯ кашида, дар худ туро намоям.

Чун ашк дар нигоҳам, Меҳан, ту мезанӣ барқ,
Аз моваро битобад дунё ба ашки ман ғарқ.

Озодии ту буда перояи суудам,
Дарҳои ҳасрататро во кардам аз вуҷудам.

Захми ҳазорсола дар ҷони ман бинолад,
Дарди ҳазорсола ҷисми маро биполад.

Эй миллати ҳама ашк, эй миллати ҳама ғам,
Эй миллати ҳама ишқ, эй миллати ҳама рам[1].

Рози ҳазорсола дар ҷони ман нуҳуфта,
Дар синаам хазон шуд сад боғи ношукуфта.

Озодии туро ман болои сар барорам,
Чун офтоби тобон дар тори сар бидорам.

Дар шона шаъни Меҳан ман меравам раҳида,
Дар тангно хазида, дар сангно парида.

Дилро зи дил сириштӣ, эй миллати биҳиштӣ!
Дар марзи ормонат оё кунун чӣ киштӣ?!

Чун оби рӯдҳоят аз марзи худ ситезон
Аз хеш мегурезӣ ин гуна рез-резон...

Бигзор бо Зарафшон аз ту зару тило рафт,
Оини родмардӣ аз хуни ту куҷо рафт?!

Бигзор мисли Сайҳун рафтӣ зи хеш афзун,
Аммо муҳаббати ту ҳаргиз нарафт аз хун.

Бигзор мисли Вахшур рафтӣ ту аз Ватан дур,
Аммо нагашт ҳаргиз имони ту зи тан дур.

Дар осмони шаънат Симурғ парфишон аст?!
Ойини родмардӣ дар пайкарат ниҳон аст?!

Дар рӯи даст ҷонам, дар рӯи шона шонам,
Ман охирин фурӯғам, ман вопасин фиғонам...

---

[1] Рам – ҳарос, гурез, фирор.

## ВАТАНИ ХАЙРУ САХО

Тоҷикистон, Ватани озинам!
Қисмати сангинам,
Қомати тамкинам,
Вожаи ширинам!

Баъди бедоду ҷафои таърих,
Баъди он қадр хатои таърих,
Омадӣ бо фари эҳё зи варои таърих!

Дигар, эй хоки муқаддас, Ватани маҳбубам!
Ба шукӯҳи шабу файзи саҳарат маҷзубам!

Дигар ин марз ҳамин марзи дилу ҷони ман аст!
Дигар ин марзи муқаддас хати имони ман аст!

Нест ҳарфе, ки дар он дарди ту гунҷад, Ватанам!
Вожа чун оташи хун шӯъла занад аз даҳанам!

Санги ту нарм шавад, гар ба сарат сар монам,
Реша дар хоки ту дорад фараҳу армонам.

Он қадар хуни азизон ба танат рехтааст,
Он қадар ҷабру ҷафо хоки туро бехтааст,

Ки ман аз ҳар гулу себарга Ватан мечинам,
Лолаи хуни падарҳо зи чаман мечинам.

Тоҷикистон, Ватани виҷдонам!
Пайкари армонам,
Ҳикмати пиронам!

Сангбаста ба ниҳонам ғами дерин дорам,
Кӯҳи ғам, бори алам дар тани мискин дорам.

Ман ба ҳар санги раҳат пайкара чандин дорам,
Нотарошида ба тан ҳайкали сангин дорам.

Ман дар оинаи ҳар санги ту худро дидам,
Дар ҷилои саду як ранги ту худро дидам.

Ҳабс будӣ ба паси панҷараҳои ожанг,
Ҳабс будиву ниҳон дар танаи ҳар харсанг.

Инак озод шав, озод шав аз ҳар сангат,
Бубаро аз сари ҳиммат, зи канори нангат!

Эй куҳистони баланд, эй шарафу шони баланд!
Ватани хайру сахо, ҳиммату эҳсони баланд!

Сар диҳам, домани имони туро сар надиҳам!
Ҳамаро додаму дил монд, ки дигар надиҳам.

Ватани поки назарҳо! Ватани шеъру ҳунар!
Резам аз дида ба домони ту чун ашки саҳар!

Ман ба хуни дили худ санги туро ранг диҳам,
Зиннати ишқу фари меҳр ба ҳар санг диҳам.

*02-04.11.2015*

## СУРУДИ ВАТАН

Гуфтам Ватан, чаман – чаман ин анҷуман шукуфт,
Гуфтам Ватан чу гул ба лабонам сухан шукуфт.
Гуфтам Ватан – Ватан ҳама дашту даман шукуфт,
Уммеди ман, муҳаббати ман дар Ватан шукуфт.

Эй сарзамини аввали назорраи Худо,
Эй аз ҳазор раҳни раҳӣ раставу раҳо,
Эй осмони ту ватани офтоби пок,
Эй остони ту ватани нангу ори мо!

Эй кишвари каломи саломи хуҷастагон,
Бар даҳр аз ту рафт паёми хуҷастагон!
Озода зоди меҳани озодагон туӣ,
Дар номи туст партави номи хуҷастагон!

Ҷону дилам чу оби зулолат зулол бод!
Ризқам чу нони мардуми покат ҳалол бод!
Номат чу шеъри Рӯдакӣ баъд аз ҳазор сол
Ин гуна дилпазир, чунин безавол бод!

Хоки ту бӯи меҳру вафо мекунад Ватан!
Номи ту атри ишқи Худо мекунад Ватан!
Овои обшори зулолат ба лаҳни пок
Моро ба ишқи пок садо мекунад Ватан!

*16.02.2012*

## ТОҶИКИСТОНРО НАХОҲАМ ДОД

Ин фазо, ин марз, ин хонро нахоҳам дод,
Остони модари ҷонро нахоҳам дод,
Ҷон бихоҳам дод,ҷононро нахоҳам дод,
Ин шараф, ин нанг, ин шонро нахоҳам дод,
Тоҷикистонро нахоҳам дод!

Кишвари оби мусаффо, марзи поконам,
Кишвари покизарӯ, покизаимонам,
Кишвари зелол, зоди зулҷалолонам,
Ман зулолии дилу ҷонро нахоҳам дод,
Тоҷикистонро нахоҳам дод!

Кӯҳсоронат, Ватан, сарсахту сангин аст,
Халқи кӯҳистони ту кӯҳи батамкин аст,
Сарзаминат з-озарахши ишқ озин аст,
Суғду Хатлону Бадахшонро нахоҳам дод,
Тоҷикистонро нахоҳам дод!

Ман ҷаҳонро андар ин оина мебинам,
Дар фурӯғи ҳикмати дерина мебинам,
Ганҷҳояшро даруни сина мебинам,
Ин адаб, ин фазли неконро нахоҳам дод,
Тоҷикистонро нахоҳам дод!

Захми мозӣ монда то имрӯз дар ҷонам,
Ман ҳанӯз аз оташи дарди ту сӯзонам,
Бо ту, Меҳан,бо ту, Меҳан, бо ту мемонам,
Озарахши ҷони сӯзонро нахоҳам дод,
Тоҷикистонро нахоҳам дод!

Сангҳоятро ба хунам ранг хоҳам кард,
Ҷони худро дар сари ҳар санг хоҳам кард,
Ҳарчи дорам дар сари ин нанг хоҳам кард,
Лек хоки пойи поконро нахоҳам дод,
Тоҷикистонро нахоҳам дод!

## ТОҶИК

Зебо ба руху ба чашму қошӣ, тоҷик!
Покизаниҳоду нурпошӣ, тоҷик!

Бо нони ҳалолу нийяту ҷони пок
Умре пайи ризқ дар талошӣ, тоҷик!

То чоши фалакро ба каф орӣ, умре
Дар рӯи замин ту чошу пошӣ, тоҷик!

Бо ин дили нарму сари сахтат, эй кош,
Дар рӯи замин ту зинда бошӣ, тоҷик!

Бигзор равад «Оши худоӣ» аз байн,
Ту зор набудаӣ ба оше, тоҷик!

Мақсуд зи ош ваҳдату сулҳ бувад,
Варна ту на зори ошу пошӣ, тоҷик!

Ҳар кас ки заиф гашт, зери по монд,
Гардан набикаш зи ҳақталошӣ, тоҷик!

Ин давлати нав, ки нав расидӣ бар он,
Эй кош, зи ҳам дигар напошӣ, тоҷик!

Дар рӯи ҷаҳон ба Рӯдакиву Саъдӣ
Фазлу хираду адаб бичошӣ, тоҷик!

Бо дунбураву нақора, рақсу бозӣ
Ғамро зи вуҷуди худ тарошӣ, тоҷик!

Умрест маошаш аз маонӣ буда,
Ғам кай бихӯрад зи каммаошӣ тоҷик!

Симурғи ту аз фасона хоҳад баргашт,
Хаффош машав дар ин ҳавошӣ, тоҷик!

Гӯ, лонаи худ ба Тахти Наврӯз бимон,
Дар торами тоҷу тахти кошӣ, тоҷик!

Эй рошиди роҳи илму фарҳанги ҷаҳон
Дар марзи вафо ҳамеша рошӣ[1], тоҷик!

Бо давлату тахту тоҷу шоҳат дар даҳр
Бошӣ, бошӣ! Ҳамеша бошӣ, тоҷик!

*15.08.2017*

## МЕҲАНИ МАН

Дар ҷони ман ниҳон аст ғамҳои Меҳани ман,
Як кӯра ишқи сӯзон мондаст дар тани ман.

Аз торами сари ман дудаш чу мӯй хезад,
Нураш чароғ дорад дар чашми равшани ман.

Бо захмҳои меҳан дар пайкарам равонам,
Як меҳан ормон аст, эй дӯст, дар тани ман.

Таърихи хунфишонро бо тирбори сад қарн
Бардошт бо таҳаммул ҷони чу оҳани ман.

Аз  пайкари тавоно як дил Ватан маро монд,
Як дил Ватан, ҳамин бас маъбуду маъмани ман.

Симу зарат бибурданд, бому дарат бибурданд,
Ғофил аз он ки буда хоки ту махзани ман.

Бо ту наҷот бурдам аз вартаи фалокат,
Ишқи ту болу пар шуд, меҳри ту ҷавшани ман.

Вақте ба ҷони сӯзон меоварам ниёиш,
Сад меҳр накҳати ишқ ояд зи лозани[2] ман.

[1] Рош – марз, сарҳад.
[2] Лозан – самғи хушбӯй, ки ҳангоми ибодат месӯзонанд

Шуд қоматам асои дасти гарони таърих,
Дасти наҷоти дунёст дасти ба домани ман.

Фарзандҳои некат як-як ситора гаштанд,
Ҳафт осмон дурахшон болои гардани ман.

Аз Ориён ту мондӣ – як пора ҷони рахшон,
Бо ор зинда мебош, фархунда Меҳани ман!

*17.08.2017.*

## ЗАБОНИ ТОҶИКОН

Асли равони тоҷикон бошад забони тоҷикон,
Бошад забони тоҷикон асли нишони тоҷикон.

Аз ориён чун ори он бунёди тоҷик омада,
Дар субҳи мелоди сухан мелоди тоҷик омада.

Ӯ аз замони Пешдод аслу ниҳодашро ниҳод,
Наврӯзро ӯ офарид, ӯ дар Сада оташ кушод.

Ӯ аз сари озодагӣ бунёди нек овардааст,
Ӯ аз азал то бар абад як ёди нек овардааст.

Бунёд бинмудаш Худо бо пайкари фарзодагӣ,
Покизарӯ, некӯманиш, бо ин фари озодагӣ.

Ҳукми азал дар номи ӯ тоҷи шарафро мондааст,
Яъне ки ӯро аз азал фарзода миллат хондааст.

Ӯ тоҷдор аст аз азал, яъне назарандохта,
Дар пояи хайру шараф бунёди нек афрохта.

Ин лафзи поки Рӯдакӣ доди суханҳо додааст,
Ин шеваи Сино бувад, к-ӯро Бухоро зодааст.

Баҳси забон чун мекунӣ? Бо ин забон андар сиришт
Ӯ омада бо амри Ҳақ бо лаҳни шодоб аз биҳишт.

Худ вожаи «Одам», бубин, лафзи забони тоҷикист,
Ғайр аз забони тоҷикон дар ҳеҷ лафз ин вожа нест!

Не дар забони зиндаи ибрист, не андар араб,
Аммо ба лафзи тоҷикӣ ин гуна бошад мустаҳаб.[1]

Ҳар миллате ин вожаро бо амри дин орад рақам,
Танҳо ба лафзи тоҷикӣ одам бувад асли «Адам».

«Ҳавво»-ву «Одам» тоҷикист, яъне нахустин одамин
Буданд шояд аз азал аз зоти тоҷик дар Замин!?

Пас аз забони тоҷикӣ ҳаргиз мадор, эй дӯст, ор,
Лафзи биҳиштии маро лафзи муқаддас мешумор.

Азбаски «Ҳавво» тоҷикӣ, азбаски «Одам» тоҷикист,
Шояд забони аввалин инсони олам тоҷикист!?

*12.01.2018.*

## СУХАН АЗ ИСТИҚЛОЛ

Сухан аз истиқлол – сухан аз бедорист!
Қад ба қад бо шарафу нанги Ватан хестан аст,
Ҳама борон шуда бар хушкии он рехтан аст!

Сухан аз истиқлол – сухан аз озодист!
Ҳама ҷо даст ба даст,
Ҳама ҷо китф ба китф
Аз сари бухсу бало хестан аст,
Аз фиребу тамаъу макру риё хестан аст!
Чунки як-як ҳама мо
Пайкари фарруху фархундаи Истиқлолем,
Худи мо бо ҳама тан
Парчами пирӯзӣ,
Парчами иқболем.

---

[1] Мустаҳаб – некӯ, мақбул.

Сухан аз истиқлол, на шиор аст, шиори холӣ,
Ин шиорест, ки ҳар як ҳарфаш
Ҳаст аъмоли накӯву олӣ.
Ин шиоре
На зи лофу зи газофу на зи ҳангомаву шӯр аст,
Ин шиорест, ки ҳар ҳарфи каломаш моем.
Ва дар он ҳар нафаре бар дӯшаш
Бори тақдири Ватан чун мӯр аст.

Сухан аз истиқлол – сухан аз виҷдон аст!
На! Сухан нест, бидон!
Пораҳое зи дил асту ҷигар асту ҷон аст!

Сухан аз истиқлол – сухан аз сохтан аст!
Чу сутунҳо ба бинои меҳан
Қомат афрохтан аст!

Қасрҳое, ки ба худ сохтаем бод обод!
Лек бояст кунун
Худамон қасри шуҷоат ва муҳаббат
ва садоқат бошем,
Худамон қасри ҳунар, пайкари ҳиммат бошем.

Нақбҳоро на фақат аз танаи кӯҳи азим,
Балки аз синаи худ низ расонем ба нур.
Роҳҳоро на фақат аз камари кӯҳи диёр,
Балки аз қалб барорему расонем ба дур,

То куҷо мебарад ин роҳ, ки вораста
зи чоҳи таърих,
Нест гар дар ману ту шӯълаи виҷдони Ватан?!
То куҷо мебарад ин роҳ, агар ки набарад
То сари қуллаи армони Ватан?!

Сухан аз Истиқлол – сухан аз бедорист!

## ИСТИҚЛОЛИ МО

Мо туро бо хуни ҷони хештан парвардаем,
Бо нами ашки ниҳони хештан парвардаем.

Мо ба ёди ту ба садҳо ҷабри даврон зистем,
Бо хаёлат дардҳо дар зери дандон зистем.

Ин туӣ, к-аз пайкару пайкори мо рӯидаӣ,
Ин туӣ, к-аз дидаи бедори мо рӯидаӣ.

Ин туӣ рӯида аз таърихи хунини Ватан,
Аз сари сангину аз тамкину аз кини Ватан.

Ин туӣ, к-аз ҳикмати пирони мо рӯидаӣ,
Ин туӣ, к-аз ҷону аз виҷдони мо рӯидаӣ.

Хокат аз хоки вуҷуди рафтагони мо бувад,
Ин Нишонат аз ҳазорон бенишони мо бувад.

Эй ту истиқлоли мо, иқболи мо, иҷлоли мо,
Эй ту шаъни аз шукӯҳу меҳр моломоли мо.

Мо туро дар мағз-мағзи ҷисму ҷон мепарварем,
Мо туро чун устувон дар устухон мепарварем.

Мо ба ёди ту ба сад ҷабру ҷафоҳо зистем,
Як нафас бе ту агар бошем, ҳаргиз нестем.

Ҳамватан! Субҳат ба хайр! Ин субҳи истиқлоли мост,
Ин муҳаббат, ин саодат, ин шараф шаҳболи мост.

## НАВРӮЗ МЕДАРОЯД

Рав, ишқро садо кун, Наврӯз медарояд!
Бархезу дасту по кун, Наврӯз медарояд!

Дигар мабош маҷзуб, зан обу хонаро рӯб,
Рав, ғуссаро раҳо кун, Наврӯз медарояд!

Аз сурате бичӯ сур, аз нусрате бичӯ нур,
Рав, ноларо наво кун, Наврӯз медарояд!

Аз модарон дуо гир, уммед аз Худо гир,
Азми раҳи сахо кун, Наврӯз медарояд!

Аз чашми пир нуре, аз рӯйи тифл суре,
Гиру ба сина ҷо кун, Наврӯз медарояд!

Чун чашма азми раҳ кун, бо чашми гул нигаҳ кун,
Рав, сулҳро сало кун, Наврӯз медарояд!

Мурғи қафас раҳо бод, мурғи нафас раҳо бод!
Ғамро зи дил ҷудо кун, Наврӯз медарояд!

Покиза кун дилатро, покиза манзилатро,
Дар сина меҳр ҷо кун, Наврӯз медарояд!

Рав, дарди синаеро ё доғи кинаеро
Бо бӯсае даво кун, Наврӯз медарояд!

Аз гул шукуфтан омӯз, аз сабза гуфтан омӯз,
Арғушт бо сабо кун, Наврӯз медарояд!

## НАВРӮЗ

Маънои ману намои ман Наврӯз аст!
Қутби ману раҳнамои ман Наврӯз аст!

Озода зи ғуссаҳову осуда зи ранч,
Анвори раҳи раҳои ман Наврӯз аст!

Он махзани пур зи ганчу симу зари ман,
Мероси ман аз ниёи ман, Наврӯз аст!

Гар зинда ба сад ҳазор захми теғам,
Дасти мададу давои ман Наврӯз аст!

Наврӯз! Биё, ки душманон дӯст шаванд,
Эҳсони Худо, сафои ман Наврӯз аст!

Бо ҳар нафас аз умед покизатарем,
Покии ману ҳавои ман Наврӯз аст!

Оинаи хушнамои ойинҳоям,
Дар даҳр ҷаҳоннамои ман Наврӯз аст!

Ишқу адабу фазилати миллати ман,
Ҷуди ману ноҷудои ман Наврӯз аст!

Дар чашму дилам чароғи нури Зардушт,
Тӯмори дилу зиёи ман Наврӯз аст!

Ман дар хати аҳд устуворам зи азал,
Зеро хати устувои ман Наврӯз аст!

Дар баҳри азал сафина дорам аз дил
Лотарс, ки нохудои ман Наврӯз аст.

Дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷавшани ман
Аз душмани ҷонрабои ман Наврӯз аст!

Сад гуна сади садад куҷо садди ман аст,
То ҳафт фалак садои ман Наврӯз аст!

Аз вартаи марг вораҳонад моро,
Бемаргии ман, барои ман Наврӯз аст!

Аз баъди ҳазор сол нав омадаам,
Навбоваи ман, навои ман Наврӯз аст!

Бигзаштаву ояндаву имрӯзи ман аст,
Боқӣ чӣ бувад, бақои ман Наврӯз аст!

*Марти 2017*

## НАВРӮЗИ ТОҶИКИСТОН

Озодигист дар ҷон, Наврӯзи Тоҷикистон!
Шодоби файзу эҳсон, Наврӯзи Тоҷикистон!

Пероҳани муҳаббат, перояи саодат,
Дар пайкари ҳар инсон, Наврӯзи Точикистон!

Пайки умедворон, уммеди дӯстдорон,
Некӣ ба душмани ҷон, Наврӯзи Тоҷикистон.

Андар само ба ҷавлон рӯҳи бузургворон,
Шогунаи азизон, Наврӯзи Тоҷикистон!

Имдоди додҷӯён, иршоди шодрӯён,
Озодагии имон, Наврӯзи Тоҷикистон!

Шаббодаи сафоро, лутфи дари Худоро
Бар дӯши мо биафшон, Наврӯзи Тоҷикистон!

Як сӯй гулфишонист, як сӯй дилфишонист,
Як сӯй бӯсаборон, Наврӯзи Тоҷикистон!

Пар боз кун чу Симурғ, эй парчами ниёкон,
Ҷашни замину кайҳон, Наврӯзи Тоҷикистон!

## СИМОИ ТОҶИКОН

Наврӯзи файзафшон симои тоҷикон аст,
Рӯи сафову некӣ дар ройи тоҷикон аст.

Наврӯз бо ҳазорон оинаҳои покӣ
Имрӯзи тоҷикон аст, фардои тоҷикон аст.

То бар фалак расонад суру суруди худро,
Овои ғижжаку тор овои тоҷикон аст.

Азбаски дар вуҷудаш чун ҷон сухан даромад,
Сарводаҳои сурӣ сарвои тоҷикон аст.

Бунёди нек то ҳаст ин халқ пойдор аст,
Зеро манори некӣ минои тоҷикон аст.

Ин ҷодаҳои гулгун, ин кӯҳи сар ба гардун,
Ин марғзори серун ҷопои тоҷикон аст.

Сад пеша реша дорад дар ҷону пайкари ӯ,
Эъҷози офариниш эҳдои тоҷикон аст.

Ҳар нахли он ҳабиб аст, ҳар пири он табиб аст,
Ин ҷо худи табиат Синои тоҷикон аст.

Азбаски аз муҳаббат густурда хоки покаш,
Дар лонаи муҳаббат улёи тоҷикон аст

## ОТАШИ СОЗАНДА

Ҷашни Садаи Меҳан аз сад сада меояд,
Бунёди ҷаҳолатро оташ зада меояд.

Ин оташи зулматкуш аз умқи ниҳоди мост,
Ин машъалаи тобон симои садоди мост.

Ин миллати оташдил дар соати меъодаш,
Ин машъаларо афрӯхт аз оташи бунёдаш.

Яъне ки ҳазорон сол дар умқ ниҳон медошт,
Анвори муқаддасро дар маъбади ҷон медошт.

Чун аз сари нанг омад, чун санг ба санг омад,
Оҳанги Ҳушанг омад, зебову қашанг омад.

Бар рағми шабони сард ин меҳр фурӯзон бод!
Ин оташи созанда як умр ба ҷавлон бод!

Дар партави ин оташ асли ману мо пайдост,
Пайғоми сафои Ҳақ то авҷи само пайдост.

Афрӯхт ҷаҳонро боз ин оташи зулматсӯз.
Дар оташи ишқи пок, эй дӯст, ту ҷон афрӯз!

Ҷашни Сада эҳё шуд дар кишвари тоҷикон,
Бо шаъни ватандорӣ бо файзу фари шоён.

Ин маҳзари нору нур, ин ҳолаи сури мост,
Арғушти малоикҳо дар оташи нури мост.

Бо оташи оташҳо афрӯхтан омӯзем,
Кину ҳиялу ғамро андохтаву сӯзем.

Имрӯз биё аз нав тоҷи шараф афрӯзем,
Гулхан ба шаб афрӯзем, сози шааф афрӯзем.

Ин оташи аҷдодӣ бигзор фурӯзон бод,
Ин меҳр ба сад ишқу изҳор фурӯзон бод!

Бо рақси аҳурой, бо шогуни зардуштӣ
Дар оташи зулматсӯз аз байн равад зиштӣ.

Дарвозаи Наврӯз аст ҷашни Садаи Меҳан,
Бигзор фурӯзон бод оташкадаи Меҳан!

*23.01.2018*

## ҶАШНИ САДА

Равшанӣ афрӯхт дар рӯи ҷаҳон ҷашни Сада,
Мерасад чун нури Ҳақ аз осмон ҷашни Сада.

Дар дари дарвозаи Наврӯзи хушпайку қадам,
Оташ афрӯзад ба каф чун армуғон ҷашни Сада.

То ки зулмоти ҷаҳонро афканад аз дӯши мо,
Мерасад бо нурҳое дар равон ҷашни Сада.

Аз сари нанг, аз сари санг, аз сари дасти Ҳушанг
Шӯълаафшон меравад то бекарон ҷашни Сада.

То дар ин оташ бисӯзад пайкари мори сиях,
Меравад чун озарахш аз умқи ҷон ҷашни Сада.

То шавад равшан ниҳоди одамин андар ҷаҳон
Мешавад афрӯхта з-ин остон ҷашни Сада.

Халқи тоҷик зодаи фарҳанг, рӯйи неки ӯ
Рӯйи Наврӯз асту рӯйи Меҳргон, ҷашни Сада.

Мисли садҳо асри пешин, чун ҳазорон соли пеш,
Боз ҳам моро зи зулматҳо раҳон, ҷашни Сада!

Ҳамчу пайғом асту нури ҷодаи мардонагӣ
Машъале дар рӯи дасти тоҷикон – ҷашни Сада!

*24.01.2018.*

## ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН

Парчами аввалини миллати мо
Буд пешбанди марди оҳангар.
Дар сари дасти Кова боло шуд,
Дар раҳи адл, дар раҳи бовар.

Парчами аввалини миллати мо
Парчами шаъну додхоҳӣ буд,
Аз паси парчами ҷасорату адл
Сӯйи инсоф халқ роҳӣ буд.

То Фаридун варо мунаққаш сохт,
Парчами тахту тоҷи меҳан кард.
Парчами Ориёни лотасхир
Шомҳоро чу субҳ рӯшан кард.

Парчами аввалини меҳани мо
Дар сари найза парфишон омад.
Зидди ҷабри замона, зидди зулм
Мисли хуршеди осмон омад.

Парчами мо ливои фирӯзист,
Ковиёнӣ дирафши даврон аст.
Дар фарози самои озодон
Ҳамчу Симурғ болафшон аст.

Парчами мо ҳидояти некист,
Рамзи иқболи бегазанди мост,
Парчами мо шукӯҳи озодист,
Парчами мо сари баланди мост!

## ВАТАНИ ҚОНУН

***Ба бузургдошти
Конститутсияи Тоҷикистон***

Миллати мост, к-аз замони қадим
Аз Ҳуқуқи Башар[1] башорат дод.
Ибрату дарси адлу қонунро
Бар тамоми ҷаҳон иморат дод.

Миллати мост, к-аз замони қадим
Монд бар ёдгори худ Қонун.
То шиносад ҳуқуқи худ инсон,
По намонад зи ҳадди худ берун.

Аз Ҳуқуқи Башар башорат дод
Бар замину замон Курӯши Кабир.
Миллате, ки ба ҳикмати Зардушт
Буд худ дар талеаи тақдир.

Одамизод соҳиби Қонун
Шуд ба ҷаҳди гузаштагони мо,
Парчами мост аввалин Парчам,
З-аввалинҳо бувад Нишони мо.

Миллати мо ҳамеша ойина
Дошт дар пеши рӯяш аз Қонун.
Хайру некиву родмардиҳо
Буд ӯро ҳамеша андар хун.

---

[1] Ҳанӯз солҳои 500-уми то мелод, яъне 2500 сол пеш Курӯши Кабир – бунёдгузори давлати Ҳахоманишиҳо Эъломияи Ҳуқуқи Башарро эҷод ва ба инсоният пешиҳод карда буд, ки имрӯз дар роҳрави ошёнаи дуюми СММ ба маърази намоиш гузошта шудааст.

Пояҳои вуҷуди поки ӯ
Пояҳо гашт бар Ҳуқуқи Башар,
Пайки сулҳу башорати некӣ
Буд ӯро ҳамеша болу пар.

Зербуни ҳуқуқу қонунаш
Буда озодагиву озодӣ,
Арҷ бар ҷумла халқу миллатҳо,
Ҳамдилӣ, ҳамҷаворӣ, ободӣ.

Тоҷикистони соҳибистиқлол
Сарбаландӣ дар ин ҷаҳон дорад,
Ҳуҷҷати бахти ӯ бувад Қонун,
Обрӯву фари замон дорад.

Инак озодагӣ, ҳуқуқи шахс
Шуд муқаддас дар ин диёри куҳан,
Ҳар нафас мешавад Ватан обод,
Ҳар нафас мешукуфад ин Меҳан.

Ватани асли асли қонунхост,
Зербуни равонаш аз адл аст.
Бо ҳама ҷабри зиндагӣ зинда
Монда, зеро, ки ҷонаш аз адл аст.

Кишвари дунявӣ, ҳуқуқбунёд,
Дар кушода ба рӯи ёрон аст.
Дӯстро тоҷи сар кунанд ин ҷо,
Чунки ин марз Тоҷикистон аст!

## ТОҶИКИСТОН,
## ПАРЧАМАТ ТОҶИ САР АСТ!

Тоҷикистон, Парчамат тоҷи сар аст,
Парчами ту аз ҳама болотар аст.

Парчами ту Парчами адл асту дод,
Худ дирафши Коваи оҳангар аст.

Парчами ту буда аз ҷилди паланг,
Бегазанду маҳкаму тобовар аст.

Аз миёни халқ гардида баланд,
З-ин сабаб бар Парчами ту бовар аст.

Аз Фаридуни ҳазоронсола пеш
Халқи моро ҷилваи болу пар аст.

Ин дирафши эътимоди халқи мост,
Чун зуҳури адл дар ин мазҳар аст.

Аввалин Парчам чу рамзи давлатӣ,
Дар ҷаҳону дар ҳама баҳру бар аст.

Ин матое нест рангин ҷилвагар,
Ашку хуну хоки мо рӯи фар аст.

Парчами майдони ҳарби асрҳо.
Рамзи ҷони садҳазорон аскар аст.

Рамзи армону умеди миллатест,
Аз сиришти халқи ҳикматпарвар аст.

Парчаме, ки нури Зардушти кабир,
Асрҳои аср ӯро сарвар аст.

Ҷилвагар дар ҳафт гунбад гаштааст,
З-ин сабаб дар рӯи он ҳафт ахтар аст.

Тоҷу тахти асрҳоро дидааст,
Қасри миллатро кунун тоҷи сар аст.

*24.11.2017*

## ЧИСТ РОҒУН?

Чист Роғун? Кохи шаъну эътинои миллат аст.
Саргаҳу сарчашмаи суру шуои миллат аст.

Нест дарғот, ин ки бо худ пеши дарёро бубаст,
Синаи пешонисори Пешвои миллат аст!

Балки Роғун ормон аст, ормони халқи мост,
Интиҳояш ибтидои иртифои[1] миллат аст.

Миллате, ки нур меҷуст аз замони Зардуҳишт,
Нури худро ёфт, нураш дар намои миллат аст.

Миллате, ки нур дорад дар дилу дар чашму рӯй,
Рӯшноӣ дар дилаш нури раҳои миллат аст.

Балки Роғун сурати ин халқи равшандил бувад,
К-ин ҳама ҷаҳду талошаш аз барои миллат аст.

Ахтарафшон як ҷаҳони дигаре дар умқи кӯҳ,
Рамзи покии замири босафои миллат аст.

Ин ҳама эъҷози дар рӯи ҷаҳон бесобиқа,
Аз ватандорист, зеро ин бинои миллат аст.

Халқи мо ин ҷо ниҳоди хешро бинҳодааст,
Чун дар ин бунёд фардои бақои миллат аст.

Санг-сангу хок-хоки кӯҳро ғалбер кард,
Ишқи Меҳан, эй азизон, раҳнамои миллат аст.

Ҳар чароғе, ки фурӯзон мешавад дар хонае,
Ахтари бахту муроди мо, зиёи миллат аст.

Мо на Роғун, хешро аз обу хокат сохтем,
Эй Ватан, эъҷозкори ту вафои миллат аст.

*14.03.2018. – 09.00, Роғун.*

---

[1] Иртифоъ – баланд шудан.

## ДУШАНБЕ,
## ИН ГУЛАФШОНАТ МУБОРАК!

Душанбе. ин гулафшонат муборак!
Биҳишти сабзи доманат муборак!

Ҳама ҷо сабз дар сабзу шукуфост,
Гулистон дар гулистонат муборак!

Ҳама нахлу гули дунё ватан ёфт
Дар ин марзи пурэҳсонат, муборак!

Бисабзад чӯби хушке ҳам дар ин хок,
Чунин эъҷози Яздонат муборак!

Зи чашми тифлаконат нур борад,
Чароғони дурахшонат муборак!

Дар ин дунёи ноорому беамн,
Чунин амни фаровонат муборак!

Бале, маънои тоҷик хайрхоҳист,
Накӯӣ аз ниёконат муборак!

Ба хокат дона резад, ишқ рӯяд,
Сиришти ишқафшонат муборак!

Чу дидам, тахти Рустам нест холӣ,
Фари нав дар Самангонат муборак!

Ҷавонӣ бар сари тахти ту омад,
Фурӯғи нур бар ҷонат муборак!

Диёри сулҳу ишқу дӯстдорӣ,
Дарат боз аст, меҳмонат муборак!

Ба гардун сар кашида тахту тоҷат,
Ливои бахти тобонат муборак!

Иморат дар иморат сар фарозӣ,
Туро дар шона ин шонат муборак!

## ВАҲДАТ ОН ГАҲ
## АБАДАН МЕМОНАД

*Посух ба саволи «Чӣ бояд кард, ки*
*Ваҳдати миллиамон абадан бошад?»*

Ваҳдат осоишу эҳё бошад,
Асли мавҷудияти мо бошад.

Зиндагӣ – рӯди хатарзо, Ваҳдат
Соҳили маҳками дарё бошад.

Ваҳдат он вақт ба мақсад бирасад,
Ки ман-и миллатамон мо бошад.

Ки ҳама қавму маҳал чун рагу пай
Дар тане бошаду якто бошад.

Деҳаи шафқату ноҳияи ишқ
Ватани мо ба ҳар ақсо бошад..

Ҳама ҷо оилаҳо ойинадор,
Хайру эҳсону сафоро бошад.

Хонаи хубиву оилаи хайр
Хонаву оилаи мо бошад.

Мазҳаби ишқи Ватан мазҳаби мо,
Дини мо некии дунё бошад.

Ваҳдат он гаҳ ба сари мо абадист,
Ки чу Додор мубарро бошад.

Ҳама миллат, ҳама меҳан як ҷисм,
Дар вуҷуди ту чу аъзо бошад.

Ваҳдат он гаҳ, ки ҳадафҳои халқ
Аз ҳадафҳои ту боло бошад.

Ваҳдати хок бубин, ин ваҳдат
Боиси сабзиши гулҳо бошад.

Ваҳдати арш бубин, з-ин ваҳдат
Дар фалак суру Сурайё бошад.

Қасри Ваҳдат ба муҳаббат барпост,
Амни миллат ба муросо бошад.

Қалъаи амнияти як халқ аст,
Ваҳдат аз адл чу барпо бошад.

Ваҳдат ишқ аст, ба ҳам будани мост,
Мард бо ишқ тавоно бошад.

Ман ту бошам, ту ман, армони ватан,
Сарвару раҳбаладди мо бошад.

## ҲАМЧУ САВГАНДИ САДОҚАТ

*Ба Қаҳрамони Тоҷикистон,*
*академик Бобоҷон Ғафуров*

Баъди Айнӣ ӯ нишони миллат аст,
Рамзи ору ормони миллат аст.

Ҳамчу савганди садоқат бар Ватан
Исми ӯ андар забони миллат аст.

Чун балогардон китоби «Тоҷикон»
Дар фарози остони миллат аст.

Бар алайҳи тири душман то абад
Чун сипар дар ҳифзи ҷони миллат аст.

Ровии таърихи нангу ори мост,
Достони ростони миллат аст.

Дар кафи мардони бонанги Ватан
Озари озодагони миллат аст.

Дар таҳи болини тифлон ин китоб
Ҳамчунон тӯмори ҷони миллат аст.

Дар садоқат, дар муҳаббат, дар вафо
Ӯ намои шойгони миллат аст.

Дар раҳи армону ору ному нанг
Ҷоннисору ҷонфишони миллат аст.

Қаҳрамонони ватанро зинда дошт,
Ӯ худ акнун қаҳрамони миллат аст.

Тоҷиконро бори дигар тоҷ дод,
Дар сафи тоҷварони миллат аст.

Ӯ ҷасорат, ӯ далерӣ, ӯ шараф
Бемуҳобо дар равони миллат аст.

Чун сутуни адл Бобоҷон Ғафур
Зӯру бозуву тавони миллат аст.

Сангаре, к-ӯ офарид андар сухан
То қиёмат марзбони миллат аст.

Рӯҳи ӯ чун ахтари партавфишон
То абад дар осмони миллат аст.

*29.04.2018.*

# ШЕЪРҲОИ НИМОӢ

## ВОНАМОВУ ВОНАМУДИ МАН

Устухонҳои танамро ғунҷ карда,
Искилетамро ба ҳам оварда,
худро аз сари нав сохта,
Ман ба дунё мебароям,
Хештанро сарфарозу созу бардам
Дар канори саҳнаҳои рӯзгорон
Менамоям.

Кас намедонад, ки дар ҷонам чӣ дард аст,
Дар рагу пайванду виҷдонам чӣ дард аст.
Ман ҳамеша сарбаланду шоду фирӯзам.
Аз вуҷудам вораҳонида худамро,
Сӯхта дар мағзи ҷонам дарду ғамро,
Ханда дар лаб чун гули оташ парафшон,
Мисли гулхан худфурӯзам.

Як намуд изҳору илқои иродатхост
Рӯнамои инчунини ман.
Вонамои ман намои эҳтироми ман ба хеш аст
Дар канори сарзамини ман.

Вонамои ман барои дигарон нест,
Ман бубояд обрӯямро ба пеши худ нарезам,
Ман бубояд дошта
аз домани ихлосу нанги худ
ба пеши худ бихезам.
Дар сари нангу иродат
Ман зи по афтам,

Намеафтам
зи шаънам, аз ғурурам,
Ман сипар дорам алайҳи марг дар ҷони сабурам.
Гар тиҳидастам, надорам ҳеҷ чизе,
Сур дорам,
Як дили пур, як сари мағрур дорам.

Вонамои ман ҳароина
Вонамудам нест,
Кӯшиши ворастан аз ҳабси дарун,
аз дарди умқ,
аз мағзи хун аст,
Кӯшиши мардона рӯи по ситодан
Андар ин даҳри нагун аст.

Ашкҳои ман ақиқу дурру марҷони ман аст,
Ганҷҳоям ёди ёрони азиз
дар дилу ҷони ман аст.

Ҳар нафас, ҳар лаҳза ҳар онам
Ҳамчу як гул,
Ҳамчу як нури навозиш аз шуъои офтоб
Ҳамчу як мусиқии оби равони ҷӯ,
Ҳамчу як шаббодаву як накҳати ҳулбӯст...

Ғуссаҳоро дар ниҳодам ханда карда,
Дардҳоро дар вуҷудам ранда карда,
Хорҳоро аз аз тан, аз пероҳанам
Канда, канда, канда карда,
Ноумедиро миёни мардумон шарманда карда,
Синаро аз орзу оганда карда,
Мебароям!
Дар танам пироҳани ишқ аст!

Шаҳпаракҳои ҳавас ранги ба ранг
Мепаранд аз дидагонам,
Мурғакони вожаҳои ишқ чаҳ-чаҳ мезананд
Рӯи баргони лабонам.

Зиндагонӣ ранг мегирад ба ранги орзуҳои равонам,
Нестам ман дар ҷаҳон,
ман худ ҷаҳонам!

Мебароям ҳар саҳар аз умқи худ
Ҳамчунон хуршед аз умқи уфуқ,
Ҳамчу чашма аз ниҳоди санг,
Ҳамчу гул аз хок бо сад ранг!
Мебароям садди узлатро шикаста,
Аз сари нанг...!

**НИҚОБ**

Рафтаму рафтам, Худоё! Рафтаму рафтам...

Буд марде қоматаш афрохта,
Ҳайкалаш аз бовари мо сохта.
Як кулоҳе дошт дар дастеву бо дасти дигар
Ҷумлаи моро ҳидоят менамуд...

Рафтаму рафтам, Худоё! Рафтаму рафтам..,
Гаҳ савора, гаҳ пиёда,
гаҳ хазида, гаҳ тапида,
Дар тамузу замҳарири рӯзгорон,
Сӯи фардои дурахшон,
Медавидам бесару по,
Медавидам норасида
Норасида мерасидам...

Пеши роҳам сангу обу кӯҳу дарё буд,
Ман хазидам, ман ҷаҳидам, ман паридам.
Ҳар гаҳе абри сиёҳе баст рӯямро,
Барқ гаштам, пардаҳояшро даридам[1]...

Солҳо рафтанд, инак,
Хастаҳолу зору музтар,
Оқибат истодаам дар пушти дар.

Ин ҳамон дар нест?
Ин ҳамон хона, ҳамон даргоҳи модар нест?

Ин чӣ роҳе буд, бар ҷойе набурд?
Ин чӣ самте буд, бар ҷойи нахуст овард?!

Эй Худо, оё тамоми умр
Ман давидам дар ҳамин як ҷо ситода,
Аз сару аз по фитода?..

Зиндагӣ!
Акнун биё,
            вақти ҳисобат омада!
Соати бардоштан аз рӯ ниқобат омада!

Зиндагӣ! Эй пири пурнайранг! Ҳай-ҳай! Шарм бодат!
Қандҳои додаат ҷуз фанд нест,
Пандҳои додаат ҷуз банд нест,
В-ин фурӯғи ту дурӯғ аст!

Ту анори қалби шодоби маро
Хуб афшурдиву афшурдиву шаҳдашро ба комат рехтӣ,
То ки як мушти дили афсурда бо ман монд.
Ту маро, хоки маро дар элаки макрат
Бехтиву бехтиву бехтӣ,
К-аз вуҷудам резахоки мурда бо ман монд.

Зиндагӣ! Вақти ҳисобат омада!
Соати бардоштан аз рӯ ниқобат омада!

Барг-барг аз рӯи ман садбарги хандонам гирифтӣ,
Барқ-барқи озарахши ҷони сӯзонам гирифтӣ,
Чун тиҳӣ гаштам зи нуру аз сафову файзи ҳастӣ,
Аз гиребонам гирифтӣ!

Оқибат ҷуръат маро ҷони дигар дод,
Оқибат қисмат маро они дигар дод,
Даст бурдам, то барафкандам ниқобатро зи рӯят!

Ин чӣ даҳшат?!
Нест дар пушти ниқобат рӯй!
Пушти он холист, чизе нест!!!

Вой бар ман! Вой бар мо! Вой, вой!

Эй Худо, акнун бигирям ё бихандам?!

Илтиҷо дорам, тазарро мекунам,
Зиндагӣ, аз нав ниқобатро ба рӯят каш!
То ки дигарҳо нибинанду нафаҳманд!
Мон, ки ман бо ин фиребу дард монам,
Лек мардум, беҳ бувад бошанд
Волаву мафтуни ин макру фиреби нозанинат,
Мон, даванд акнун, даванд акнун, даванд акнун, даванд,
Аз паси зеботарин макру фиреби вопасинат!

Зиндагӣ! Ҳай, ҳай!..

*16-17 августи 2016*

## ОХИРУЛАМР

***Ба гирифторони таасуб ва хурофот***

*Рӯ ба Ҳақ ҷуз ҳақ маёвар бар абас[1],*
*Бо абас[2] кам рав, ки монӣ дар абас[3].*

.
Метавонӣ бе таҳорат зист, мисли зумрае,
Метавонӣ бо ҳақорат зист, мисли зумрае...

Метавон аз кӯлмакҳо обро бар рӯ заду гуфт:
Обрӯи ман ҳамин аст!
Метавон як умр саргин чиду гуфт:
Пешаи ман беҳтарин аст!

---

[1] Абас – беҳуда.
[2] Абас – туршрӯӣ.
[3] Абас – пору, саргин.

Лек бе имону бе нангу шараф
Зиндагонӣ ҳайфи инсон аст!
Домани гардуну ҳастӣ аз барои одамизод
Ҷилвагоҳи ҳиммату шон аст!

Домани гардун на он майдони дуниву забунист,
Балки майдони сарфарозист,
Балки ҷавлонгоҳи мардон аст!

Бо Худо гуфтан ба лаб, имони ту пайдо нахоҳад шуд,
Роҳи ӯ бар даргаҳи покаш ба ҳар кас во нахоҳад шуд,
То Худо дар дил набошад.
Одами тарсу, таассубхез, дар банди хурофот[1]
Ҳар куҷо бошад, ба банди дигарон аст,
Ваҳму тарсу сархамӣ пеши ҷаҳолат
Бар сараш бори гарон аст...

Сар деҳ, эй нодон, гиребони маро!
Ин гиребони худи туст!
Аз гиребони ҷаҳолат гир, к-ӯ
Душмани ҷони худи туст!

Эй асолатҷӯ, ҳама рафтанд!
Ту худат мондӣ, пиёда,
Дар миёни роҳ танҳо
Бар ҳақиқат тан надода!

Рахш ҳам бигрехт, Рустам ҳам бирафт,
Ханҷари худро ниҳода...

Аз сухан, аз гап ба ҷойе мерасид,
Миллати мо дар Сурайё буд,
Миллати мо миллати маъно,
Миллати фазлу муросо буд...

---

[1] Хурофот – сафсата, гапи бемаънӣ, мавҳуми беасос.

Лек ин дарди хурофот,
Миллати моро басе ҳам дошт маҷзуб,
Миллати моро ба банди макр овард,
Асрҳояш кард саркӯб...

Миллати худкуш, на душманкуш!
Миллате, ки бас ҷасур андар сари хеш аст,
Лек тарсу пеши дигарҳост!
Миллате, ки дар ҳамин асри тамаддун ҳам
Бори ӯ (маъзур медоред) андар дӯши харҳост.

Хез боре аз сари нанг, аз сари ор,
Он мани мадфуни худро
Аз вуҷуди танг, аз гӯри танат буброр!

Эй куҳанмиллат, куҳанмеҳан!
Миллати фарзонаву фарзодаи ман!
Пир гаштиву шудӣ бе пир?!
Чун ба оз афтодаӣ, озодаи ман?!

Ҳарф мегӯӣ ту аз номи Худованду Расул,
Ҳарф мегӯӣ ту аз номи бузургони ватан.
Рӯдакиву Бӯаливу Балъамӣ
Асрҳо буданд наҷми анҷуман.

Лек ҳайфо!
Гар сарат аз ифтихор афрохта
Бар сари чархи барин аст,
То ба зону пойи ту ғӯтида дар лойи замин аст!
Эътимоду эътиқоду боварат
Бар фиребу макр, бар ҳайфу ғабин аст!
Бар дурӯғин фолбин аст!..

Эй Худованди кариму меҳрубон!
Раҳм кун ин миллати фархундаро!!
Аз ниҳоди ӯ барор акнун, барор
Ин палид, ин заҳрогин ғундаро!!!

...Дарк кардӣ?! Дарк кардӣ!?
Сар бидеҳ акнун гиребони маро!

Дигарон кайҳо гирифта аз гиребони фалак,
Дигарон кайҳост роҳе бурдаанд
Аз ниҳоди мӯр то табъи малак.

Рав ту акнун,
Аз гиребони худат гир,
Аз гиребони хурофот!
Аз гиребони таассуб!
Аз гиребони ҳамон Иблис, шайтони лаин,
То раҳо бахшӣ худатро,
            меҳанатро,
                    миллататро
Охируламр
            аз ҳама офот,
                    аз ҳама ифрот..!

## ЭЛАК

Барфҳои бар сари ман рехта
Дар ман аз худ бас сафедӣ мондаанд.
Он ҳама борони раҳмат дар дилам
Аз тароватҳо умеде мондаанд.

Аз танам, аз тор-тори ҷисми ман
Бодҳои солҳо бигзаштаанд,
Тор-торамро наво андохта,
Бо ҳазору як наво бигзаштаанд.

Вақт ҳаргиз аз сарам нагзаштааст,
Вақт дар ман зиндагонӣ кардааст,
Ҳар нафас, ҳар лаҳза андар ҷони ман
Созу шӯри осмонӣ кардааст.

Тор-торамро ба нохунҳо зада,
Боди даврон хуб ҷонамро навохт.
Гоҳ оҳанги ҳазину гоҳ шод
Дар ниҳодам ҷону дилро мегудохт.

Ман тарозуи ҳақиқат будаам,
Будаам ғалбери инсофи башар,
Ҳарчи ман полудам, аз ман рафт, рафт,
Монд гарду резасанги бесамар...

Байни фанду ростӣ истодаам,
Дастеам бар хайру дастеам ба шар,
Зиндагӣ аз дасти ман сӯйе кашад,
Марг аз дастам кашад сӯи дигар.

Ман вале бар осмонҳо мепарам
Чун бувад ишқи Худоям болу пар.
Марг, эй марг, он чи мегирӣ зи ман
Нест ғайр аз пӯстлохи бесамар...

*Сентябр, 2016.*

## ДАР СОҲИЛИ ВАРЗОБ

*«Обро гил накунем...»*
*Сӯҳроби Сипеҳрӣ*

Эй баболобудагон! Эй сокинони деҳи боло!
Обҳо ғажданд, вовайло!
Обҳо лоянд аз боло!
Тоза доред обатонро!

Селҳои нобаҳангоми замон бас нестанд?!
Бар сари оби равони ҷӯй мерезед
Қаҳратонро, заҳратонро,
ғадратонро, ғобатонро,
Он ҳама мағзобаву партобатонро...

Муҳтарам, эй мардуми боло!
Обҳои тоза нӯши ҷонатон!
Пок бодо чун зулоли чашмаҳо чашмонатон!

Лек инсофе! Худоё!
Кош будӣ пок мисли обҳо виҷдонатон!

Эй баболобудагон, эй сокинони деҳи боло!
Обро покиза доред! Обҳо ғажданд!..

Оби софи чашмаҳо буду набуди мардуми моянд!
Покии рӯҳу вуҷуди мардуми моянд!
Дар раги ҳастӣ суруди мардуми моянд!
Балки пайғому дуруди мардуми моянд!

Сокинони деҳи боло! Раҳму инсофе!
Шафқату меҳре!
Аз шумо поён басе халқ аст,
    фарзанди ҳамин обу замин!
Балки хоҳар, додару фарзанду дилбанди шумоянд!
Бояд онон низ оби пок нӯшанд!

Оҳ аз он рӯзе, ки аз ин носипосиҳои мо
Чашмаҳои босафо хушканд,
Чашмаҳои лутфу эҳсони Худо хушканд!
Чашмаҳои чашмҳои мо,
Чашмаҳои ҷони мо хушканд!

Донаи заҳре,ки ҳоло мефиристонед,
Оҳ, метарсам, ки дар поёб аз он рӯяд
    дарахти наҳс,
Рӯяду пайваста шохи шуми дастонаш
То шумо боло равад,
Аз гиребони шумо гирад,
Балки аз ҷони шумо гирад.

Эй, баболобудагон!
Ҳай-ҳай!..
Обҳоро пок доред!
Обҳо виҷдони мо, имони моянд!

## АРЗИШ

Чашм, вақте ки намехоҳад бубинад,
Гӯш, вақте ки намехоҳад шунидан,
Ҷисм безор аст аз будан,
Войи ин соат, дареғи зиндагӣ!

Зиндагӣ он қадр арзиш дораду қимат,
Талхҳояшро бубояд низ ширин хӯрд,
Захмҳяшро бубояд низ рангин дид,
Дардҳояшро бубояд низ роҳат ёфт,
Аз ҳар озораш бубояд нақди ҳикмат ёфт.

Дар ҷавонӣ ёри ман буд зиндагӣ,
Дилбару ғамхори ман буд зиндагӣ,
То ба охир то нафасҳои пасин
Зиндагиро ёр хоҳам буд,
Дар вафо подор хоҳам буд.

Лаззати ҳар дардро эҳсос бояд кард,
Бар худу бар зиндагӣ ихлос бояд кард.

Лаҳзаи беҷо надорад зиндагӣ,
Бе ғаму бе дарди худ
маъно надорад зиндагӣ.

Дӯст бояд дошт ҳар дамро, к-аз они туст,
Чакраҳои хуну ҷони туст...

Маргро ҳатто бубояд дӯст дошт,
Марги худро.
Марг пайғоми Худост!
Бояд ӯро чун нигор оғӯш кард,
Бояд онро чун баҳор оғӯш кард,
Чун баҳори рӯзгори дигаре...
Бояд онро ҳамчу ҷоми лоязолӣ нӯш кард.

Меҳмонро бо табассум гар пазирӣ, меҳмон
Бо табассум медарояд аз дарат,
Бо табассум зиндагӣ осудаву зебост,
                                        ҳатто марг!
Маргро оғӯш кун чу дилбарат...

## МЕРОС

Ин хонае, ки монда ба ман аз абои ман,
Мероси рафтагони ман аз асрҳои аср.
Инак, футур рафтаву резад зи чор самт,
Вайронаест монда маро аз намои қаср.

Қасре, ки бодҳои замонаш шикофтанд,
Қасре, ки тиру тӯпи адӯяш бирехтанд.
Сад бор ман варо зи нав андохтам, вале
Боз омаданду хоки варо боз бехтанд.

Дигар нашуд, нашуд,
Шигифту алам, нашуд.
Сад бор хишт мондаму лояш задам, нашуд,
Тармим кардамаш ба ҳазорон рақам, нашуд.

Он зербуни кӯҳна дигар пойдор нест,
Афсурда хоки кӯҳна дигар рӯйи кор нест.

Дигар чи ҳоҷат аст, ки пӯсидааст он,
З-он қасри пуршукӯҳ дигар нест як нишон.

Эй қасри уфтода, туро оварам суҷуд!
Аз ифтихори рехта бар хокҳо чӣ суд:
Инак, дуруди ман ба ту, бунёди қасри нав!
Инак даруни синаи ман ҷӯш мезанад
Милоди қасри нав.

Инак, сутуни сабри саропои хешро,
Дар пояҳои Кохи Ватан устувон кунам.
Аз устухони худ бикунам устувонаҳо,
То кохи эътибору шукӯҳи замон кунам…

Аз сангҳои сахти кӯҳистони сахтҷон
Аз ашки сангбастаи мардони кӯҳсор,
Аз хоки ишқ, хоки алам, хоки дард, дард…
Кохи туро, Ватан, бикунам боз устувор.

Инак, сутуни тоза тарош аз вуҷуди хеш,
Девори нангу ори мадори диёр шав.
Он кохи ёдгор туӣ, хешро бисоз,
Ҳамчу шукуҳи меҳани худ пойдор шав.

*22.01.2011. Хоҷа Оби Гарм*

## МАСТЕ ДАР РОҲ АСТ...

Меравад аз роҳ масте,
Меравад аз роҳ масте,
Масти масти маст,
Масти маст…

Меравад аз кӯчаҳои умр,
Чун навои умр…
Меравад афтону хезон,
Аз худ, аз олам гурезон,

Меравад аз роҳ масте,
Мебарад мастона ҳастиро,
Мебарад чун муждаи боландагӣ
Ин шааф, ин шӯру мастиро.

Меравад арғушт бо чархи фалак,
Меравад арғушт бо моҳу малак.

Менавардад рӯҳу роҳи ростинро,
Гирдгардон, гирдгардон,
Гирд мегардонад ӯ чархи баринро,
Гирд мегардонад ӯ бо худ заминро.

Бас хушам меояд аз ин сон раҳо будан,
Берун аз олам, бурун аз қайду аз бухлу риё будан,
Ин ҳама болandaгиро дар намо будан…

Меравад сармасту механдад
Бо матои хандаҳояш
Бар таассуб, бар тақаллуб, бар дурӯғи одамиён
Парда мебандад.

Дар намози ҳастии афтону хезонаш,
Дар намози ҳастии буду набудаш
Вақтро механдаду бар хок меорад суҷуд.
Бар ту, эй масти шааф, аз ман дуруд!

Меравад, балки гурезон аст
Аз дурӯғ, аз макру аз ғамҳои ҳастӣ,
Бори дигар ҳам зи ман бодо дуруд
Бар чунин мастӣ!

Оҳ ман, к-аз ҷомҳои лоязолӣ хӯрдаам,
Оҳ, ман ҳам масти маст, афтону хезон
Хешро аз кӯчаҳои эътиқодам бурдаам…

Меравад аз роҳ масте,
Дар хаёлам ҳамдаму ҳамроҳи ӯ ҳастам.
Чунки ман ҳам
Дар раҳи васли худам афтодаву н-афтода гоҳо
Аз сухан, аз ишқ, аз завқи яке дидори воло
Масти мастам…

Рез бар ман, рез бар ман, рез!
Ҷоми заррини муҳаббат

Дар сари дастам.
Рез, ман мастам,
Рез, ман ҳастам…
Меравад аз роҳ масте,
Ҷисми ӯ ҳарчанд дар рӯи замин аст,
Асли ӯ гӯё, ки дар чархи барин аст.
Меравад каҷҷу килеб, аммо
Ӯ ягона раҳгузори ростин аст.

Меравад аз роҳ масте,
Масти масти маст…

Дигарон гар бар замин по мегузоранд,
Бар замин ӯ сар бимонад,
Бар ҳаво ӯ по гузорад,
Балки поро бар сари дунё гузорад.

Муттакояш ҷуз ҳаво нест,
Раҳнамояш ҷуз Худо нест,
Роҳи ӯро то фалакҳо
    интиҳо нест…

*29.01.2011*

## ХОКБОРИШ

Хокбориш, хокбориш…

Медарояд бе иҷозат аз дари мо,
Хоки маҳшарро бирезад бар сари мо…

Тира аз ӯ рӯзи рӯшан,
Хира аз ӯ кӯву барзан.

Ӯ авезон аст чун риши кулуфт
Дар бари рӯи ҳаво
Бо сад таровиш...

Кист аз боло, Худоё, кист
Мефишонад пойандози ба хок олудаашро
Бар сару бар гардани мо?!

Беибо ин гуна мерезад
Хоки моро бар сари мо?!

Дар паси ин рӯву ин риш,
Кист пинҳон?
Хок мерезад ба оши халқ,
Хок мепошад ба чашми одамон…?!

Дар паси ин хокбориш
Он қадар ҳангомаву шӯру шару чанг аст,
Хокбориш нест, балки тӯри найранг аст…

Барбарие аз биёбонҳои дур,
Мерасад гӯё чунин бедодгар?!
Бар сари ҳамдигаримон
Хокрезиҳои мо кам буд магар?!

Аз паси тӯри сиёҳаш
Офтоби мо наметобад,
Осмони мо ба чанги ӯст.

Он насими поки дерин
То дари мо раҳ намеёбад.

Хокбориш, хокбориш…
Ӯ бурун аз қайди қонун аст,
Бе лаҷому бе сару бе мағзу бе хун аст,
Ин балои нобаҳангом аз куҷост?
Аз дарун ё аз бурун аст?!
Аз кадомин дасти афсун аст?!

Мебиёяд ҳар гаҳе хоҳад,
Чун балои осмонӣ,

Мо ҳама помоли ӯем.
Лоилоҷу ломаҳолу лоли ӯем...
Нобаҳангоме ба сад маҳмез меояд,
Мисли растохез меояд…

Эй Худо! Оё адолат дар куҷост?!
Аз канори кӯҳсори мо,
Чашмасору обшору рӯдбор
Покбориш мебаранду мебиёяд
Дар ҷавобаш хокбориш…

Метарошам ҳар саҳар ман риши худро
То намонад зарраи гарде
Дар намои ин нигориш.
Бар биёбони худат рав,
Ин гулистони маро мон,
Хокбориш!!!

Мекунам шукри Худо аз обшори кишвари худ,
Аз зулоли рӯдҳои дар шитобаш,
Медиҳам таскин худамро бо мақоли халқ:
Харчи гарде оварад ҳар боди берӯ,
Мебарад обаш..!

*9.08.2011*

## РӮ БА РӮ БО ЗИНДАГӢ

Ҳеҷ кас чун ман ғамашро сӯхта,
Зиндагии хешро рӯшан накард,
Талхро ширин ба ком андохта,
Ашки худро шабнами гулшан накард.

Ман ғамамаро дар вуҷудам сӯхтам,
Гулхане дар ҷони худ афрӯхтам,
Гарму рӯшан карда сарду тори худ,
Дарди худро зистан омӯхтам.

Хештанро бори дигар сохтам,
Ман зи обу хоки розу дарди худ,
Қомате аз нанги худ афрохтам
Бар алайҳи қисмати номарди худ.

Рӯ ба рӯи зиндагӣ истодаам,
Як ба як дар ҷабҳаи имони хеш,
Нолаҳоро дошта дар пушти лаб,
Дардҳоро дошта дар ҷони хеш.

Ишқи худро дар дарахти зиндагӣ
Сӯи раҳ мисли чароғ овехтам,
То нахушкад рӯдбори зиндагӣ
Об гаштам, об гаштам,рехтам.

*01.08.2015*

# ҒИЗОЛИ ҒАЗАЛ

***Ғазалиёт***

## ҲАР САҲАР

Ваъдаи дидор бо хуршед дорам ҳар саҳар,
Ман ҳанӯз аз зиндагӣ уммедворам ҳар саҳар.

Чун надорам эътимоди олами дору мадор,
Бар кафи додор худро месупорам ҳар саҳар.

Мешавам ғарқи муҳаббат аз нигоҳи тифлаке,
Аз тулӯи чеҳраи ӯ нурборам ҳар саҳар.

Ҳамсадои мурғаконам, ҳамнавои обшор,
Пираҳан аз субҳ дорам дар канорам ҳар саҳар.

Ман сафедӣ ҷустаам як умр, шуд мӯям сафед,
Субҳро чун шири модар дӯст дорам ҳар саҳар.

Ишқро чун офтобе дар дилам мепарварам,
Нурафшон аз нигоҳам мебарорам ҳар саҳар.

То бисабзад дар замини ишқ нахли эътимод,
Донаи андеша бар хокаш бикорам ҳар саҳар..

То сафо бахшам, сафо ёбам ба роҳи ростӣ,
Бо сафедорони раҳ дар як қаторам ҳар саҳар.

Мисли шамшодам, барои шодмонии башар
Осмонро бо фараҳ бар дӯш дорам ҳар саҳар.

Шасти бовар дар кафам дар соҳили дарёи рӯз
То зи умқаш моҳии дилро бидорам ҳар саҳар.

То тулӯъи шамси рӯи ту маро равшан кунад,
Интизорам, интизорам, интизорам ҳар саҳар.

## АРЧАИ КУҲ

Арчаи кӯҳам, ба сад орангҳо рӯидаам,
Ҳамчу фарёд аз канори сангҳо рӯидаам.

Ҷисми ман чун парчами сабзи ҳазорон орзуст,
Не барои ҳезуми беҳангҳо рӯидаам.

Як ба як бибридаву бурданд ёрони маро,
Дасти муште бар сари ин дангҳо рӯидаам.

Дар фазои покҷонӣ чор фасли сол сабз,
Бо ҳамин фар, аз ҳамин фарҳангҳо рӯидаам.

Осмонро рӯи дастонам гирифтам бедаранг,
Бар даранги ишқ, дар ин нангҳо рӯидаам.

Жандапӯшӣ нест андар суннати озодагон,
Дар бари аржан пайи аржангҳо рӯидаам.

Парчами сабзи вуҷуди ман далели фитрат аст,
Чун пару боле ба ранги рангҳо рӯидаам....

## БЕРУН БАРОР

Аз вуҷудат дардро берун барор,
Аз танат номардро берун барор.

Гирди худ то чанд чархак мезанӣ,
Аз танат номардро берун барор.

Хуни худро зеби рухсорат бикун,
Ранги рӯйи зардро берун барор.

Гарм шав дар гулхани гулвожае,
Ин ҳавои сардро берун барор...

Дар ҷаҳон номард бисёр аст, ту
Аз ниҳодат мардро берун барор.

## ДИЁРИ САНГИН

Роҳ дар кӯҳсор сангин аст,
Санг шав, к-ин диёр сангин аст.

Хатари селу тарма меояд,
Оҳ, ҳатто баҳор сангин аст.

Санг н-андоз бар ҷабини кӯҳ,
Бар сарат сангсор сангин аст.

Сар бурун ор, эй сарат аз санг,
Нанг овар, ки кор сангин аст.

Дар кӯҳистон куҷо ту ёбӣ хок,
Дар куҳистон мазор сангин аст.

Санг ҳам об мешавад рӯзе,
Лек ин интизор сангин аст.

## ИН МАҲ КУҶО РАВОН АСТ?

Бо қомати хамида ин маҳ куҷо равон аст?
Бар дӯши қомати ӯ анбони ахтарон аст.

Ин хандае, ки дидӣ дар барги гул шукуфон,
Сад шабнам ашки гиря дар барги ӯ ниҳон аст.

Ин зиндагӣ чу аспе ҷавмасту ношикебост,
Моро паронд аз зин, худ боз ҳам давон аст.

Моро кӣ мераҳонад аз коми осиёбаш?
Поям дар остона, чашмам бар осмон аст.

Пире, ки мекашонад худро ба сӯи масҷид,
Аз пой монда, аммо имони ӯ равон аст.

Он сӯ марав, ки он сӯ коми тамаъ бувад боз,
Ин озаранги зебо зар нест, озарон аст.

Ман бо Ватан шукуфтам, аммо набудам огаҳ,
Дар пушти пушта селе аз чашми мо ниҳон аст.

## ХАБАРАМ НЕСТ

Аз азизони зи мо рафта хабар нест дигар,
Пири андарзбалаб, маҷмаи фар нест дигар.

Ҳама ҷо дар раҳи мо панҷараҳои девор,
Ҷониби хеш маро роҳи гузар нест дигар.

Падарам буд, ки мегуфт чунин бошу чунон,
Падари хеш нагаштем, падар нест дигар.

Ба биҳишт аз лаби мо лафзи биҳиштӣ ҳам рафт,
Вожа андар лаби мо ширу шакар нест дигар.

Шеър оинаи одобу ҷалоли мо буд,
Шеъри гап пур шудаву шеъри ҳунар нест дигар

Ҷигарам об шуду рехт, фидо шуд ҷонам,
Бе ту, эй ҷону ҷигар, ҷону ҷигар нест дигар.

Ба сарам бебасарии басарам бори сар аст,
Бори сар гашт фузунтар, худи сар нест дигар

Охирин ҳарфи хабар бехабаронро ин аст,
Ки хабардору хобаргиру хабар нест дигар.

*11.09.2016.*

## НАВБАҲОРО, ГУЗАРАТ АЗ ЧӢ МАКОН АСТ КУНУН?

Навбаҳоро, гузарат аз чӣ макон аст кунун?
Домани сабзи ту дар дасти хазон аст кунун...

Чӣ сабук болу пар афрохта будӣ дирӯз,
Сар барафрохтани ту чӣ гарон аст кунун.

Рӯд, он рӯди пур аз шӯру қиёму лабрез
Бе шааф, сархаму саргашта равон аст кунун.

Мепарид аз сари харсанг ба сад шӯру фиғон,
Баста дар зергаҳи санги гарон аст кунун.

Булбулу савту наво рафт дур аз оғӯшат,
Зоғҳо омадаву шӯру фиғон аст кунун.

Буда ҷонбахши ҳама сабзаву гулҳои чаман,
Сабза хушкидаву гул дар ғами ҷон аст кунун.

Хабари хуш зи лаби сабзаву гул мечидам,
Хабар оё ба лаби бехаборон аст кунун?

Пирро завқ ҷавон буду ҷавон пире дошт,
Пирҳо рафта ҳама, пир ҷавон аст кунун!

Резад ар об зи чашме, раҳи мо лой шавад,
По ба пайроҳа ниҳодан чи гарон аст кунун.

Сабр кун, сабр, ки аз раҳ нафаси дай омад,
Ҳама уммед ба як барфи гарон аст кунун...

Навбаҳоро, сафарат нек, ки хоҳӣ баргашт,
Ин умеде, ки маро дар дилу ҷон аст кунун.

*13.09.2016.*

## ХАЗОН МЕРЕЗАД

Вақте ки зи шохаҳо хазон мерезад,
Ашк аз нигаҳи фариштагон мерезад.

Он лаҳза, ки барг-барги ҷони хушкам
Чун барги хазон ба сад забон мерезад.

Аз ҳар нафасам ҳавас-ҳавас резад ишқ,
Аз ҳар нигаҳам ба дард ҷон мерезад.

Ман сабру қарори хешро сар додам,
Бар сар нафаси бебасарон мерезад.

Падруд, ҷавонӣ! Фараҳу файзи баҳор
Аз ҳар қадамат равон-равон мерезад.

Аммо ба тамошои хазонрез шитоб,
Сад оҳи дили ту бо хазон мерезаад.

Ҳузни дили ман таровати ёди ту дошт
Дар хотири ман, хазон аз он мерезад.

Оё чӣ тавон кард, чу мерезад барг
Он гуна, ки аз танат тавон мерезад?

Барге, ки сабук кушод болу бупарид,
Пеши қадами касон гарон мерезад.

Ҳар рӯд намерасад ба дарё, дили ман,
Рӯдест, ба ишқи ту ниҳон мерезад...

## ДАР ХАЗОНРЕЗ

Хазонам, хазонам, хазонам, хазонам,
Забунам, забуни замину замонам.

Ба дасти замона сабукбарги хушкам,
Ба дӯши дили худ гаронам,гаронам.

Ҳама абри гирён, ҳама дарди пинҳон,
Ҳама ҷисм як барги хушки забонам.

Ман он охирин барги нахли умедам,
Бимонам, намонам, бимонам, намонам…

Ба оғӯши худ бар маро, боди поиз,
Раҳонам, раҳонам, раҳонам, раҳонам…

Ту гуфтӣ: фидо шав! Фидоят, фидоят!
Ту гуфтӣ, ки ҷон деҳ! Ба ҷонам, ба ҷонам!

Чӣ гӯям, зари ман ҳамин рӯи зард аст,
Агарчи харидори ганҷи ниҳонам.

Диҳам ҷон ба қаҳ-қаҳ чу он барги поиз.
Ба овои рози ниҳони равонам.

*10.09.2015*

## ЯК СУОЛЕСТ МАРО

Як суолест маро: ман ба худам даркорам?
Гӯшӣ мегӯяматон: ман зи худам безорам!

Ба куҷо мебарам ин бори гарони танро?
Чист ҳоҷат ба матое, ки манаш медорам?

Баҳри кӣ сар зада, худро бубарорам ҳар рӯз
Аз гиребони шуҷоат, зи сиришти орам.

Он қадар рафт ба комам, ки шигифто, ҳоло
Кунам андеша, ки ман одамиям ё ғорам?

Ин чӣ кор асту чӣ бор асту чӣ ор асту чӣ ёр?
Сар надоред магар?! Ман ба алам сар дорам.

Ин чӣ асрори ниҳон аст, ки ман бехабарам,
Гарчи худ бо ҳама тан пардаи ин асрорам?

Розҳоест, ки дар ғунчаи лаб нашкуфтаст,
Созҳоест ниҳон дар қабати ҳар торам.

Аз бурун рӯ зада аз нанг гули хандонам,
Аз дарун хор манам, хор манам, ман хорам.

Ҳосилам чист зи полези таассуб фардо,
Ман аз ин тухми палағгашта чӣ мебардорам?

Дасту по мебизанам, то ки нағарқам, аммо
Ғарқи андешаву дарду ғами садҳо корам.

Гар як инсон ба ҷаҳон шод бувад, ман шодам,
Гар яке зери фалак зор бувад, ман зорам.

Ман чу абре ҳама ашкам, ки бидорам худро,
Лек тарсам, ки дар охир ҳамаро меборам.

Ман ҳама умр барои дигарон зистаам,
Зинда ҳастам ба ҷаҳон, то ба касе даркорам.

## ДАР КАНОРИ ЗИНДАГӢ

Ман сафедорам канори рӯдбори зиндагӣ,
Сарфарозу сабзу хуррам дар мадори зиндагӣ.

Эй Худо, дар шохсорам лонаи паррандаҳост,
Он мабод аз чӯби ман созӣ ту дори зиндагӣ.

Ҳарчи омад аз қазо бар дӯш, ман бардоштам,
Ман наяфкандам зи дӯши хеш бори зиндагӣ.

Эй ки чун маркаб шудиву зиндагӣ гаштат савор,
Зиндагиро ром кун, худ шав савори зиндагӣ.

Зиндагӣ ҳам дӯст медорад ҳамон касро, ки ӯ
Будааст аз мағзи ҷонаш дӯстдори зиндагӣ.

Зиндагӣ ҳам хешро созад нисори он касе,
К-ӯ вуҷуди хешро созад нисори зиндагӣ.

Боварат гар монд тарсу пушти девори ҳавас,
Нестат ҷои гурез аз инҳисори зиндагӣ.

Зиндагӣ мард аст, бо ӯ ҳар нафас мардона бош,
То ки бошӣ сарбаланди нангу ори зиндаӣ.

Зиндагиатро бидеҳ оро ба монанди арӯс,
То нигоҳи вопасинат бош ёри зиндагӣ.

Ман на онам, то варо помоли номардон кунам,
Сар ба гардун мекашам дар зери дори зиндагӣ!

## ДАР САНГҲОИ ХУФТА

Дар сангҳои хуфта паёми шарор нест,
Санге шарорабор дар ин кӯҳсор нест.

Омад садои мурғи дили ёри интизор,
Садҳо савор омаду он шаҳсавор нест.

Эй ҳамватан, чӣ суд зи даъвии марзу бум,
Гар дар шамими васли ту бӯи диёр нест.

Субҳи дил аз кадом гиребон дамад, агар
Як худфурӯзи содиқи шабзиндадор нест.

Чун метавон ба пояи ту дастком шуд,
Пойе ба роҳи ҳиммату дасте ба кор нест.

Ҳастанд ҳамҷавор басе, ҳамканор ҳам,
Оне ки ҷон барои ту созад нисор нест.

Кас нест то хабар бубарад бар гули баҳор,
Нашкуф аз ин фиреб, ки ҳоло баҳор нест.

Ҳар кас ки шамъи ишқ барафрӯхт, огаҳ аст,
Нуре ки ҳаст дар дили шаб дар наҳор нест.

Имрӯз ҳам навои аналҳақ зананд, лек
Он марди сарбаландтар аз пойи дор нест.

## ОЁ КУҶО РАФТ?

Бипурс аз хештан оё куҷо рафт,
Ҳама тире, ки аз дастат раҳо рафт?!

Фазоро пардаи исмат даронид,
Ҳама тире, ки аз инсон хато рафт.

Касе зад тир, тираш боз омад,
Варо худ аз варо то мовaро рафт.

Зи боло бар сарат резад балоҳо,
Агар тират ба боло нобаҷо рафт.

Тароватҳои айёми ҷавонӣ
Чунон, к-аз дасту пойи мо ҳино рафт..

Камон омад, камон шуд қомати ман,
Вафо рафту сафо рафту бақо рафт.

Давидам сӯйи даргоҳаш ба уммед,
Бигуфтандам: Куҷо будӣ? Худо рафт...

## ҲАМВАТАН СУБҲАТ БА ХАЙР

Ҳамватан, субҳат ба хайр, обод бош!
Чун саҳар озодарӯ, озод бош!

Ҳар нафас аз осмонҳо мерасад
Хуш паёме, маъбади меъод бош!

Хандаро чун гул ба лабҳоят гузор,
Ид бар, идонаи иршод бош!

Аз лаби гул бо лабонат ханда чин,
Мисли гул як рӯз бошу шод бош!

Ханда кун, хуршеди роҳи хеш шав,
Доди доде деҳу доди дод бош!

Ишқи Ширин шир рӯёнад зи санг,
Фар бару фархундаву Фарҳод бош!

Бодҳои тунд агар бархостанд,
Шони худро шона кун, шамшод бош!

Дар намозат ояҳои ишқ хон,
Дар фарози худ фарози ёд бош!

Одамӣ эъҷози эҷоди Худост,
Муждаи эъзоми[1] ин эҷод бош!

## ЗИННАТИ МАРДОН

Зиндагонӣ ҳиммату эҳсон бувад,
Суннати мардонаи инсон бувад.

Нест қоим бар ҳама кас ин либос,
Зиндагонӣ зинати мардон бувад.

[1] Эъзом – бузург доштан.

Ман ба ваҷд оям, агар бинам, ки мард,
Дар вуҷудаш гулхани виҷдон бувад.

Бе фару афтодарӯҳу бе шарар…
Ҳайфи инсон ӯ агар ин сон бувад.

Кист инсон, пойи ӯ андар замин,
Рӯҳи ӯ дар чарх болафшон бувад.

Дар намон, дар худ дари ҳиммат кушо,
Он даре, ки ҷониби кайҳон бувад.

Ишқро дар дил махон ҳаргиз ту ишқ,
Ишқ он ишқаст, к-андар ҷон бувад.

Зиндагониро макун таслими дард,
Бош бо дарде, ки худ дармон бувад.

Он ки мемирад ба роҳи ишқ, ҳамд,
Мурданаш арзандаву осон бувад.

Тоҷики гумкардатоҷи ман кунун
Тоҷи заркӯби ту дар кайҳон бувад.

Тоҷ мехоҳӣ, бирав ораш ба даст,
Тоҷ подоши забардастон бувад.

Кам мабин, к-аз обҳои кӯҳи мо
Осиёби Осиё гардон бувад.

*31.01.2011*

## ДАРСИ ҶАВОНМАРДӢ

Сукути сангу моҳи шом овое ниҳон доранд,
Ҳама аҷноси беҷон дар ҷаҳони худ ҷаҳон доранд.

Гумон кардӣ дарахтон, сабзаҳо, гулҳо ҳама лоланд,
Ки гӯётар ба ҳар барг аз забони мо забон доранд.

Забони ин табиатро касе донад, ки медонад,
Ки инҳо розҳову рамзҳо дар осмон доранд.

Ҳама ин ғайрату зӯру виқори одам аз ишқ аст!
Вагарна одамон дар чӯби ҷисми худ чӣ ҷон доранд?!

Ғанӣ он нест, к-ӯ ганҷи ниҳон дорад, ғанимардон
Ба ҳар афтодае аз хони худ як пора нон доранд.

Ба дунё омадӣ, омӯз дарси покҷониҳо,
Зи покӣ чашмасоронро бубин, табъи равон доранд.

Намон беҷо қадам дар тангроҳи кӯҳсорон, дӯст,
Паси ҳар сахра садҳо сангрезоне ниҳон доранд.

Алам ҳаргиз ба олам ҳамдами боэътимоде нест,
Зи тамкин кӯҳҳо, бингар, ки бар сар осмон доранд.

Ҳама дарси ҷавонмардӣ, ҳама дарси ватандорист,
Ки бо садҳо забон ин кӯҳсоронат баён доранд.

*19.01.2012*

## САХТҶОНӢ

Сӯхтам, лек оташам роҳи маро рӯшан накард,
Душманӣ бо худ чунон кардам, ягон душман накард.

Он мани ман бо мани ман онҷунон шуд мангирифт,
Ман аз он раҳматпарастонам, ки раҳми ман накард,

Дар ғиребу дар фиребу дар заҳеби зиндагӣ
Уфтодам, хестам, маънӣ маро маъман накард.

Ғӯра-ғӯра рехт аз ман меваҳои хоми ман,
Боғбони ман наомад, оҳакам бар тан накард.

Ин манам, маслуб худро карда дар чӯби бадан,
Ҷони ман бегона буд, ҷисми маро меҳан накард.

Заҳмати бисёр рафту тухма чун бегона буд,
Ҳулбае, ки сабз кардам, бӯи овешан накард.

Дар самуму замҳарири рӯзгори гарму сард
Сахтҷоние, ки ман кардам, ягон оҳан накард.

Риштаи умрам басо чархид дар чархушти вақт,
Лек чархам по ба пои чарх чархидан накард.

*Декабри 2011*

## ОЁ РАВОСТ?

Эй Худо, як гул миёни хорҳо, оё равост?!
Як сари беҷурм зери дорҳо, оё равост?!

Ман чашидам талху шӯри зиндагиро борҳо,
Лек, дардо, борҳову борҳо оё равост?!

Эй басо инкор кори нек шуд, ин кори кист?!
Ё ба користони ҳақ ин корҳо оё равост?!

Ҷони озоди маро озурдагӣ бас озмуд,
Бар сари озодагӣ озорҳо оё равост?!

Омадам аз дури дури дур, то бинам, ки ишқ
Медурахшонад маро, дидорҳо оё равост?!

Ман муҳаббат мебарам дар дил, ту нафрат дар забон,
Сели ваҳшат бар сари гулзорҳо оё равост?!

Хонабардӯшем мо аз макри шайтони лаъин,
Боз сарборанд ин сархорҳо, оё равост?!

Эй сиришта тору пудат аз навои Борбад,
Бенавоӣ мебарӣ дар торҳо, оё равост?!

Дар сари мардони даҳр андешаи фардои худ,
Дар сари мо печиши дасторҳо, оё равост?!

Омадам, то тоҷи ишқат монам, эй тоҷик ба сар,
Тоҷ ҳасту нест сар, беорҳо, оё равост?!

## ЧАШМ ПӮШИДА

Чашм пӯшида, маро чанд намо мебинӣ!?
Ман ба рӯ менигарам, ту ба варо мебинӣ!

Сӯи ойина ту ҳар гаҳ ба худат менигарӣ,
Асли худро, ки намебинӣ, киро мебинӣ?

Нек дар чашми ту зишт аст агар, зиштӣ чист?
Ман, дар ин ҷазба муҳаббат, ту ҷазо мебинӣ.

Ту ба ин пунбаи дар гӯш чиҳо мешунавӣ?
Ту ба ин дидаи барбаста чиҳо мебинӣ?

Шарм бодат, ки туро пардаи шарм афтода!
Айб бодат, ки фақат айбу хато мебинӣ!

Гул дар оғӯшиву худ буттаи хорӣ, чи аҷаб!
Хори худро ба ҳама чанд раво мебинӣ!

Ту гулӣ, руста ба сад ранг ба перояи хор!
Заҳри худро ба ҳама мисли даво мебинӣ?

Ҳарду бинем ба хуршеди саҳаргаҳ, аммо
Ман дар ин рамз ризову ту ғазо мебинӣ.

Ман зи ҳар рӯй фурӯғу ту фано меҷӯӣ,
Ман раёҳин бипазирам, ту риё мебинӣ.

Шубҳаву кинаву ғайбат ҳама ёрони туанд,
Ҳар ки санге ба ту андохт, зи мо мебинӣ.

«Чашми ман бар ҳунару чашми ту бар айб бувад,
Ман зи ойина сафову ту қафо мебинӣ»[1].

*5.09.2016.*

[1] Байт аз Соиб

## БО МАН БОШ

Дар дилам ганҷи ниҳон аст, биё, бо ман бош!
Зиндагонӣ гузарон аст, биё, бо ман бош!

Ин хазоин, ки туро ҷазбаи он ҷаззоб аст,
Ҳама дар дасти хазон аст, биё, бо ман бош!

Оҳ, сард аст дами яъс ба навмедӣ, ишқ
Дар дилам шӯълафишон аст, биё, бо ман бош!

Гавҳари ашки туро дар кафи дил хоҳам дошт,
Ки дар он нури ҷаҳон аст, биё, бо ман бош!

Метавон дар шафақи он шаафе гарм бишуд,
Ки ба ҳар бӯса ниҳон аст, биё, бо ман бош!

Ид шав, идии ман бош, ки идона ҳаёт
Иддаои дилу ҷон аст, биё, бо ман бош!

Акси хушбахтии худро зи нигоҳам дарёб,
Ки чу оина аён аст, биё, бо ман бош!

*Январи 2012*

## ЧӢ КУНАМ?!

Ин сари суда ба поро чӣ кунам?!
Дили маҷзуби ҷазоро чӣ кунам?!

Захма бар захми дили ман мазанед,
Нолаи дарднаворо чӣ кунам?!

Рафт Сӯҳробу умеди мо рафт,
Дер шуд, дер даворо чӣ кунам?!

Ғамам аз шодиятон обистан,
Шодии дардфизоро чӣ кунам?!

Захми носури дилам гирён аст,
Ба тани дард ридоро чӣ кунам?!

Косаи давр агар гардон нест,
Косаи дасти гадоро чӣ кунам?!

Душман он аст, ки душман бошад,
Душмани дӯстнаморо чӣ кунам?!

Ҳар қадар пур бикунам, боз тиҳист,
Коми носери Шуморо чӣ кунам?!

Решаи рушди рибо рншаи кист?
Решаи рушди рибоеро чӣ кунам?!

Ҳама ҷо ҷилва кунад ранг ба ранг,
Рӯи садранги риёро чӣ кунам?!

Боҳамонем, ба ҳам бегона,
Васли аз асл ҷудоро чӣ кунам?!

Баски дар сурати мо сират нест,
Ин ҳама суру садоро чӣ кунам?!

*12.03.2012.*

## РАМА

*Нақизаи ҳазлона ба шеъри устод Турсунзода*

«Чӯпон ба сари сангу чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг паридан рама дорад».[1]

Як сӯ ҳама гургону палангон паси пушта,
Дидан ҳама доранд, надидан рама дорад.

Дар пеши рама як бузаку аз паси ин буз
Ҳар сӯ, ки кашад низ давидан рама дорад.

Тарсам, ки буз охир бубарад ҷониби варта,
Ҷар омада аз пешу расидан рама дорад.

Аз селу фалокат хабаре нест варо ҳеҷ,
Аз пешу паси пушта хамидан рама дорад.

---

[1] Байт аз Мирзо Турсунзода.

Ноогаҳ аз он қисмати пешонӣ равон аст,
Уллоси басе гург шунидан рама дорад.

Аммо наҳаросед зи гургону шағолон,
Аз нойи шубон шавқи ҷаҳидан рама дорад.

Чӯпон, ки худаш нест кам аз гург, натарсед,
Аз панҷаи сад гург раҳидан рама дорад.

Чӯпон ба асочӯб чу бидҳад адаби гург,
Пеши қадамаш, бин, ки хазидан рама дорад.

Чӯпон ба миёни рама аз шавқ бирақсад,
Дар пешу бараш низ ҷаҳидан рама дорад

Беҳуда махур ғам, рама хоҳад рама будан,
Шукрона куну бин, ки чаридан рама дорад.

## ЧУН ДАРОМАД

Ин хоку чанги берун бар хона чун даромад?!
Дар хонаи дили ман бегона чун даромад?!

Номард агар набошем, эй дӯст, душмани мо
Бар хонаи ману ту мардона чун даромад?!

Ин боди сеҳру афсун моро ба коми худ бурд,
Бар ин ҳақиқати мо афсона чун даромад?!

Он шаҳсавори Шабдиз, он Рахштози мозӣ
Полон ба дӯши худ аз полона чун баромад?!

Аз ин садаф, ки холист, аз ин вуҷуди ночиз
Гавҳар куҷо фурӯ рехт, дурдона чун баромад?!

Аз шонаҳои меҳан кай шаъни мо фурӯ рехт,
Ин бори номуродӣ бар шона чун баромад?!

Он девкуш, ки таърих мекард мадҳи ӯро,
Аз ин набарди бо худ девона чун баромад?!

Зарпечаки забунӣ сад киштаро фурӯ бурд,
Дар ин замини зархез ин дона чун баромад?!

*06.02.2012.*

## БИДИДАМ, МУРҒАКЕ

Бидидам, мурғаке, к-андар қафас буд,
Шикастабол, бишкастанафас буд.

Касе, ки дом бинҳодаш, чӣ дил дошт?
Касе, ки кард дар бандаш чӣ кас буд?

Ҳар он қадре, ки сар мезад, чӣ ҳосил,
Ҳар он қадре, ки пар мезад, абас буд.

Маро аз ҳоли зори рӯзгорам
Ишорат аз Худо ин қадр бас буд

Барои мурғак ин зиндони даҳшат,
Барои одам ин танҳо ҳавас буд.

Гаҳе нолон, гаҳе хомӯшу музтар,
Ҳама додаш ба ёди Додрас буд.

Варо з-ин боғи хуррам як биёбон,
Вале озод будан, беш бас буд.

Бидидам, мурғаке андар қафас буд,
Маро мурғак, ту гӯи дар нафас буд.

*Май, 2016*

## ДАР ЗИМИСТОН

Дар зимистон чӣ баҳорест гулафшону шигарф!
Гулнисоранд дарахтон ҳама ҷо аз гули барф.

Навдаҳо мисраи розанду паёми эзид,
Ба алифбои муҳаббат, ту бихон ҳарф ба ҳарф.

Боғи гулҳои сафед асту таманнои сафед,
Шаҳри мо шаҳри сафедист ҳама тарф ба тарф.

Ҳар куҷо барги хазон дар кафи шахшӯли чанор,
Дар назар чумчаи лабрез намояд аз тарф[1].

Жола-жола бичакад барги гули ишқи сапед,
Дили ман пур шавад аз нусрати ӯ зарф ба зарф.

Ба зарофат чи зариф аст зимистон, эй дӯст,
Замҳарирест, ки аз мову ту мехоҳад зарф[2].

Ин сапедӣ ҳама обистани ишқ асту навид,
Ҳар куҷо буд сиёҳӣ, ҳама ғӯтида ба жарф.

*15-17.01.2012*

## БЕТАРАФӢ

Рост умрест, ки мо бетарафем,
Ту бигӯ, аз чӣ, чаро бетарафем?!

Бетараф аз чӣ замин мерӯяд?
Аз чӣ мо мисли ҳаво бетарафем?!

Бингар, ин бетарафӣ – бешарафист,
Чанд дар пеши риё бетарафем?!

Нанг доем?! Чаро хомӯшем?!
Рӯи мо хӯрд рибо, бетарафем.

Бетараф будани мо марги касест,
Адл дар коми бало, бетарафем.

Нафси бад хӯрд сари қонунро,
Сарамон шуд сари по, бетарафем.

Оқибат бетарафонро ҳам бурд
Фанди ин сели фано, бетарафем.

Ватан аз дасти бадон бадхим[3] аст,
Чӣ шигифто, чӣ бадо, бетарафем!!

*19.02.2012*

---

[1] Тарф – чурғот.
[2] Зарф – тоқат.
[3] Бадхим – бемории мушкилшифо.

## ОСТОНИ ХАЛҚ

Як умр месурудам шеъру таронаи халқ,
Чун қатрае ба дарё будам ягонаи халқ.

Оини халқ моро оина дода дар даст,
Пок аст зиндагонӣ дар остонаи халқ.

Маънои ҳастии мо расму русуми халқ аст,
Шодему шодҷонем бо шодиёнаи халқ.

Эй хонаат пур аз нур, ҳаргиз масоз хона,
Болида аз баландӣ боло зи хонаи халқ.

Олам бисӯхт рӯзе, к-аз як забона оташ
Дар сад забон забона зад чун забонаи халқ.

Бо номи халқ чанде пур карда коми худоро,
Сад бор халқ ғорат шуд бо баҳонаи халқ.

Дар рӯзи дарду мотам бе мутакко набудам,
Зеро ки будаам ман ҳамошёнаи халқ.

Дороият чӣ дорад дар дори зиндагонӣ?
Дорӣ миёни маҳкам андар миёнаи халқ.

Дар мазраъи дили халқ оё чӣ дона киштӣ,
Ҷав руст ё ки гандум аз он ҷавонаи халқ.

Дар роҳи охират ҳам дорам умеди Додор,
Тобути ман бирақсад дар рӯи шонаи халқ.

*19.02.2012*

## ЧӢ БОЯД КАРД?!

Бо ин ҳама мову ман чӣ бояд кард?!
Бо кавдани бедаҳан чӣ бояд кард?!

Нозода зи модарон маҳалбозанд
Тифлони ту, эй Ватан, чӣ бояд кард?!

Бисёр шуданд дар диёри мо
Мардони ба табъи зан чӣ бояд кард?!

Гаҳ модаву гаҳ наранд, гаҳ хунсо
Бо ҳамнасаби заған[1] чӣ бояд кард?!

Бо ҳам чӣ далеру тунд, бо душман
Сад ларза ба ҷону тан, чӣ бояд кард?!

Ҳар сӯ бикашӣ чу обҳо ҷорист,
Гаҳ муслиму гаҳ шаман, чӣ бояд кард?!

Бар авҷи фалак расад фукаш имрӯз,
Бо ин ҳама лофзан чӣ бояд кард?!

Сад деги бало ба ҷӯш меояд
Дар оташи ин даҳан, чӣ бояд кард?!

Бубрида сари худаш ба душман бурд
Бардошта бо лаган, чӣ бояд кард?!

То чанд зи дигаронӣ домангир
Дар доманаи даман?! Чӣ бояд кард?!

Он сӯ ҳама вартаи фалокатҳост,
Ин сӯ туву ман, Ватан, чӣ бояд кард?!

*04.03.2012*

## ДИЛАМ МЕТАРСАД

Аз ришваву аз риё дилам метарсад,
Рӯ кун ба Раб, аз рибо дилам метарсад.

Гӯри шарафи кист даҳони носер?!
Аз ин чаҳи noраҳо дилам метарсад.

Фарёд зи коми нафси носер, к-аз ӯ
Чун аз дами аждаҳо дилам метарсад.

[1] Парандаест, ки аз рӯи ривоятҳо соле нар бошад, соле мода. Чунончии Анварӣ гӯяд:
Рӯзгоро чун зи анқо менаомӯзӣ ҳаёт,
Чун заған то чанд соле модаӣ, соле нарӣ.

Дорад ба даҳони худ даҳ ангушт, эй дод!
Аз даҳшати ин дағо дилам метарсад.

Гар зиндагӣ хӯрдан асту мурдан, ҳайҳот!
З-ин ҳастии бебақо дилам метарсад.

Ин кибри киборзодаҳо аз ҳад рафт,
Аз кинаи кибриё дилам метарсад.

Ҳоло, ки ҷаҳон ба коматон мегардад,
Аз оқибати шумо дилам метарсад.

Тарсу наяму набудаам тарсу ҳеҷ,
Лек аз ғазаби Худо дилам метарсад

*07.03.2012*

## ОМАДУ РАФТ

Хез аз хоб, саҳар омаду рафт,
Қадри худ дон, ки қадар омаду рафт.

Осмоне, ки гуҳарафшон буд,
Шаби хобат ба гузар омаду рафт.

Ҳайфи ин ҳастии дурӯзаи мо,
Чу мусофир ба сафар омаду рафт.

Ҳайфи умре, ки ба д-ин бетарафӣ
Ба ҳузуру ба ҳазар омаду рафт.

Ҳайфи он қомати тире, ки ба даҳр
Ҳамчу тири ба ҳадар омаду рафт.

Бар сари меҳани хушбовари ман
Чӣ қадар селу хатар омаду рафт.

Хоки мову ту нашӯрид, дареғ,
Гарчи сад шӯру шарар омаду рафт.

Мурғи беболу паре шуд боғам,
Ҷаҳл дар даст табар омаду рафт.

Дар бубастӣ, на ғарибу на гадо,
Бахти ту аз паси дар омаду рафт.

Нест исонафасе дар раҳи мо,
Ҳазрати Хизр магар омаду рафт?

Бетафовут нигаристиву нишот
Қатра-қатра чӣ қадар омаду рафт.

Қадари мо чи қадар беқадр аст,
Варна сад шасу қамар омаду рафт.

Мерасад навбати Мункар ва Накар,
Зиндагӣ чун ба зарар омаду рафт...

*18.02.2012*

## ВАТАНАМ ЧАШМАИ ПОК АСТ

Ватанам, чашмаи пок аст дили мардонат,
Покҷонӣ ту ҳанӯз аз нафаси поконат.

Як нафас хез зи афсун тани худро афшон,
То бирезад ҳама огарди бари домонат.

Сар ба сар бо сари чун сарви шуҷоат хезем,
Сина бар боди ҳаводис, надиҳем осонат.

Боз Наврӯз расиду ҳама пирӯзи худанд,
Мешитобанд ба сӯи ту ҳама пазмонат.

Ошиқи аъанаву суннати волои туянд,
Оламиён ҳама гирд омада гирди хонат.

Гар адӯ бурд ҳама ганҷу зару симатро,
Натавонист барад накди туро аз ҷонат.

Накди бунёди накӯ, суннати мардони шариф,
Накди меҳрест, к-аз он пур шуда дастархонат.

Хокбориш ба сарат борад агар боке нест,
Барад огарди туро оби зулолафшонат.

*21.02.2012*

## ХОНАТАКОНӢ

Навбаҳор омада, мо хона таконем, биё!
Гард аз домани андеша фишонем, биё!

Шишаи панҷараҳои нигаронро шӯем,
Бехабар аз қадами ёр намонем, биё!

Нафасе тоза кунему ҳавасе тоза кунем,
Ишқ то дар дили мо ҳаст, ҷавонем, биё!

Нарасидем агар бар сари он қуллаи фатҳ,
Ба лаби чашма лаби хеш расонем, биё!

Дар рухи ёр табассум гули бахт асту мурод,
Муждаи васл чу гулҳо ба лабонем, биё!

Гираҳи банди дили яхзадаро бикшоем,
Сина ганҷинаи асрори ниҳонем, биё!

Ҳама тан пайкараи нусрату мастиву сурур,
Ҳама дил соиқаи ишқи ниҳонем, биё!

Эй ки ҳар як ҷадамат пайки умеду шодист,
Сад нигоҳе ба нигоҳат нигаронем, биё!

## ЧАРО НАШУД?!

Гуфтам, ки бо ту сар бубарорам, чаро нашуд?!
Бошам шукӯҳу шаъни диёрам, чаро нашуд?!

Аз чоҳи фақру аҷз бурун оварам туро,
Бар шоҳроҳи ишқ биёрам, чаро нашуд?!

Гуфтам туро зи кӯҳи ғурур, ифтихори пуч
Бар роҳи васли хеш дарорам, чаро нашуд7!

Он сӯи ту фалокати Меҳан бувад, туро
З-ин вартаи хатар бадар орам, чаро нашуд?!

Теғи маҳалгаро тани Меҳан дарондааст,
Гуфтам туро, Ватан ба ҳам орам, чаро нашуд?!

Гуфтам, бас аст хизмати аъдо, зи баъди ин
Хизмат ба халқи хеш гузорам, чаро нашуд?!

Гуфтам, равам ситора биёрам аз осмон,
Дар пеши пойи ёр гузорам, чаро нашуд?!

Гуфтам, таворахҳои тавони ман аст халқ,
Берун раҳам зи банди таборам, чаро нашуд?!

Гуфтам, ки аз асорати сеҳрат раҳо кунам,
Исосифат равам ба исорам, чаро нашуд?!

Гуфтам дар ин диёри худодод баъд аз ин
Чун дар биҳишт по бигузорам, чаро нашуд?!

Гуфтам, ки ин таассуби миллаткуши туро
Монам каноратар зи канорам, чаро нашуд?!

Ҷӯйе канам, зулолии оби нишотро
Бар ташнагони ишқ биёрам, чаро нашуд?!...

*08.02.2012*

## БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор мерасад, туро дубора зинда мекунад,
Намои дилбаре ба як назора зинда мекунад.

Ғами ту ханда мекунад ба дарду ғусаи ҷаҳон,
Фурӯғи дил туро ба як шарора зинда мекунад.

Навои сози ҷӯйбор, ҳавои хандаҳои ёр,
Садои нойу таблаку нақора зинда мекунад.

Умед медамад чу субҳ, аз он ки ҳастии туро
Азони мурғак аз сари манора зинда мекунад.

Туро садои рӯиши гули ҳавас дар умқи ту,
Садои тифлак аз паси тавора зинда мекнад.

Анори дил фишурдаам, ба саҷдаи ту бурдаам,
Асири ғам, туро ҳамин усора зинда мекунад.

Агар низору хастаӣ, нигори зиндагӣ туро
Ба бӯсаву ба хандаву ба зора зинда мекунад.

Ҳалол бодат ин ҳулӯли ҳолаи ҳалоли ишқ,
Ки ин ҳамидагӣ туро ҳамора зинда мекунад.

## ОХИР

Ишқро рӯзе ҳавас дар кӯйи шайтон карду кушт,
Бахтро охир хусумат хонавайрон карду кушт.

Дӯст чун оина ҳақ мегуфт, мегаштӣ малӯл,
Душман оғӯшат гирифту бӯсаборон карду кушт.

Ҳирс, гарчи то баландиҳои мансаб бурд, лек
Аз сари он қуллаҳо як рӯз ғелон карду кушт.

Тири нафрат чун нашуд, тири муҳаббат кор дод,
Хандамаргаш кард, яъне сахт хандон карду кушт.

Гулханашро як насим афрӯхт то авҷи само,
Ахгарашро он насим охир парешон карду кушт.

Ӯ ба як досташ гирифт аз дастат, оғӯшат кашид,
То ба дасти дигари худ теғ пинҳон карду кушт.

Кӯлабори умри ӯ пур аз надоматҳои умр,
Хотироташ охир ӯро тирборон карду кушт…

## БА КУҶО МЕРАВӢ

Ба куҷо меравӣ, ин зам-зами боронро бар,
Рӯҳи хуршедии гулҳои кӯҳистонро бар.

Рози ногуфта ба лаб накҳати шодӣ дорад,
Ту сукути лаби гулҳои сухандонро бар.

Ишқи шӯрида ҷаҳонро ба ҷунуне гирад,
Сипари ҷон-т бикун, нусрати ҷононро бар.

Шавад аз як нигаҳи ишқ ҷаҳон полуда,
Дар нигоҳат нафаси тозаи найсонро бар.

Ишқ дар ман фару пайванди худовандӣ дошт,
Боғ-боғ аз дили ман файзи фаровонро бар.

Нест тӯмори ту ҷуз номи Худо дар ёдат,
Боли уммед кушо, нузҳати Яздонро бар.

Шеър дар дил чу чароғест, ки нурафшон аст,
Роҳ тор аст, ту ин шамъи фурӯзонро бар.

Ҳамраҳи туст Худованд, магӯ: танҳоям,
Ҳусн некист, ба дил ҳиммату эҳсонро бар.

Бо саломе, ки чароғи лаби покизаи мост,
Ҳар куҷо рафтӣ ту, дар ҷилди худ инсонро бар.

## ДАР МИЁНИ ХОРҲО

Дар миёни хорҳо, эй гул, ту чун рӯидаӣ?!
Дар лабонат ханда, аммо ғарқи хун рӯидаӣ.

Дар миёни хор гул рустан чи нохуш қисматест,
Дар фазои фақр бо фазли фузун рӯидаӣ.

Мекашӣ хорӣ аз ин хору муросо мекунӣ,
Чун забони ишқ аз ҷони забун рӯидаӣ.

Бо чароғи ханда рӯшан мекунӣ ин шомро,
Рамзи некӣ дар канори ин нагун рӯидаӣ.

Эй асири толеъи шӯрида, худро шод дор,
Ту ҳамон фарёди лолӣ, к-аз дарун рӯидаӣ.

Дар миёни хорҳо инак, на хорӣ, чунки ту
Ҳамчу исёни ҷаҳони вожгун рӯидаӣ.

Бо нигоҳе, накҳате панди муҳаббат медиҳӣ,
Дар ҷаҳони ҷаҳл аз ҷони ҷунун рӯидаӣ.

Эй ту рӯшан аз шуҷоат, эй ту шодон аз шараф,
Эй дурахши умри зебо, лолагун рӯидаӣ!

Ханда кун, эй гул, алайҳи хор, аз ин остин
Ҳамчу дасти хайру эҳсоне бурун рӯидаӣ!

*8.02.2011*

## ВАҚТАМ НЕСТ

Ишқ омад борҳо, гуфтам, ки: – Вақтам нест,
Ёри ман гуфто: – Биё! Гуфтам, ки: – Вақтам нест.

Ёр гуфто: – Чанд гирди хона мегардӣ,
Боз кун дарро, даро! Гуфтам, ки: – Вақтам нест.

Ақл мегуфто, ки: бо роҳи хато рафтӣ,
Тарки ин раҳ кун, баро! Гуфтам, ки: – Вақтам нест…

Ҷуръати ман гуфт: – Сӯзон дардҳоятро,
Шӯъла зан, худро намо! Гуфтам, ки: – Вақтам нест.

Вақти ман бо ман набуд?! Чун зистам бе вақт
Ман, ки аз вақтам раҳо, гуфтам, ки: – Вақтам нест.

Зистам ман кушта-кушта вақтро бо вақт,
Вақт омад чун даво, гуфтам, ки: – Вақтам нест.

*20.11.2010*

## ЗИНДАГОНӢ ЧИСТ?

Зиндагонӣ чист?! Шодон зистан!
Дар дили зулмат дурахшон зистан!

Бори сад номард бар дӯшат, вале
Дар қатори родмардон зистан!

Аз тафи тӯҳмат натӯфидан[1] даме
Дар тафи тафбоди тӯфон зистан!

[1] Натӯфидан – наларзидан

Талхро ширин фурӯ бурдан ба ком,
Гиряро бо рӯи хандон зистан!

Дардро, то ки бурун н-ояд, ба дард
Дошта дар зери дандон, зистан!

Парваридан рӯҳро аз тан раҳо,
Болафшон чун уқобон зистан!

Дар фарози осмони зиндагӣ
Абри гирён, шамси тобон зистан.

Зиндагонӣ чист, эй ҷон, зистан,
Теғ дар дил, захм дар ҷон зистан…

*Июни 2011*

## МАРГ

Марг аз рӯзи нахустин бо мост,
Дар таҳи бистару болин бо мост.

Гиряду ханда кунад ҳамраҳи мо,
Ҳамчун оинаву оин бо мост.

Гоҳ зангӯла занад дар дили мо,
Ки шитобед, ки таскин бо мост.

Матлаъи ӯ хати оҷанги ҷабин,
Чораат чист, ки чун чин бо мост.

Дар қудуме, ки гузорем ба хок,
Дар замин ё ба сари зин бо мост.

Аз ҳама ёр вафодортар аст,
Дар ҳама лаҳза, ки ҳамшин бо мост.

Ҷони мо мурғи гирифтори қафас,
Ӯст чун силаи симин, бо мост.

Ӯ давои ҳама дарду доғ аст,
Додрас, довари дерин бо мост.

Аз ҳама бад бираҳонад моро,
Ҳакаму ҳақвару ҳақбин бо мост.

Ҳамчу товони тамоми ҳастӣ
Дар тани мост, чу тазмин[1] бо мост.

Зиндагиро чӣ қадар ширин кард,
Талхии ӯ, ки чу таҳсин бо мост.

## БА ДУНЁ ОМАДАМ

Ба дунё омадам, дунё хароб аст,
Ҳам аз поин, ҳам аз боло хароб аст.

Бипӯшон чашмҳоро, пас назар кун,
Ки он аз дидаи бино хароб аст.

Ҳама зебоии дунё дурӯғ аст,
Ба рӯ зебо бувад, дар по[2] хароб аст.

Кӣ мегӯяд ба он мину, ки дунё
Ба зери гунбади мино хароб аст

Зи фардо қосиде омад, ба мо гуфт,
Аз ин рӯзат намон, фардо хароб аст.

Ба мисли сатрҳои шеъри озод
Равонанд одамон, маъно хароб аст.

Ба сад лоба гузорам пой лобуд
Дар ин лое, ки ло дар ло хароб аст.

Ҳама рафтем бар сӯи харобот,
Чаро ки кори ин дурё хароб аст.

---

[1] Тазмин – ба ӯҳда гирифтан, товон
[2] Дар по – дар асл.

## ЁДҲОРО ГАРМ ДОР

Сол сард омад, азизам, ёдҳоро гарм дор,
Ёди сабзи он гули зебоҳаёро гарм дор.

Ахгари вомондаи ишқи куҳанро барфурӯз,
Андар ин гулхан ҳузури муддаоро гарм дор.

Шӯълавар кун ишқро дар матбахи табъи латиф,
Дар ҳавои дилфурӯзаш дасту поро гарм дор.

Он насиме, ки ба рақс орад дарахтонро, гузашт,
Дасту по зан дар вуҷудат ин наворо гарм дор.

Шаб дароз асту зимистон сарду дарҳо бастаанд,
Гулхани гулвожаи ишқи худоро гарм дор.

Дар ҳавои партави меҳри сафоафшони худ
Во шав аз ворунаи дил, вожаҳоро гарм дор.

Роҳҳо ях баста як сар, роҳи дилҳоро кушо,
Бо нигоҳи озарин роҳи раҳоро гарм дор…

*17.12.2011*

## ДАР ЗОДРӮЗ

Ин саҳар аз нав ба дунё омадам, дунё дигар буд,
Нам-нами борон дигар буд, накҳати гулҳо дигар буд.

Ин саҳар дарёфтам дар соҳили дарёи ҳастӣ,
Самти дигар дошт дарё, муждаи маҷро дигар буд.

Ман чӣ гуна зистам бо ин фиреби хеш то ҳол,
Накҳати наъно дигар буд, маънии маъно дигар буд.

Ман худамро ёфтам, бегона, раҳгумкарда, бе худ,
Оламе дар дарку эҳсосу ҳама ақсо дигар буд.

Як сабои дигаре буд, як ҳавои дигаре буд,
Таъми дигар дошт шодӣ, ғуссаи он ҷо дигар буд.

Ман давидам бо ҳаросе, боз баргаштам ба аслам,
Бар дурӯғи талху ширинам, ки вовайло, дигар буд.

Дар варои пардаи фанҳо, ки мо бофида бар худ,
Маънии эҳдо дигар буд, лаззати дунё дигар буд.

Ман ҳаворо дарк кардам, ман Худоро дарк кардам,
Мақсаде, ки дошт дар бунёди асли мо, дигар буд.

*25.12.2015*

## НАМЕРАСАД

Ин уқдаи варамзада то во намерасад,
Оҳ ин суруд то ба Сурайё намерасад.

Анҳор агар равад ба раҳи худ ҷудо-ҷудо,
Тарсам аз он бувад, ки ба дарё намерасад.

Бӯи баҳор мерасад, аммо баҳор нест,
Ё ин баҳори омада то мо намерасад.

Дидам, чӣ гуна фитна фано мешавад зи худ,
Боле, ки дар балост, ба боло намерасад.

Зебост ҳарфу вожаву хатту хитобаат,
Аммо дареғи ин ҳама, маъно намерасад.

Бо ин ҷалолу ҷилва, ҷаноби ҷамили мо,
Нури наҷиб, табъи муҷалло намерасад.

Дарси ҳаёт оқибат ин аст, одамӣ
Таслим агар нашуд, ба тасалло намерасад.

Дар вартаи фалокатӣ, мебинамат, дареғ,
Фарёд мезанам, ба ту ово намерасад.

Ин рӯзгор мазҳакаи гиру дори кист,
То ту расӣ ба бахт, як имо намерасад.

*9.02.2016*

## ОҲУИ МАН ҲАМ ОМАД

Ожангҳои пирӣ бар рӯйи ман ҳам омад,
Барфи сафеди гардун бар мӯйи ман ҳам омад.

Боди ҳаводису вақт бурд аз танам ҳама нақд,
Сели фалак фурӯ рехт, бар ҷӯйи ман ҳам омад.

Тухме ба вотаи ман ҷуз ишқ менарӯйид,
Ин зардпечаки ғам бар кӯйи ман ҳам омад.

Минои ман ба минӯст, хонад маро ба сӯяш,
Пайки башорате аз минӯйи ман ҳам омад.

Шаббодаҳои васлат бигзашт аз сари ман,
Фасли хазону ҳасрат бар сӯйи ман ҳам омад.

Ин тирамоҳи заррин бар дӯши ман тило рехт,
Хушрӯйҳо расиданд, хушрӯйи ман ҳам омад.

Ин оҳи ман чу оҳу дар чор сӯ чаро дошт,
Оҳуи ман зи ман рафт, ёҳуйи ман ҳам омад.

*7.08.2016.*

## ДУРӮҒИНА

Ситораҳо дурӯғанд, шарораҳо дурӯғанд,
Шукуфаҳо ба кунҷу канораҳо дурӯғанд.

Ҳама, ҳама дурӯғ аст, ману ту ҳам дурӯғем,
Ҳама, ҳама фиреб аст, назораҳо дурӯғанд.

Намонда роҳи омад, намонда роҳи рафтан,
Қатораҳо шикаста, қатораҳо дурӯғанд.

Ситораҳо дурӯғанд, дар асл сарди сарданд,
Ҷилояшон фиреб аст, ба тораҳо дурӯғанд

Куҷост дини ҳақбин, куҷост он ҳақи дин,
Манораҳо зиёданд, манораҳо дурӯғанд.

Умеди мо бар он буд, савораҳо биёянд,
Саворахо расиданд, саворахо дурӯғанд.

Гадои кӯю барзан ба ғайри як ду се тан,
Ки шиштаанд дар раҳ ба зораҳо, дурӯғанд.

Ба дасту по давидам, ки ҳоҷате барорам,
Ба чашми хеш дидам, ки чораҳо дурӯғанд.

Нашуд ба ҷуз ба пора илоҷи чора чора,
Харидамансабоне ба пораҳо дурӯғанд.

*07.11.2015*

## ЧУН АШК БА ПОИ ХУД

Дунё на палид аст, палид инсон аст,
Бар фитнаву фисқу ғам калид инсон аст.

Асрори Худо пеши ҳама манзур аст,
Оне, ки ниҳони Ҳақ жакид, инсон аст.

Некии Худо чун гулу райҳон сабзид,
Оне, ки ба досаш даравид, инсон аст.

Оне, ки ба теша решаи хеш бизад,
Чун ашк ба пои худ чакид, инсон аст.

Оне, ки бихӯрд оламу сер нашуд,
Оне, ки бихӯрду накафид, инсон аст.

Оне, ки ҳама гарду ғубори худро
Омад, ба сари хеш такид, инсон аст.

Оне, ки ба хуни ноҳақ ин хок олуд,
Бо наҳсу нафасҳои мазид, инсон аст.

Оне, ки ба макру наҳси шайтони лаъин
Морона ба нафси бад хазид, инсон аст.

Оне, ки ба сад ҷурму гуноҳу озор
Омад ба дари Ҳақ ба умед, инсон аст.

*11.11.2015*

## БА ИСТИҚБОЛИ МЕҲАН

Ман суханро хуш таровидам ба истиқболи Меҳан,
То бигардад шаҳпари пирӯзии шаҳболи Меҳан.

Хестам чун субҳи хандон, бо ҳама тан, бо ҳам ҷон,
Машъали умед гаштам дар пайи иқболи Меҳан.

Лек мебинам, ба баъзеҳо, ки дар ин раҳ равонанд,
Бо ҳама ишколи меҳан шуғлашон ишғоли Меҳан.

Ғорати Меҳан кунанду тоати Меҳан намоянд,
Хестам аз хоби дӯшин дар лабам табхоли Меҳан.

Ин ҳама мансабталошон ғайри нафси бад надоранд,
Вой бар ман, вой бар ту, вой бар ин ҳоли Меҳан.

Эй ки ҳалво мепазӣ, ҳар лаҳза дар ҳаври даҳонат
Сӯхт аз ҳаврат ҳаво ҳам, вой бар аҳволи Меҳан.

*Июли 2015*

## ЧИЗЕ НАДИДАМ

Ман аз ин мову ман чизе надидам,
Муқаддас аз Ватан чизе надидам.

Басе дидам ҷаҳонрову накӯтар,
Ман аз дидори зан чизе надидам.

Ту будӣ рӯди шӯхоби зулолам,
Ту рафтӣ, ҷуз лаҷан чизе надидам.

Ҷавонӣ, ишқ, ҳусну чашми пурнур
Зи ман рафтанд, ман чизе надидам.

Ҳама дам сохтам, бунёд кардам,
Вале ғайр аз шикан чизе надидам.

Дили ман зеби наҷми зиндагӣ дошт,
Вале з-ин анҷуман чизе надидам.

Расонидам сарамро то ба дораш,
Вале ғайр аз расан чизе надидам.

Дареғо, раф умрам, ҳосилаш чист,
Ки ман ғайр аз кафан чизе надидам.

*06.07.2015*

## ЗАМИН ОБИСТАНИ ДАРД

Замин обистани дард асту хис аз ашки борон аст,
Сиришки ҳасрат аз мижгони сабзи барг резон аст.

Басе пири ҷавон дидам, басе дидам ҷавони пир,
Касе, ки бандаи пироҳани пор аст, пир он аст.

Напарҳез аз бари пирояи пирон, ки дар дунё
Чароғи фазл нурафшон ба пиромуни пирон аст.

Диле дорӣ агар, гиру ба тоқи умр афрозаш,
Касе фирӯзи ин дунёст, к-ӯ ҷонаш фурӯзон аст.

Наосудӣ, ки то суде ба даст орӣ, чӣ суд аз ин,
Ки суди зиндагӣ сиррест, к-андар сирати ҷон аст.

Пушаймониву ҳайронист поёни ҷаҳони пир,
Вале дар пеши ҷони ту пушаймонӣ пушаймон аст.

Намеояд ба гӯшам ҷуз нидои қар-қару қур-қур,
Чӣ дил бандам бар ин дунё, ки лочори калоғон аст.

Ҳаёташ пора-пора то ба пирӣ меравад аз даст,
Касеро рӯзгорон аз барои пораи нон аст.

Ҳама миранд, хуш он кас, ки мири табъи худ бошад.
Азиз он аст, к-ӯ умре саробони азизон аст.

Сабо ҳар субҳ меорад сафои зиндагониро,
Касе субҳи сафо бо ӯст, к-ӯ бо субҳи Субҳон аст.

*07.07.2015*

## САД ҶАҲОН ДАР ЯК ҶАҲОН

***Ба бузургдошти Мавлавӣ***

Сад ҷаҳон дар як ҷаҳон овардааст,
Ломаконро бар макон овардааст.

Безабониро забон бахшидааст,
Бенишониро нишон овардааст.

Болу пар бар ҷону дил бахшидаст,
То карони бекарон овардааст.

То вуҷудашро кунад тири Худо,
Қоматашро чун камон овардааст.

Аз ҳазорон ман яке мо сохта,
Ин аноҳоро инон овардааст.

Тори ҷонашро наво бахшидааст,
Баргҳоро бар забон овардааст.

Ин чӣ эъҷоз аст, баъди асрҳо
Боз ҳам худро ҷавон овардааст.

Бо самоъе шӯру сози ишқро
Аз замин то осмон овардааст.

Дар фурӯғи ишқ бо сози Худо
Хешро то ҷовидон овардааст.

## МО, КИ АЗ САРХАТИ СОСОН БУДЕМ

***Киноя аз худ***

Ин дурӯғ аст, ки мо ин будем,
Ин дурӯғ аст, ки мо он будем.

Ман ба гӯшӣ ба шумо мегӯям,
Ки на он мардуми майдон будем.

Аҷнабиён ҳама ҳоким буданд,
Мо ҳама зинда ба зиндон будем.

Дар диёри худу дар меҳани худ
Мо ғуломону ғарибон будем.

Мо ҳама бандаи аъробу муғул,
Хастаи ханҷари туркон будем.

Аҳли фарҳангу маъонии ҷаҳон,
Лек ноаҳлу парешон будем.

Номи мо ҷилвагари фазлу адаб,
Худи мо қӯри таҳи он будем.

Бо ҳама дониши дунёии худ
Ҳама дунболаи дунон будем.

Ин саромад ба сари мо кӣ суруд,
Мо, ки аз сархати Сосон будем.

Нобасомон шудаем, айби кӣ шуд,
Мо, ки аз сулбаи Сомон будем?!

Ориёи ману ту орӣ шуд,
Мо на беор, на урён будаем!

Иллати мост парешонии мо,
Боли Симурғи парафшон будем.

Фитна дар фитна фурӯ ғӯтида,
Фирқа дар дар фирқа фиребон будем.

Дар асорат ҳама меосудем,
Дар асирӣ ҳама осон будем.

Рӯзи озодӣ ба озодиямон
Войи мо, каф ба гиребон будем.

Мо ба озодии худ тир задем,
Зидди худ мо ҳама шерон будем...

Инак озодии мо омада боз
Ки ҳама дар ҳаваси он будем.

Ку баро, озари озодӣ шав,
Ки аз он буда пушаймон будем!

Ку биё, тарҳи дигар соз зи худ,
На ҳамон тарҳ, ки дар он будем!!

*04.04.2012*

## ШАРОР ДАР САНГ

Зиндагонӣ шарор дар санг аст,
Зиндагонӣ салоҳ дар ҷанг аст.

Мезанад чанг ҳарчи моро умр,
Хонаи мо ба дасти харчанг[1] аст.

Дангу дунги замона мор кушт,
Дангии мо зи дасти ин данг аст.

Мезанад ҳанг ҳангии ҳангом,
Ҳанги ӯ з-он бувад, ки бе ҳанг аст.

Бандаи бандҳои ифротем,
Бандаки мо зи банк то банг аст.

Зиндагонӣ навори макру фиреб,
Ранг дар ранг, ранг дар ранг аст.

Одамӣ пир шуд нашуд оқил,
Зиндагии заҳида дар занг аст.

Ғуссаи ман, ки ҷуссаи ман шуд,
Пайкари ман барои ман танг аст.

Ҳабси хешем, бин, ки рӯи мо
Дар паси симхори ожанг аст...

*22.01.2011. Хоҷа Оби Гарм*

[1] Харчанг – саратон. Дар истилоҳи нуҷум чаҳорумин бурҷ аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалак ва хонаи моҳ аст.

## ЧӢ ГӮЯМ ЧУН ШУД...

Ҷойи ман ҷойи дигар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!
Дар бари шамсу қамар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Чашмаи пок, ки оинаи маънихо буд,
Дар ду чашмам чу назар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Талхкомам ман аз ин мазмазаи тунду шӯр,
Дар лабам шаҳду шакар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Бандагии зару симу тамаъи ҷоҳу ҷалол
Кай маро пеши назар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Хатар аз пешу бару пушти сарам мечархад,
Хатар аз ман ба хатар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Он ки дар ман бувад, ӯро нашиносад дили ман,
Хоки ман покгуҳар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Зиннати боғ ҳама зоғу калоғон шудаанд,
Ҳудҳудам шонабасар буд, чӣ гӯям чун шуд?!

Ин ҳама беназарӣ, бепадарӣ ҳосили чист?
Зотам аз аҳли назар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Хор шуд, хор ҳама пайкари гулборонам,
Шохаам дасти самар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Шоми мубҳам ба сарам ваъдаи тӯфон дорад,
Фараҳам файзи саҳар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Ин ҳама шар ба башар чист, манам зодаи хайр,
Хайр пирӯз ба шар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

Боғбоне, ки маро кошта буд, омад боз,
Дар кафаш дасти табар буд, чӣ гӯям, чун шуд?!

## ДАР КӮҲСОРИ МО

Дар кӯҳи мо дигар шеру паланг нест,
Дар рӯҳи мо дигар он шӯру шанг нест.

Ҳирс аст ҳукмрон, як хирс ҳам намонд,
Дар кӯҳсори мо дигар паланг нест.

Паскӯчаҳо ҳама пур гашта аз сагон,
Гурги далеру чуст аз роҳи нанг нест.

Сагҳои почагир афзудаанд, дод,
Аз ҳав-ҳави сагон мангему ҳанг нест.

Оҳу ба оҳ рафт, харгӯш ҳам намонд,
Он кабки хушнаво дар рӯи санг нест.

Дуздони беибо дар пушти пуштаҳо
Ғайр аз шағолаку рӯбоҳи ланг нест.

Бар рӯҳи рафтагон як лона ҳам намонд,
Зеро намонд бурс, зеро заранг нест.

Афзуд ҷинси хук дар кӯҳсори мо,
Оё,ки ор нест, оё,ки нанг нест?!...

*Марти 2011*

## ГӮЯМ, НАГӮЯМ...

Ман аз суду зиён гӯям, нагӯям?!..
Зи авзои  замон гӯям, нагӯям?!..

Гарон дарди ман асту гӯши мардум
Бувад бадтар гарон, гӯям, нагӯям?!..

Ман аз дарди гарони Меҳани худ,
Ба гӯши ин карон гӯям, нагӯям?!.

Замона бекарон шуд, мо кару гунг,
Сухан аз бекарон гӯям, нагӯям?!..

Сарамро рӯи дастонам гирифтам,
Ба пеши бесарон, гӯям, нагӯям?!..

Даҳонбозему аз он бозтар шуд
Дару дарвозамон, гӯям, нагӯям?!..

Чаро ин душмани ҷонии мо шуд
Ҳалиму меҳрубон? Гӯям, нагӯям?!

Басе аз гӯшаҳо гӯшӣ шунидам,
Ба гӯши гӯшатон гӯям, нагӯям?!..

Нагуфта рози мо оё чӣ сон рафт
Даҳон андар даҳон, гӯям, нагӯям?!..

Чӣ фарёди фалакпеч аст, Меҳан,
Ба ҳар сангат ниҳон, гӯям, нагӯям?!

Ватанро дар Ватан аз мо кӣ бирбуд?!
Зи нафси бад амон! Гӯям, нагӯям?!..

Агар ман бӯса гӯям, ғусса фаҳманд,
Шавад судам зиён, гӯям, нагӯям?!..

Агар гӯям ҷаҳон метаркад аз дард,
Нагӯям беш аз он, гӯям нагӯям?!..

Замона дар даҳони бедаҳанҳост,
Ду дастам дар даҳон, гӯям, нагӯям?!..

Агар гӯям, ҳамон дам мерасонанд,
Ба сад лаҳну забон, гӯям, нагӯям?!..

Аё, эй халқи ман, душман навозад,
Ки бошӣ дар навон, гӯям, нагӯям?!..

Биёву борaи нанги Ватан шав,
Сипар ҷон аст, ҷон, гӯям, нагӯям?!..

Амонатдори амни Меҳанат бош,
Вагарна, ал амон! Гӯям, нагӯям?!

Биё чун Пешво худ сина пеш ор,
Бишав садди синон, гӯям, нагӯям?!..

## ОДАМ

Баста дасти хешро бар сар манам,
Ман дари худ, низ қулфи дар манам.

Ман худам маҳбас худам маҳбус ҳам,
Низ зиндонбони худ андар манам.

Ғояти мастиву ҳушёрӣ марост,
Соғарам, ҳам бода дар соғар манам.

Аз худам пастам, зи худ болостам,
Бо худи бе худ дар ин маҳзар манам.

Баста ҳам вораста ҳам дар хештан,
Минбарам, ҳам бар сари минбар манам.

Оташе дар обу обе дар аташ,
Ҳам мусалмонзода, ҳам кофар манам.

Кӯри биноям ману бинои кӯр,
Соҳиби сомеъа ман,  ҳам кар манам.

Аз аламҳои дили ман аламон,
Оламе дар олами дигар манам.

Бар сари худ ҳам балоям, ҳам вабо,
Ҳам сафои хешро дар бар манам.

Бебало бигзаштаам аз сад бало,
Сад балое лек андар сар манам...

*18.02.2011*

## ОМӮЗ

Эй ғунча, кушо дидаву дидан ба ман омӯз,
Бикшой пар, эй мурғу паридан ба ман омӯз.

Дарё бувад он қатра, ки омехт ба дарё,
Бо васли худ ин гуна расидан ба ман омӯз.

Ин ҳам-ҳамаву дам-дамаҳо доми фиребанд,
Эй чашмаи покиза, дамидан ба ман омӯз.

Бе бол паридан самари поки сиришт аст,
Эй бод, аз ин раҳн раҳидан ба ман омӯз.

Эй мӯраки заҳматкаши беминнату бечурм,
Дар хоки Ватан дона кашидан ба ман омӯз.

Аз саг сабақи сидқу вафо кист, ки омӯхт,
Дар ҳифзи ватан ҳусни хазидан ба ман омӯз.

Асрори худ, эй шоми пурасрор, ба ман бахш,
Чун субҳи сафобахш расидан ба ман омӯз.

Эй абри баҳор, аз сари мижгони дарахтон
Пеши қадами ёр чакидан ба ман омӯз.

## ПАНДИ ДУНЁ

Хоҳам раҳо шуд охир аз макру фанди дунё,
Озод карда худро аз бору банди дунё!

Ман рӯи бовари худ, рӯи умед ҳастам,
Озодарӯву озод аз озманди дунё!

Бингар канори гулҳо гоҳе газанда рӯяд,
Эмин наметавон буд ҳеҷ аз газанди дунё!

Умрест нияти нек амри гузири ман буд,
То заҳрро бикардам дар ком қанди дунё!

Ҳайфи касе, ки буда дажхимрӯ[1], дижоҳанг[2],
Бар дасти ӯст умре дасти нажанди дунё.

Аз коми дил кам андеш, гарданкашӣ кам омӯз,
Бар гарданат биафтад рӯзе каманди дунё.

---
[1] Дажхимрӯ – зиштрӯ, ғазабнок.
[2] Дижоҳанг – бадандеш.

Гоҳе пиёда гоҳе сарбории хари ланг,
Як умр зери по нест аспи саманди дунё.

Бо гиря омадам ман, бо ханда меравам пас,
З-он пандҳо, ки бурдам охир зи фанди дунё.

## ТӮМОРИ МАРГГАРДОН

***Барои Маликабону***

Нуру фурӯғу файзи кошонаам ту ҳастӣ,
Тӯмори марггардон дар хонаам ту ҳастӣ!

Нури Худо расида бар ҷонамози покат,
Болу пари фаришта дар шонаам ту ҳастӣ!

Ҷон бохтан бароям душвор мешавад, чун
Ҷон дар вуҷуди ҷону ҷононаам ту ҳастӣ!

Рӯшан кунад раҳамро меҳри сиришти покат,
Нури Худо ба пеши пешонаам ту ҳастӣ!

Эй поктиннати ман, эй кохи миннати[1] ман,
Шаҳболи мурғи бахти шоҳонаам ту ҳастӣ.

Ман пай кушодам аз худ то погаҳи муҳаббат,
Ман масти ишқи покам, паймонаам ту ҳастӣ.

Гар қисматест дар ман, чун дар садаф, аз он рӯст,
К-андар вуҷуди беҷон дурдонаам ту ҳастӣ.

Афсуни ҳеҷ макре ҳаргиз маро магирад,
Афсуни Ҳақ маро бас, афсонаам ту ҳастӣ.

Ёдат чу ҳолаи нур эмин маро нигаҳ дошт,
Перояи нишоти пиронаам ту ҳастӣ.

Ношукри зиндагонӣ ҳаргиз набудаам ман,
Шукри Худо шуои шукронаам ту ҳастӣ.

## ОСМОНИ ХЕШ БОШ!

***Эҳдо ба Абдурауф Раззоқӣ***

Дӯстам, файзи умеди остони хеш бош!
Шаҳсутуни бегазанди хонадони хеш бош!

Бодҳои наҳс бар мо низ рӯзе мерасанд,
Қалъаи шаъни баланди худ, тавони хеш бош!

Муттакои шаъну номуси ҷаҳон моему ту,
Ғуссаву ғамро раҳо кун, шодмони хеш бош!

Шаъни мо шаъни худи мо нест, шаъни миллат аст,
Кони ганҷи фазлу фитрат дар ниҳони хеш бош!

Тарҷумони ҳар забони даҳр ғайр аз ишқ нест,
Ҳамзабони аҳли олам бо забони хеш бош!

Ончунон бош, ончуноне ки ҳамеша будаӣ,
Дар раҳи суди дигарҳо бар зиёни хеш бош!

Бар сари аҳли футувват осмони дигарест,
Остонатро рабуданд, осмони хеш бош!

Устухонатро басо хоидаанд ин гушнагон,
Нозбардори барӯманди сагони хеш бош!

Чун нишони ифтихори миллати худ сар фароз,
Худ нишони пеши бози бенишони хеш бош!

*10.02.2018*

## ДОДИ ДОД

Як саҳар дилро ба ҳукми бод хоҳам дод,
Зиндагиро зиндагонӣ ёд хоҳам дод.

Бо гуле хоҳам шукуфту бо гуле хандид,
Тоби худро бар тани шамшод хоҳам дод.

Сурати барқи дурахшон дар ҳарими шом,
Сабрро пироҳани фарёд хоҳам дод.

Бо фиғон чун рӯд сар ба санг хоҳам зад,
Сангро пайки фари Фарҳод хоҳам дод.

Ҳарчӣ дорой бувад бар додгар бахшам,
Дар баҳояш доди ҳар бедод хоҳам дод.

Озро озурда хоҳам дошт дар ҷонам.
Озари дилро пари озод хоҳам дод.

Умри ман чун барги гул гар рехт ҷонамро,
Чун гули хандон, ки ҷонаш дод, хоҳам дод,

Ширaи ҷонро бисӯзам дар фурӯғи ишқ,
Дуди оҳамро ба дасти бод хоҳам дод.

Додро то даргаҳи бедод хоҳам бурд,
Доди доди доди доди дод хоҳам дод.

## АЗ МОВАРОИ ПИРӢ

Акнун куҷо тавон рафт бо дасту пои пирӣ,
Бар ҳоли хеш механд аз моварои пирӣ.

Ҳарчанд месутуданд пирии босафоро,
Бар зербуни дард аст кохи сафои пирӣ.

Чуну чарои олам пеши ту дар чаро буд,
Посух надорад инак чуну чарои пирӣ.

Сар бар сари фалакҳо афрохтӣ ҳама умр,
Акнун куҷост он сар андар сарои пирӣ.

Пирӣ чу барф резад бар дӯш то натобад
Сад айби нохуши ӯ дар моҷарои пирӣ.

Мурғи ҳавас қафас шуд дар пушти чину ожанг,
Завлонаҳо гаронанд акнун ба пои пирӣ.

Бо ҳар қадам кунад пахш ӯ маргро таҳи по,
Аз зери по бихезад рӯзе балои пирӣ.

Не ғуссаву надомат, не шикваи қиёмат,
Бояд ки фазл резад аз ҳар ҳиҷои пирӣ.

Сад ҷурм дар ҷавонӣ ислоҳ мешавад, лек
Войи хатои пирӣ, войи ҷазои пирӣ.

Оинаест пирӣ то ҳикмати замонро
Хониву панд гирӣ андар намои пирӣ.

Хушбахт бошад он пир, дар роҳ дар намонад,
К-аз хайру некномӣ дорад асои пирӣ.

## САМАРҚАНД

Эй шаҳри ҳама қанд, ҳама қанд, ҳама қанд,
Эй шаҳри шакаррезу шакарханд, Самарқанд!

Эй шаҳри ҳама панд, ҳама панд, ҳама панд,
Эй шаҳри самарбору самарманд, Самарқанд!

Эй шаҳри гаҳе хайру гаҳе фазлу гаҳе фанд,
Эй шаҳри раҳо гашта зи ҳар банд, Самарқанд!...

Бурданд ҳама ганҷу зару сими туро лек,
Мондӣ ба ҳама давр зафарманд, Самарқанд!

Зеро, ки забоне, ки туро зинда нигаҳ дошт,
Дар ҷону танат буд чу савганд, Самарқанд!

Озодагият бо фари озодаминишон
Умерест туро дошта пайванд, Самарқанд.

Таслим нагаштӣ, сипарат буд ҳамеша
Аз ҳодиса «Занд»-и туву «Позанд», Самарқанд!

Бо суннату ойини ниёкони шарифат
Мондӣ ба ҷаҳон боз ҳунарманд, Самарқанд!

Подоши ту аз сидқи ту бар аслу асолат
Будасту ҳамебод Худованд, Самарқанд!

Эй кохи шараф, кохи ҳунар, кохи шуҷоат,
Эй шаҳри абаршаъну абарканд, Самарқанд!

## ХУҶАНД

Шаҳри адабу фазли баланд аст Хуҷанд,
Тирози ҷаҳону дилписанд аст Хуҷанд.

Мардум ин ҷо забони ширин доранд,
Шаҳри шакару наботу қанд аст Хуҷанд.

Имрӯз ба ҳафт хон муҳаббат дорад,
Аз пардаи меҳр дар паранд аст Хуҷанд.

Сарчашмаи нуру файзу эҳсони дил,
Дар равнақи дил, дар ин раванд аст Хуҷанд.

Таърих ҳамеша сарбаландаш дидаст,
Бо сирати нек сарбаланд аст Хуҷанд.

Шаҳрест, ки дарёдилу дарё дорад,
Дарёи муҳаббати нажанд аст Хуҷанд.

Ҷуз банду каманди зулфи печони ёр,
Озод зи банду аз каманд аст Хуҷанд.

Дил об шавад дар лаби дарёи ӯ,
Ҳамсӯзи ҳазор мустаманд аст Хуҷанд.

Аз аҳди Камол то ба Фарзонаи мо
Ойинаи ишқу фазлу панд аст Хуҷанд.

Чун арҷгузори ҳама озодон аст,
Бо арҷу фари худ арҷманд аст Хуҷанд.

Як шохаи гул ба соҳили Сайҳун, шаб
Аз нуру сурур дилписанд аст Хуҷанд.

## ҲИСОРИ ШОДМОН

Ҳисори мо Ҳисори Шодмон аст,
Ҳисори чашмаву табъи равон аст.

Ҳисори Қалъаи шаъну шукӯҳ аст,
Ҳисори кохи нанги рафтагон аст.

Ҳисори родмардиву футувват,
Ҳисори бӯи нону бӯи ҷон аст,

Ҳисори ҳикмату оини некон,
Ҳисори ростини ростон аст.

Ҳисори санъату одоби дерин,
Ҳазорон суннати озодагон аст.

Ҳисори атласу адрас, Ҳисори
Кулолу кандакор, оҳангарон аст.

Ҳисори қанду ҳалвову набот аст,
Ҳисори хушзабону хушбаён аст.

Ҳисори себу тут, гелосу ангур,
Ҳисори роҳати ҷону тавон аст.

Ҳисори оби шодоби шифобахш,
Ҳисори бо намак, бо обу нон аст.

Ҳисори мо, Ҳисори шодмон аст,
Биҳишти хуррами рӯи ҷаҳон аст.

## ИСФАРА

Дар боғҳои хурраму ҷаннатнишони Исфара
Шаҳду шакар мепарварад пиру ҷавони Исфара.

Ширинтар аз шаҳду шакар бахшад ба кас ҷони дигар
Шаҳди навои дилкаши хунёгарони Исфара.

Дармони ҷони одаманд, ё балки ҷони одаманд
Озодагони Исфара, фарзодагони Исфара.

Аз остонаш ҳар саҳар як рӯзи нек ояд бурун,
Файзи Худо борад ба сар аз осмони Исфара.

Мурғи фараҳ пар мезанад дар осмони поки ӯ,
Хуршед хандон мерасад аз остони Исфара.

Он чи ба Зумрат дидаам, гӯё зумуррат дидаам,
Табъи равони мардуму оби равони Исфара.

Дил медиҳад, ҷон мебарад неру дучандон мебарад,
Бо меҳр меояд агар ҳар меҳмони Исфара.

*03.01.2015*

## ДАР ҚУЛЛАҲОИ РАШТ

Дар қуллаҳои Рашт сар афрохтан хуш аст,
Дилро ба ин шукӯҳу сафо бохтан хуш аст.

Мусиқии муҳаббати худро ба сад наво
Дар симтори шаршара бинвохтан хуш аст.

Дар ин муҳити пок, дар ин ҷодаҳои сабз
Бар гӯши ҷон навои дил андохтан хуш аст.

Дилро ба нури як нигаҳе сӯхтан чу шамъ,
Ҷонро ба назри як назаре бохтан хуш аст.

Хуршеди ишқ то ки дурахшон шавад ба субҳ,
Дар кӯрҳои ҷони худ бигдохтан хуш аст.

Бо чашмаҳои поки ту бо сидқ рехтан,
Ҳамроҳи қуллаҳот сар афрохтан хуш аст.

То ки расӣ ба ҳар нафаси худ чу ҷӯйбор
Дар рӯи хоки сабзи ватан тохтан хуш аст.

Эй Ғарм, эй диёри муҳаббат, замини хайр,
Худро дубора аз нафасат сохтан хуш аст!

## ДЕҲИ УРМЕТАН

Деҳи Урметан зи шеър обистан аст,
Зодгоҳи шоирон Урметан аст.

Зодгоҳи Қутбии фархундапай,
Бо Зарафшон шеъри ӯ ҳамшеван аст.

Деҳаи Субҳони Туйғун, чеҳрааш
То ҳанӯз андар дили мо рӯшан аст.

Деҳаи Мирзои Маҳмуд, он зариф,
К-аз латофатҳош табъам гулшан аст.

Меҳани дорост, чун Доро Наҷот
Дар сухан дороии ин меҳан аст.

Деҳае, ки Озарахши табъи ӯ
Дар самои шеъри мо нурафкан аст.

Деҳаи он Шоҳрух Мирзои мо,
Нек инсоне, ки худ як меҳан аст.

Пайки нав бо Ховар Абдулҳай расад, –
К-ӯ умеди тозаи Урметан аст.

Реша дар об аст ин ҷо нахли шеър,
Эй басо нахле, ки андар рустан аст. –

Аз матои родмардиву шараф
Бар тани фарзанди ӯ пероҳан аст.

Деҳае, ки хайру эҳсону сахо
Бар ҷавонмардони некаш маъман аст.

Дар бараш рӯди Зарафшон зарфишон,
Зар таҳи по, зевараш дар доман аст.

Аз ҳама доротарин доройяш
Хайрхоҳиву футувват дар тан аст.

Меҳмонро мекунад ӯ тоҷи сар,
Ҳар кӣ ояд, гӯяд: ин деҳи ман аст!

*1.09.2016*

## ХОҶА ОБИ ГАРМ

Хайр, то дидори дигар, Хоҷа Оби Гарм!
Эй замини нусрату фар, Хоҷа Оби Гарм!

Аз ту месабзам дубора чун заранги ту,
Эй замини сабзи бовар, Хоҷа Оби Гарм!

Сӯҳбати ман мешукуфад бо дарахтонат,
Чун гуле дар шохаи тар, Хоҷа Оби Гарм!

Рӯди шаффофу зулолу покрӯӣ ту
Ҳаст бо ман мисли хоҳар, Хоҷа Оби Гарм!

Рез бар дӯшам зулолии сафоятро,
Ҳамчунон аз Оби Кавсар, Хоҷа Оби Гарм!

Зода аз нав мешавам ман дар ту ҳар боре,
Эй ту ҷонбахшо чу модар, Хоҷа Оби Гарм!

*22.01.2010*

## ЧУН ДИЛ БА КАФИ КӮҲ

Афрохта сар ба Каҳкашон аст Айнӣ,
Чун дил ба кафи кӯҳ аён аст Айнӣ.

Ноҳияи фазлу хираду илму адаб,
Ноҳияи шеъру шоирон аст Айнӣ.

Беҳуда набуд номи Айнӣ монданд,
Зеро ки ҳама китобхон аст Айнӣ.

Дарвозаи марзи Рӯдакиву Тӯғрал,
Сарводасарои ҷовидон аст Айнӣ.

Бо Фалғару Фони ӯ сар афрохтаам,
Дар домани нанги осмон аст Айнӣ.

Аз он нафақат рӯди Зарафшон ҷорист,
Дарёи дилу табъи равон аст Айнӣ.

Бо ин ҳама бори санг дар санг ба дӯш

Мардона зи ҷодаҳо равон аст Айнӣ.

Як умр ба доғу дарди дар сина ниҳон
Саршор зи лутфу хушзабон аст Айнӣ.

Дарё ба дил андозаду берун орад,
Шодоби сафо дар умқи ҷон аст Айнӣ.

Дар сина алангаҳои оташ дорад,
Аз меҳр диёри озарон аст Айнӣ.

Кӯҳаш ҳама махзани тилову ганҷ аст,
Мардаш дили тилло ба равон аст Айнӣ.

Симурғи фалак лона дар ин ҷо дорад,
Бо Шамсу Қамар ҳамошён аст Айнӣ.

## ТОҶИК – ӮЗБЕК

Ду саҳфаи як китоб тоҷик – ӯзбек!
Парвардаи як савоб тоҷик – ӯзбек!
Он кист ду ҷисме, ки ба як ҷон пайваст?
Гӯям ба ту ман ҷавоб: тоҷик – ӯзбек!
Озори замонаҳо паси сар карданд,
Озурдаи сад азоб тоҷик – ӯзбек!
Печида ба ҳам чун гули ишқи печон,
Дар зери як офтоб тоҷик – ӯзбек!
Ҳаммодару ҳампадар, бародар, хоҳар,
Сад пурсишу як хитоб тоҷик – ӯзбек!
Ду мева ба як дарахт оё дидӣ?
Гар не, бираву биёб: тоҷик – ӯзбек!
Ҳастанд сиришта ҳарду аз як гилу об,
Гирӣ чу зи рӯ ниқоб, тоҷик – ӯзбек!
Як тан нашавад ду пора! Дод! Ар бишавад!
Он ҷисм шавад хароб! Тоҷик – ӯзбек!
Як дил, ки ду қисмат бишавад, хоҳад мурд,
Як пайкару як суроб тоҷик – ӯзбек!

*14. 10. 2016*

# САЛОМИ ҶӮЙБОРОН

***Рубоиёт***

Эй сабза, саломи ҷӯйборон сабза,
Эй сабза, паёми ҷӯю борон сабза,
Чун буғзи ниҳони рӯзҳои рафта,
Берун зада аз гулӯйи борон сабза.

Ман ойинаам, замон бубинад худро,
Ман ойинаам, ҷаҳон бубинад худро,
Покиза чунон бубоядам, то ки Худо
Дар покии ман аён бубинад худро.

Дар ойинаи дилат ниҳонро бинамо!
Дар олами бенишон нишонро бинамо!
Дар ойинаат ҷаҳон худашро орост,
Ойина бигарду ломаконро бинамо!

Қақнусам[1], аз оташам ҳувайдо шудаам,
Пар-пар задаву сӯхта пайдо шудаам.
Аз сесаду шаст нағмаи минқорам,
Болидаву болидаву боло шудаам.

[1] Парандаи хушхон ва хушрангест, ки дар минқораш сесаду шаст сӯрох дошта, дар кӯҳи баланд, дар муқобили бод менишинад ва бо садоҳои аҷибе, ки аз минқораш мебарорад, мурғони дигарро ба худ ҷалб намуда, шикор мекунад. Дар ривоятҳо гӯянд, ки ҳазор сол умр мебинад ва чун умраш ба охир расид, ҳезуми бисёр ҷамъ орад ва бар болои он нишинад ва чунон бисарояд, ки маст гардад ва бол бар ҳам чунон занад, ки оташ аз боли ӯ биҷаҳад, дар ҳезум биафтад ва худро ба ҳезум бизанад ва дар оташ бисӯзад. Аз хокистараш байзае падид ояд ва ӯро ҷуфт набошад. Ва гӯянд мусиқиро башар аз ӯ дарёфта.

Қақнус, ки умраш бирасад то ба ҳазор,
Ҳезум чинад ба рӯйи ҳам бо минқор,
Он гуна занад бол, ки оташ гирад,
Сӯзад худро, байзаи нав орад бор.

Шеъре, ки сурудаам, дуое гуфтам,
Ойиву маро зи ғам рабоӣ гуфтам.
Ман васф намуда дилрабоии туро,
Бо шеваи нав ба дил рубоӣ гуфтам.

Ҳар гаҳ, ки рубоӣ дилрабоӣ дорад,
Андеша дар он рақси самоӣ дорад,
Чун зуф, ки барги кафи эҳсони Худост,
Бар захми ниҳони мо давое дорад.

Ишқ аст ба номи мо саломи Эзид,
Ишқ аст ба ҳар диле паёми Эзид,
Савғоти ману ту бар Худо ҷуз ин нест,
Ишқ аст фурӯғи мо ба номи Эзид.

Ин ор чӣ орест, ки аз ор орист,
Ин кор чӣ корест, ки худ инкорест.
Дороии мо бар сари мо чун дорест,
Дороии бегазанди мо нодорист.

Он рӯз, ки хонахез рафтем ҳама,
Аз роҳи каҷи гурез рафтем ҳама,
Додем тамоми сарвати худро, лек
Аз пушти яке пашиз рафтем ҳама.

Рӯди гузарон ёри гурезони ман аст,
Ин шабнами барг ашки резони ман аст,
Ҳар шоха парафшонии падрудии ман,
Ҳар барг видоъи умри безони ман аст.

Он лаҳза, ки тифли мо ба мо механдид,
Аз сурати ту ба ман сафо механдид,
Ҳар ғунчаи гул ҷудо-ҷудо механдид,
Он лаҳза ба сӯйи мо Худо механдид.

Ин барг кафи саломи моро монад,
Ин накҳати гул паёми моро монад,
Мо низ дамида рехтем аз дили кӯҳ,
Ин рӯди равон давоми моро монад.

Зан беш зи мард аст, шумо медонед?
Дилреш зи мард аст шумо медонед?
Дар сабқати бахшидани ҷону тани худ
Зан пеш зи мард аст, шумо медонед?

Ҳастии ману ту нозиши нестӣ аст,
Ҳастии ману ту созиши нестӣ аст.
То нестӣ ҳам зуҳури худро ёбад,
Ин ҳастии мо навозиши нестӣ аст.

Дар боғ раву ҷароҳати боғ бубин,
Сад доғи ниҳону тоқати боғ бубин,
Ту бар сари ӯ табар ба даст ойиву ӯ
Себат бидиҳад, саховати боғ бубин!

Эй ҷони гирифтор, ту андар қафасӣ!
Зеро ки ҳамеша пойбанди ҳавасӣ!
Берун бираҳ аз панҷараҳои сутхон,
Озод шав, озод, ки бар худ бирасӣ!

Дар боз шуду касе наомад омад!?
Дар боз шуду касе дар омад омад!?
Дар буда набуду буду аз нобуда,
Сад будаи нобуда баромад омад.

Ман ранҷи ту чун ганҷ кашидам, эй ёр.
Ман заҳри ту чун шаҳд чашидам, эй ёр.
То гӯш набастам, нашунидам розат,
То дида набастамат, надидам, эй ёр.

Худро зи даруни хеш биброр, биё!
Худро ба канори кӯча бигзор, биё!
Ин дору мадор бар сарат чун дор аст,
Биброр ту худро зи таҳи дор, биё!

Он кас, ки ба ин даҳри дудар меояд,
Оё зи чӣ дар, бубин ки дар меояд,
Зарҷӯй ҳамеша бо зарар меояд,
Заркор ҳамеша бо зафар меояд.

Бо пераҳани субҳ ба бар меоӣ,
Монанди саҳар хуҷастафар меоӣ,
Ман ҳам дари дил кушодаму ҳам дари чашм,
Қурбони ту гӯ, ки аз чӣ дар меоӣ?

Ман омадаам, ман охирин омадаам,
Дар пардаи оҳи оҳарин омадаам,
Во кун дари дил, бубин иҷозатнома,
Номи ту ба номаи ҷабин омадаам.

Он лаҳза, ки ман дарахт будам, будам,
Дар тахти худам ба тахт будам, будам,
То омадани табарбадасти бераҳм
Ман лонаи мурғи бахт будам, будам.

Вақт омаду рафту сад балоро гузаронд,
Давр омаду сад ҷабру ҷафоро гузаронд.
Ин соҳати дилхушиву ҷавлонгаҳи кист?
Бозӣ-бозӣ омаду моро гузаронд.

Оҳе будам, саҳоб кардӣ моро,
Борон-борон ту об кардӣ моро,
Бар дашту биёбон ҳама ҷо рехтиям,
Як сурати чун сароб кардӣ моро.

Ту бехабарӣ, соҳати дунё дили мост,
Густурда пайи тоати дунё дили мост.
То дер намонем ба вақти дидор,
Дар сақфи замон соати дунё дили мост.

Бо нанг нахестӣ, чӣ хезад аз ту?
Нашкуфтаӣ чун нахл, чӣ резад аз ту?
Мардона гузар зи ҷодаҳои ҳастӣ,
Он гуна, ки марги ту гурезад аз ту.

Эй мурғи қафас, бо ту ҳаме ҳамнафасам,
Ман мисли туям, бе қафасе дар қафасам,
Озодагиям ба даҳр озодӣ нест,
Бандии паси панҷараҳои ҳавасам.

Дидам, дари ман ба рӯйи ман баста бувад,
Дидам, сари ман аз тани ман ҷаста бувад.
Дидам, ки маро кушт, маро кушт, дареғ,
Он тир, ки аз камони ман раста бувад.

Худро бираву зи моварои худ ёб,
Худро ту зи дил, на аз намои худ ёб.
То баргардӣ ба хонаи мулки азал,
Худро зи варои худ барои худ ёб.

Эй дӯст, бидон, ки мо навидем ҳама,
Раҳ ёб, ки аз фано раҳидем ҳама.
Рӯзе, ки ба қулфи худ расидем ҳама,
Маълум шавад, ки бе калидем ҳама.

Инсон ҳама умр хешро фанд кунад,
Дасту дили худ ба ҳирс побанд кунад,
Хуш бод касе, ки ғуссаро бӯса кунад,
Хуш бод касе, ки заҳрро қанд кунад.

Барге ба ҳавас чу боли парвоз кушод,
Сад боли ҳавас ба олами роз кушод.
Аммо чӣ дареғ, рафту бар хок афтод,
Барге, ки пари хеш ба сад ноз кушод.

Гар пухта расидаӣ, чӣ бок афтодан!?
Зебову расида мисли нок афтодан!?
Ҳаргиз накунам ҳавас ба парвози барг,
Як лаҳза паридану ба хок афтодан!?

Ман маҳбасаму ба маҳбасам зиндонам,
Зиндонии дарду ҳасрату армонам.
Озодам кун, вагарна ин зиндонро
Бо таркиши як гулӯла дил тарконам.

Аз чашми бади касон гурезон худро,
Дар дидаи поки ман, биё, мон худро,
Дар дидаи поки ман ту ашки покӣ,
Аз дидаи ман дигар марезон худро.

Буд акси ту дар ойина чун андар об,
Дидам, ки дар он ғарқ бигаштӣ ба шитоб,
Мехостам аз дасти ту дорам, бикашам,
Ойина фурӯ бурд туро чун гирдоб.

Гар мард туӣ, ба пеши зан зону зан,
Бигзар зи ғуруру ҷону тан, зону зан,
Мафҳуми Ватан чист, агар модар нест?
Яъне, ки биё, пеши Ватан зону зан.

Чун барф буборед, чу меборад барф,
Файзу фараҳи сафед меорад барф,
Бо барф буборед, ки бо дасти Худо
Бар рӯйи замин умед мекорад барф.

Ин сонияҳо нафас-нафас меоянд,
Чун мурғи парида аз қафас меоянд,
Гоҳест чу занбӯр асал меоранд,
Гоҳест газанда чун магас меоянд.

Бо абр даме ту гиря кардӣ, ё не?
Бо дарди ғаме ту гиря кардӣ, ё не?
Он гуна, ки худ зулол гардӣ чун ашк,
Бо сад аламе ту гиря кардӣ, ё не?

Ҳар санг ниҳон ба сина розе дорад,
Дар умқ чӣ розу чӣ ниёзе дорад?
Каф мону шунав, набзидил ояд аз санг,
Ин санг чӣ сӯзишу гудозе дорад!

Моем, ки осиёби гардони худем,
Чун дона ба зери хеш талқони худем,
Мо орд кунем хешрову бипазем,
Худро бихурем ҳар нафас, нони худем.

Ҳар қатра умеди рӯйи дарё дорад,
Ҳар қатра ба ҷамъи қатра маҷро дорад.
Ӯ ҷамъи ману ту, ҷамъи мо ҷомеаем,
Ангушти ҷудо-ҷудо чӣ маъно дорад?

Имрӯз, ки ман ғариқи дарёи худам,
Во рехта чун бало ба болои худам,
Дар ҷойи худ истода беҷойи худам,
Аз ашки ба по рехта дар лойи худам.

Огоҳ шудам аз он, ки ноогоҳам,
Дар роҳ аён шудам, ки ман бероҳам,
Оҳам, ҳама тан ба қолаби як оҳам,
Чоҳам ҳама ҷисму худ дар умқи чоҳам.

Хушбахт касе бувад, ки зебанда равад,
Аз шохи баланд меваҳо канда равад,
Аз дил тамаъу ниёз афганда равад,
Бо гиря ба даҳр ояду бо ханда равад.

Худро ту зи ҳабси хеш биброр, бас аст,
Як умр ба тарс дар таҳи дор, бас аст.
Аз ор сухан магӯву аз нанг малоф,
Ор аз сари ору ормон ор, бас аст.

Аз кӯҳ ба сӯйи ман нигаҳ кард дарахт,
Бо дасти ишораташ ба раҳ кард дарахт,
Рафтам ба бараш, маро ба оғӯш гирифт,
Он рӯз маро зи ғам паноҳ кард дарахт.

Эй дӯст, чу як дарахт мебояд буд,
Дар иззати худ ба тахт мебояд буд.
Бар боди замона бо сару синаи боз
Гул дар кафу решасахт мебояд буд.

Ман дар дилу ҷони хеш меҳан дорам,
Дар як тани худ ҳазор ҳамтан дорам.
Ман бо ману ман бе ману ман мангардон,
Оям ба шигифт, чанд ман ман дорам?

Чашме бикушо ба рӯшанӣ, равзан бош!
Гул бину гул андеш, ҳама гулшан бош!
Сарбории бисёру гаронро бификан?
Садҳо мани худ раҳо намо як ман бош!

Чун ҷӯйи равона хешро ҷӯй охир,
Чун чашмаи кӯҳ рози худ гӯй охир,
Чун абри баҳор ғусса мемӯй охир,
Чун шохи дарахт аз худат рӯй охир.

Ин роҳ, ки нест рост аз ман то ман,
Роҳест, ки нонамост аз ман то ман,
Раҳ ҷониби ҳар кучҷост аз ман то ман,
Раҳ ҷониби нокучҷост аз ман то ман.

Ту ташнаи оби худ равонӣ, эй рӯд,
Дар меҳани худ зи худ чӣ монӣ, эй рӯд?
Рафтӣ, зару сими меҳанатро бурдӣ,
Рафтиву ба коми дигаронӣ, эй рӯд.

Зӯрӣ чу гузашт, зораву тоат монд,
Фатво чу гузашт, фоқату фурқат монд.
Бо бод бирафт, лек аз ёд нарафт,
Ҳарчанд ки рафт бардагӣ, одат монд,

Хезу ба дав о, ки бар даво кай бирасӣ!?
Хезу ба нав о, ки бар наво кай бирасӣ!?
Розӣ чу зи хешӣ, бар ризо кай бирасӣ!?
Хезу ба худ о, ки бар Худо кай бирасӣ!?

Он гаҳ, ки паранда мешавад дастонат,
Болу пари ханда мешавад дастонат.
Чун мурғи раҳоёфта аз шохаи яъс
Баргест, ки канда мешавад дастонат.

Ман бошаму ту, ба боғи борон бошем,
Дар шустани доғ-доғи ёрон бошем,
Бо пойи тиҳӣ давем аз кӯҳу дара,
Дар хоки ватан курӯшу торон бошем.

Марде дидам, дар лаби ӯ қанди салом,
Худ низ хуҷаста буд монанди салом.
Аз ӯ ҳама раҳ нуру сафо меборид,
Чун дошт ба лаб файзи шакарханди салом.

Дидам зи лабе шукуфаҳо меборад,
Бо зикри накӯ файзу сафо меборад,
Шукри ту ба лаб мисоли тӯмори Худост,
Аз шукр саодати Худо меборад.

Хоре буд гул, ишқ агар реша набуд,
Месӯхт замин, ишқ агар пеша набуд,
Фарҳод чӣ гуна ҷӯйи сангин меканд,
Дар панҷаи ӯ ишқ агар теша набуд.

Эй ишқ, ту мардона маро овардӣ,
Бо шаҳпари афсона маро овардӣ,
Гӯям ба кӣ арзу доди худро акнун,
Аз хона ба вайрона маро овардӣ.

Нақди сафарам бирехт, дар роҳе монд,
Шӯру шаафам ба ҳукми гумроҳӣ монд,
Нурам ҳама дар зулмати бегоҳӣ монд,
Аз ишқи ту дар бисоти ман оҳе монд.

Имрӯз ҳавои табъи ман боронист,
Имрӯз ваҷоҳати чаман боронист,
Дар фаси гусели мурғакони кӯчӣ
Кӯҳу талу гулшани ватан боронист.

Дар дидаи ман нуҳуфта бас борон аст,
Дар ҳасрати ман ҳавас-ҳавас борон аст,
Кас нест ғами ҷону диламро шӯяд,
Дар домани яъс додрас борон аст!?

Бе ишқ ҳаёти мо чӣ маъно дорад?
Ишқ аст туро аз ҳама боло дорад.
Ман зиндонам дар умқи худ, танҳо ишқ
Як равзанае ба рӯйи ман во дорад.

Дар фасли хазон муҳаббати ман мебош.
Дар рӯзу шабон муҳаббати ман мебош,
Дар фасли гулу фасли дилу фасли дай,
Дар ҳарду ҷаҳон муҳаббати ман мебош,

Ишқ аст, чароғи рӯшани ман, ишқ аст,
Ишқ аст сафои гулшани ман, ишқ аст.
Тӯмори ягона дар тани ман ишқ аст,
Ман меҳани ишқ, меҳани ман ишқ аст.

Пайдову ниҳон дар ҳама ҷо дидам ишқ,
Дар косаи дастони гадо дидам ишқ,
Дар доруву дармони Худо дидам ишқ,
Дар рӯйи шумо, руйи шумо дидам ишқ.

Ин барги дарахт худ навиди ишқ аст,
Ин ҷодаи нав роҳи ҷадиди ишқ аст.
Дидори нави ту ид, иди ишқ аст,
Ҳар бӯса ба лаб худаш калиди ишқ аст.

Имрӯз ягон марди абармарде нест,
Дар лаб гапи дард асту ба дил дарде нест.
Не, не, на ҳамон дард, ки нолон-т кунад,
Дарде, ки сар афрохтаву гардӣ, нест.

Эй рӯд, ману ту ҳамзабонем, биё!
Эй сабза, ману ту ҳамравонем, биё!
Эй мурғаки парфишон, парафшонӣ кун,
Аз будани ҳамдигар намонем, биё!

Эй рӯд, ману ту ҳарду ҳаммаҷроем,
Аз як ватанем, ҳарду аз болоем.
Пайғоми куҳистони баланди Меҳан
Аз меҳру сахо ба мардуми дунёем.

Ман зинда гузаштам аз дами ханҷару тир,
Ҳам зинда зи санги осиёи тақдир,
Борон, борон тир ба ман кора накард,
Як қатраи ашки ту маро кушт охир,

Афсӯс, агар, ки шанг ожанг шавад,
Афсӯс, агар, ки чанг харчанг шавад,
Афсӯсу дареғ, лоилоҷем ҳама,
Ойина, агар ки ошиқи санг шавад.

Ман як нигаҳам, ту ҳам нигоҳиву тамом,
Ман худ гунаҳам, ту ҳам гуноҳиву тамом,
Дар бераҳа роҳгум задан ҳам роҳест,
Ман як оҳам, ту ҳам як оҳиву тамом.

Бо андаку бо зиёд ҳам битвон зист,
Бо бедодиву дод ҳам битвон зист,
Ғамгину ҳазину шод ҳам битвон зист,
Чун бод ба «ҳарчи бод» ҳам битвон зист.

Эй мурғаки бахт, ошёни ту манам!
Эй қомати нанг, остони ту манам!
Он гаҳ, ки ба даргоҳи адолат бирасем,
Эй ишқ, бидон, ки армуғони ту манам.

Ҳастӣ ё не, вале ҷаҳонат боқист,
Болои сари ман осмонат боқист,
Афсона шудиву рафтӣ, аммо дар ман,
Симурғ! Ҳанӯз ошёнат боқист.

Бо ман будӣ, чаро намурдам пешат!?
Ҷон бахри фидо чаро набурдам пешат!?
Ҳоло, ки надорад арзиш ин ҷони ҳақир,
Бемояву бепояву хурдам пешат.

Он гаҳ ки бидидиям, надидӣ, афсӯс.
Гулҳо чидӣ, диле начидӣ, афсӯс.
Гул рехту дил рехт, гузаштӣ ба шитоб,
Он гаҳ ки расидӣ, нарасидӣ, афсӯс.

Эй ҳасти ту нест, гӯ маро, ҳастӣ чист?
Болои ҷаҳон куҷо бувад, пастӣ чист?
Ҳар кас ки зи ҷоми чашми ӯ нӯш накард,
Билло, ки надонад, ба чаҳон мастӣ чист.

Ин ханда ба лабҳои ту зебанда бувад,
Пайғоми Худост ҳар куҷо ханда бувад..
Хуршеди дурахшон ба сари хони шафақ
Чун себи зи шохаи само канда бувад.

Манзилгаҳи ишқ хонаи имон аст,
Ишқ амри Худост, ҳиммати виҷдон аст,
Фарёди хамӯшист, на ин ҳарфи даҳан,
Ишқ аз сари ҷон гузаштани инсон аст.

Бояд ба ҳама ба ҳадди дил маъво дод,
Андозаи ишқ баҳри ошиқ ҷо дод,
Андозаи ишқ чист, чун ҳар ошиқ,
Дунёст, бубоядаш ба ӯ дунё дод.

Эй дӯст, нафас ба сурати серун ор,
Он андаки худ ба ҳиммати афзун ор.
Ҳар вожа, ки бар хони адаб мемонӣ,
Чун нон бипаз, аз танӯри дил берун ор.

Мард он, ки ҷаҳон ба ҳурматаш зону занад,
Пирӯз ба пеши ғурбаташ зону занад,
Мард он, ки баҳои зиндагияш фардо
Марг ояду пеши турбаташ зону занад.

Оё кӣ вуҷуди хешро гулхан кард,
Рӯшан шуду зиндагониро рӯшан кард.
Зинҳор надошт бим аз торикӣ,
Он кас ки фурӯғи ишқро дар тан кард.

Бар ойинаам, ки чанг андохтаанд,
Чун кора накард, санг андохтаанд.
Як ойинаам шикасту сад ойина шуд,
К-аз нури Худош ранг андохтаанд.

Дар ҳар яки мо ҳазору як инсон аст,
Як халқ одам дар умқи мо зиндон аст,
Бо ин ҳама зиндонии худ зиндонем,
Он ҷаҳл чӣ ҷаҳл аст, ки зиндонбон аст?!

Оё зи куҷоӣ, ба куҷо омадаӣ!?
Аз баҳри вафо ё ки риё омадаӣ!?
Сад шукр, агар ҳадяи Додорӣ, лек,
Сад ҳайф, агар мисли ҷазо омадаӣ!

Чун рӯйи наҷоти худ ба ёр овар рӯ,
Аз ғайр маҷӯ муроди худ, аз худ ҷӯ,
Ҳаргиз ту магӯ, ки умр беподош аст,
Ту ҳадяи ман бигарду ман ҳадяи ту.

Ин накҳати сабза нафаси форами кист?
Наргис нигаҳи умеди «бедорам»-и кист?
Ин лола, ки ҳам хандаву ҳам ғам дорад,
Худ номаи ишқи «дӯстат дорам»-и кист?

Чун шӯъла ба фонус бисӯзад ҷонам,
Дар пайкари номус бисӯзад ҷонам,
Аз оташи худ дубора эҳё бишавам,
Чун пайкари Қақнус бисӯзад ҷонам.

Олучаи боронзада чун олус аст,
Аз чист чунин бефараҳу маъюс аст?
Шаб.., моҳ ба рӯйи шохаҳои тӯс аст,
Он тӯс чу марди дар кафаш фонус аст.

Ҳар санги диёр тахти ман, гоҳи ман аст,
Ҳар нахли сари роҳи ман огоҳи ман аст.
Моҳест дар осмон, ки чун оҳи ман аст,
Фонуси шабони тираи роҳи ман аст.

Дидам, ки маро дидаӣ, ман ҳам дидам,
Дар чашми дурахшони ту ман нам дидам,
Дар ин ҳама ҳангомаву шодӣ гули ишқ
Пажмурд, ба чашмони ту мотам дидам.

Хуршед набошад, на ту, на сояи туст,
Сармои ҳаёт ҷумла сармояи туст,
Хуршеди ту ишқ аст, бидораш дар дил,
К-он ҳусни ту, ҷавшани ту, перояи туст.

Ин будани ту нишони нобудани туст,
Ҳарчанд, ки ин сари туву ин тани туст.
Дар ҳасти худат нестӣ, ҳастият чист?
Ин будани ту набуданат дар «ман»-и туст.

Будан, ки туро ғулғула андохтан аст,
Андӯхта, андӯхтаву бохтан аст.
Аз ваъдаи пуч қасрҳо сохтан аст,
Он сар, ки набудааст, афрохтан аст.

Аз соғари чашми ёри худ мастӣ кун,
Бо мӯру малах табодули ҳастӣ кун,
Чун барги кафи Худо зи шох афтода,
Бо обу гиёҳу хок ҳамдастӣ кун.

Он кист, ки бо мову ту дар мо мезист,
Мегуфт ба гӯши мо гаҳе: ист, наист,
Чун дида кушодаӣ, набинӣ ӯро,
Чун дида набастаӣ, намедонӣ кист.

Қадри ҳама чиз дар набудан беш аст,
Гар нестӣ, дар ёди ту дилҳо реш аст,
Дар сабқати будану набудан чӣ аҷаб
Аз будани мо набудани мо пеш аст.

Ман бори дигар, бори дигар омадаам,
Бар бехабарон мисли хабар омадаам,
Ман дар дили худ паёми ишқ овардам,
Бар кӯйи шумо мисли саҳар омадаам.

Фарёди сукути ман ба гӯшат нарасид,
Ин бонг бар он дили хамӯшат нарасид,
Таркид аз ин садо хамӯшии фалак,
Ин бонги гарон ба гӯши ҳушат нарасид.

Бар вақт чу омадем, барвақт набуд,
Барвақт расидему дигар вақт набуд.
Чун вақт биёфтем, агар вақт набуд?
Гумкарда бикофтем, дар вақт, набуд.

Ман бол кушодаму паридам, рафтам,
Ман синаи вақтро даридам, рафтам.
Чун бол надорӣ, нараҳӣ аз ин дом,
Ман ҷон додам, бол харидам, рафтам.

Дар ман, ки парандаест, пар гум кардаст,
Дар ман, ки фариштаест, фар гум кардаст.
Дар ман, ки мусофире расида ба ватан,
Ҳайҳот, вале, хонаву дар гум кардаст.

Вақти ту намерасад, чу соат дорӣ,
Ҳар лаҳза ба соатат итоат дорӣ,
Вақт аз ту гузашт.., пас чӣ суд аз соат,
Шав соатӣ худ, агар асолат дорӣ.

Ӯ кист, ки интизор дар пушти дар аст?
Дилхоста он нигор дар пушти дар аст,
Дар баста, калиди қулфи дар бишкаста,
Мифтоҳ бишав, ки ёр дар пушти дар аст.

# ИШҚРО БОЯД САДО КАРД

## ИШҚРО БОЯД САДО КАРД

Ишқро бояд садо кард!
Ишқро бояд чароғи раҳнамо кард!
Ишқро бояд сутуни хонаҳо кард!
Ишқро бояд ҳаво кард!

Варна дил – ин ширмоҳии наҳиф
Дар канори мурдаоби синаи абгор
 маргро пайғом хоҳад бурд.

Варна рӯҳ –ин паршикаста мурғаки ночор
Андаруни ин қафас – ин пайкари бемор
Заҳри ғам бар ком хоҳад бурд.

Ишқро бояд садо кард!
Ин ягона хайрхоҳу некбину ҳақшиносу хушнафас
Метавонад вораҳонад:
Моҳиёнро аз дами мурдоб,
Мурғаконро аз қафас...

Ишқ, баргард!
Ишқ, баргард!
Ман тазарро мекунам
 аз моварои шишаҳои ашк,
Аз вараи симбанди чини пешонӣ...

Эй булӯрин дасти некӣ!
Атрафшон дасти хайр!
Эй дуруди поки дастони пурэҳсони Худо!

Эй раҳиму раҳнамои ман,
раҳоям кун, раҳо!

Аз фару ҳолат пару болам бубахш!
Аз ҷалолат авҷи иқболам бубахш!

Ишқро бояд раҳо кард!
Дар тароватҳои гулҳо ӯ ниҳон аст!?
Ӯ ниҳон дар ҳасрати барги хазон аст!?
Дар дурахши ҳасратомези нигоҳи нозанинон,
Дар гудози дарди мо, дар умқи ҷон аст.

Чун асо бояд варо бар дасти кӯрон дод,
Чун иродат боядаш бар носабурон дод,
Чун умеди вопасин бар ноумедон...

Бо ҳамин дору, ки атри эзадӣ дорад,
Дардҳои бедаворо
Метавон охир даво кард.

Болу пар бояд бад-ӯ бахшид,
Бо парасту, бо кабӯтар, бо уқобон
ошно кард!

Ту барову – ишқ! – гӯ,
Бингар, чӣ гуна
Пок мегардад ҳаво,
мурғон ҳама парвоз мегиранд...

Ту барову – ишқ! – гӯ,
Бингар чӣ гуна
Гул табассум мекунад, себарга мерақсад,
Меравад арғушт борон,
Накҳати шаббода пар-пар мезанад,
Шаҳпаракҳои ҳавасҳо мепаранд
Дар ҳавои рӯзгорон...

Ишқро бояд садо кард!
Ишқро бояст дини раҳнамо кард!
Боядаш бар тахти асли ӯ нишонд!
Ишқро бояд Худо кард!

*08.09.2016*

## ИН МӮЪҶИЗА ИШҚ АСТ

Вақте ки дар ангушти ту хуршед нигин аст!
Вақте ки таҳи пойи ту дар рақс замин аст!
Он лаҳза, ки ҷавлонгаҳи ту чархи барин аст!
Ин мӯъҷиза ишқ аст, бале, ишқ ҳамин аст!

Вақте ки чу мурғон ту паридӣ ба фалакҳо!
Вақте ки ба ту роз бигӯянд малакҳо!
Шаб моҳу саҳар шамс туро ҳусни ҷабин аст!
Ин мӯъҷиза ишқ аст, бале, ишқ ҳамин аст!

Он лаҳза, ки аз худ бираҳӣ, барқ занӣ, барқ!
Дар ашки ту андӯҳи ҷаҳон ғарқ шавад, ғарқ!
Он лаҳза, ки дин ишқ бувад, ишқи ту дин аст!
Ин мӯъҷиза ишқ аст, бале, ишқ ҳамин аст!

Вақте ки ту бе пайсаву дорои ҷаҳонӣ!
Вақте ки ту бе мансабию мири замонӣ!
Дороии дунё дили покиза зи кин аст!
Ин мӯъҷиза ишқ аст, бале, ишқ ҳамин аст!

Вақте ки ҳама хуб, ҳама поку мубаррост!
Вақте ки шабат рӯзтар аз рӯзи муҷаллост!
Вақте ки дилат ҷилвагаҳи амри яқин аст!
Ин мӯъҷиза ишқ аст, бале, ишқ ҳамин аст!

Фиръавну Сулаймони ҷаҳон пеши ту ҳеҷанд!
Бисёру каму суду зиён пеши ту ҳеҷанд!
Донӣ, ки чунин буду чунин ҳасту чунин аст!
Ин мӯъҷиза ишқ аст, бале, ишқ ҳамин аст!

## ИШҚ ЧИСТ?

Агар чун гул битобад пеши чашмат хор – ин ишқ аст,
Ту хобиву дилу ҷонат бувад бедор – ин ишқ аст.

Ҳама тақдири олам гӯиё дар рӯи дасти туст,
Ҷаҳон дар рӯи дастат тифлаки бедор – ин ишқ аст.

Муҳаббат дар ту нахли себи сар то по шукуфон аст,
Бирезад вожа аз лабҳот шаккарбор – ин ишқ аст.

Агар чашмони ту чун чашма аз дидор шодоб аст,
Бирезад қатра аз чашми ту гавҳарбор – ин ишқ аст.

Агар бинӣ, намебинӣ ба ғайр аз ӯ, қудумашро
Ба рӯи дасту чашму тори сар бардор – ин ишқ аст.

Агар дидӣ чу садбарге шукуфт аз шарм рӯи ёр,
Ҳаёро парда кун, бар рӯи худ бардор – ин ишқ аст.

Чароғак мезанад ногаҳ вуҷуд аз озарахши васл,
Ба ногаҳ аз нигоҳе мешавӣ ҳушёр – ин ишқ аст.

Ҷасорат бо ту, ҳиммат бо ту, нерӯи худо бо ту,
Замину осмонат бо ту бошад ёр – ин ишқ аст.

## ОН ЧӢ МОРО МЕБАРАД БОЛО

Он чӣ моро мебарад боло, ҳамин ишқ аст,
Он чӣ меафтонадат аз по, ҳамин ишқ аст.

Он чӣ мебахшад ба мо маъно, ҳамин ишқ аст,
Он чӣ бемаънист дар дунё, ҳамин ишқ аст.

Он чӣ бар ту медиҳад неру ҳамин ишқ аст,
Он чӣ неру мебарад аз ту ҳамин ишқ аст.

Он чӣ моро мекунад хандон ҳамин ишқ аст,
Он чӣ гирён мекунад осон ҳамин ишқ аст.

Он чӣ медорад туро воло ҳамин ишқ аст,
Он чӣ охир созадат расво ҳамин ишқ аст.

Он чӣ ширин ҳамчунон ҳалво бувад, ишқ аст,
Он чӣ талхи талх дар дунё бувад, ишқ аст.

Он чӣ моро мекунад Ҳотам, ҳамин ишқ аст,
Он чи моро мекунад сархам, ҳамин ишқ аст.

Он чӣ чашматро бидорад во ҳамин ишқ аст,
Он чӣ созад кӯру нобино ҳамин ишқ аст.

Ончи дар пирӣ туро созад ҷавон, ишқ аст,
Дар ҷавонӣ пир созад бегумон ишқ аст.

Лутфи қисмат аз Худо, аз осмон аст ишқ,
Макри шайтони лаини беамон аст ишқ...

## МЕБАХШАМАТ, БИЁ!

Чун сурати саҳар, чун сураи сафо
Чун мужда, чун наҷот аз бовари Худо,
Ҳар лаҳза, ҳар нафас
Мебахшамат, биё!

Аз қуллаи ғурур, аз авҷи кибриё,
Аз ҳалқаи адӯ, аз домани риё,
Аз ҳар куҷо расӣ,
Мебахшамат, биё!

Бад кардаӣ ба ман, рад кардаӣ маро,
Номам гирифтаӣ бо лаҳни носазо,
Эй душмани дилам,
Мебахшамат, биё!

Мебахшамат, биё, эй рафта бо ғурур,
Эй рафта бо ситез, бо қаҳр, беибо,
Аз домани бало
Мебахшамат, биё!

Аз банди ғуссаҳо, аз маҳбаси ҷафо,
Аз ҷодаҳои фанд, аз домани фано.
Баргард бармало…
Мебахшамат, биё,
Мебахшамат, биё!

# ДАР ОҒӮШИ ХАЗОНРЕЗ

## ДАР ОҒӮШИ ХАЗОНРЕЗ

Ман дар оғӯши хазонрезам,
Чун хазон  аз хеш
мерезам...

Аз дарахти қомати худ
Синаафшон дар ҳаво..
Б
А
Р
Г –
Б А Р Г
аз хеш
мегардам
раҳо,
Бодҳои тунд бар ман мевазанд,
Мекананд аз банд-бандам,
Бе ягон шафқат, ба ҳукми нораво
Мебарандам, мебарандам...

Оҳ дар дасти хазон афтодаам,
Дар талоши ҷисму ҷон афтодаам,
Аз баландои умеду эътиқод
Бас гарону нозамон афтодаам,

Ман дар оғӯши хазонрезам,
Чун хазон аз хеш мерезам...
Ин хазон монанди ҳазён аст,
Ин ҳазимат ҳасрати ҷон аст...

Бо баҳор аз ман шукуфтан рафт, рафт,
Ишқу шодӣ рафт – махзан рафт, рафт..,
Ҳузнангезам.

Лек ҳар гаҳ мебарояд офтоб,
Мекашад аз рӯй рӯмоли саҳоб,
Ман тилоӣ мешавам,
Дар лобалои дилрабоӣ мешавам...

Лек ҳар гоҳе дар оғӯшам ба меҳр
Болафшон мурғакон пар мезананд,
Мепарам ҳамболи онон,
Аз барои ман ҳамин як он ғанимат,
Тобиши ҳар зарраи хуршед
андар ҷон ғанимат.

Ман хазонрезам,
Биё, барги тилоямро
Бар сарат резам...

Гарчи ин парвози зебои як они ман,
на осон аст.
Дигаронро
роҳати рӯҳ асту чашмон аст,
Кандани ҷон аст бар ман,
Кандани ҷон аст...

Ман ҳамоғӯши хазонрезам,
То дар ин тасвир
рӯҳи бекарон резам,
Аз нигаҳ, аз чеҳра, аз дил, аз нафасҳоям
хазон резам,
Барг-барг аз хеш ҷон резам,
Ҷон резам...

*11.03.2017.*

## МАРО ОҒӮШ МЕГИРАД ХАЗОНРЕЗ

Паси тирезаам биншаста будам,
Фурӯ афтода андар рӯйи мизам,
Ки барге панҷа зад тирезаамро,
Ки ман бар хештан оям, бихезам.

Ту гӯйӣ тирамоҳи зарҳалинмӯ
Маро берун, ба сӯйи хеш мехонд,
Ту гӯйӣ тарсу эҳсоси хатар дошт,
Маро аз ин мани афтода меронд.

Бубояд рафт, аммо бар куҷо рафт?
Бубояд монд, аммо дар куҷо монд?
Ба ҳар сӯйе, ки рафтам, зиндагонӣ
Маро аз нав ба асли хеш гардонд.

Паси тирезаам барги хазон аст,
Ҳаёти ман ҳама боди вазон аст.
Фурӯ резам чу барги хушк имрӯз,
Вале ин рехтанҳо ҷонгазон аст.

Ту гӯйӣ тирамоҳи зарҳалинмӯ
Маро ҳам мебарад, бигрифта оғӯш,
Чунон зебову гарму нозанин аст,
Ки ман аз зарҳали ӯ мекунам нӯш.

Маро оғӯш мегирад хазонрез,
Бирезам барг-барг аз пайкари худ,
Чу барги охирин охир бирезам,
Зи шохи мижжа, аз чашми тари худ...

*октябр, 2016.*

## МАХМАЛИ ОҲ

Ту худро доштӣ чун ганҷи маҳфуз,
Кунун биншастаӣ рӯ бо хазонрез,
Ки гӯяд бо забони барги поиз,
Биё,бо тирамоҳи ман биомез!

Ту худро доштӣ ҳамчун амонат,
Ки рӯзе Ҳақ ба ҳақдораш расонад.
Вале пайдо нашуд он заршиносе,
Ки қадри ин амонатро бидонад.

Куҷо шуд эҳтиёти ту, куҷо шуд?
Ҳавасҳою нишоти ту куҷо шуд?
Кӣ подоши туро аз бахт дуздид?
Чӣ бераҳмона дар шаънат хато шуд.

Барои кӣ, барои чӣ, худоё,
Ту худро доштӣ бо ин қадар нанг?
Ки инак, қисмати номард имрӯз
Ба рӯят мекашад чанголи ожанг.

Хазонрезу ҳама оҳам, ҳама оҳ,
Биё, дар махмали оҳат бигирам.
Биё, барги тилоии хазонрез,
Ба чашму дасти огоҳат бигирам.

Хазон аз шохаҳо резад ғамангез,
Ту гӯӣ ҳасрати меҳан бирезад.
Бимон, то шабнами ашки зулолат
Ба рӯи барги дасти ман бирезад.

*28.12.2015.*

## ДАР ТИРАМОҲ

Ту ранги тирамоҳӣ, пур зи оҳӣ,
Ту ранги тирамоҳ озурдарангӣ,
Ту ранги тирамоҳи зарнисорӣ,
Тилорангиву сар то по қашангӣ.

Дар оғӯши хазонрези ту хоҳам
Диҳам сар ихтиёрамро ба гардун.
Бирақсам ҳамраҳат дастобагардан,
Ба ранги баргҳо, бо сози маҳзун.

Дар оғӯши хазонрези ту хоҳам
Бурун оям зи худ, оғоз гирам,
Ба мисли баргҳои тирамоҳӣ
Ба боли оҳи ту парвоз гирам.

Биё, бо қаҳ-қаҳи ҳар барги поиз,
Ки бо оҳанги зеро по барояд,
Бихандему бихандему бихандем,
Бимон бо ханда ҷон аз мо барояд.

Биё, эй дилбари фасли хазонам,
Ки дар ангезаи ишқат шавам гум,
Дар ин фасли талой, дар тали ҳузн
Талофиям ту бош аз ин талотум.

Бимон,чун баргҳои тирамоҳӣ
Ба рӯят баргҳои бӯса резам,
Ҳазорон бӯса гардам чун хазонрез
Ба дӯшат реза-реза-реза резам.

*28.12.2015.*

## ХАЗОНРЕЗИ ТИЛОӢ

Ба пирӣ мебарад ин раҳ, ба пирӣ,
Ҳанӯз амри ҷавонӣ монда бо ман.
Биё, эй ёри дери дери дерӣ,
Ки ишқи арғувонӣ монда бо ман.

Хазонафшони фасли тирамоҳам
На камтар аз гулафшони баҳор аст.
Биё, дар баргҳои зарди оҳам
Навои хандаҳои интизор аст.

Биё, аз шохсори тирамоҳам
Ба дӯшат як кафи шодӣ бичоншам.
Дили ман лонаи хуршеди ишқ аст,
Тали васлат талоӣ аз талошам.

Биё, аз гулшани табъам гузар кун,
Зи боғи розҳо гул чину гул чин.
Биё, аз ин баёзи меҳрпарвар
Бичин садбарги нусратбору насрин.

Биё, аз ин шафақрези тилоӣ,
Тилоӣ шав, тилоӣ шав, тилоӣ.
Биё, дар рӯ ба рӯи ту кушоям
Даре то бекарон, беинтиҳоӣ...

## АФСОНАИ ХАЗОНРЕЗ

*Қитъаҳо*

Афсуни зиндагонӣ афсонаи хазонрез,
Аржангҳои Монӣ дар хонаи хазонрез.
Худро раҳо намоям бо барг-барги поиз,
Чун нахл қад фарозам дар шонаи хазонрез.

Поиз андар ман бувад, дар ман хазонафшон,
Дар ман аст ин озарахш, ин абр, ин борон...
Тирамоҳам.., акс дорад дар нигоҳи ман
Обшори хандаҳо, чашми нами ёрон.

Эй нигори зарнисорам, тирамоҳи ман!
Ин туӣ, ёри биҳиштӣ, сарпаноҳи ман!
Оҳ мехоҳам бимонӣ дар никоҳи ман!
Оҳ мехоҳам, ки бошӣ дар нигоҳи ман!

Тирамаҳ мисли зане озода аст,
Пои урён дар канори ҷода аст.
Эй Худо, оғӯши атрафшони ӯ
Бо чӣ хушбахте чунин бикшода аст.

Тирамоҳ, эй нозанини зиндагӣ!
Хандаҳои вопасини зиндагӣ!
Баргҳоят панҷаи дастони кист
Баҳри таскин дар ҷабини зиндагӣ?

Ишқ ҳам дорад хазорез, эй Худо!
Баргҳоро бар сарам рез, эй Худо!
Чун шиори ишқ дар шохи баланд,
Бар маро бо рамз овез, эй Худо!

Дар чаман монам – намонам, эй Худо!
Бо хазонрезат хазонам, эй Худо!
Дар лабонам қиссаи падруди ишқ,
Турнаосо парфишонам, эй Худо!

Ҳамчу баргат уфтода аз дарахт,
Ҷони худ бар бод дода аз дарахт,
Мепарам бо орзуҳои шигифт,
Боли озодӣ кушода аз дарахт.

Завраќи баҳри кабуди осмон,
Меравад абре чу дуди осмон.

Ин қадар ашк, ин қадар ғам аз куҷост,
Ҷамъ гашта дар вуҷуди осмон?

Номаҳои баргҳои тирамоҳ,
Номаҳои ҳасрату андӯҳу оҳ...
Кӣ навишту интизори он кӣ буд?
Норасида, уфтода рӯи роҳ...

Тирамоҳ ангезаи ёди ту бод!
Тирамаҳ майдони меъоди ту бод!
Ин ҷилои баргу озодии он
Раҳнамои рӯҳи озоди ту бод!

Баргҳо чун одамон як-як раванд,
Шикваҳо дар дил ба садҳо шак раванд,
Эй дареғо, ноҳақу уммедвор
Барг-барг афтодаву так-так раванд.

Ин қадар зебо бувад марги хазон,
Он даме, к-афтад зи сар тарги хазон.
Дар лабонат охирин начвои ишқ
Рафт бояд ҳамчунон барги хазон.

## ДАР ОҲАНГИ ХАЗОНРЕЗ
***Дубайтиҳо***

Хазон омад, хазон омад, хазонам..,
Ту рафтӣ, рафт фасли гулфишонам.
Фақат ёдат шукуфо монд, эй гул,
Фақат номат бувад шаҳди лабонам.

Хазон омад, хазон омад, ҳазинам..,
Туро оё бубинам ё набинам?
Аз он сӯзе, ки дар ман монда рафтӣ,
Ҳамеша бо хаёлат озаринам.

Ба мисли панҷаи дастони модар
Маро барги хазон каф монд бар сар,
Дилам гум зад, чу модар, эй хазонрез!
Дар оғӯши пур аз меҳрат маро бар!

Хазонрези тилоӣ бар сарам рехт,
Ту мегӯӣ Худо бар сар зарам рехт.
Кушодам бол чун мурғон ба шодӣ,
Ғубори зиндагонӣ аз парам рехт.

Хазон омад, маро аз ман раҳо кард,
Чу барги хушк аз шохам ҷудо кард,
Паридам, панҷа бурдам бар сари ёр,
Маро афшонд аз худ, зери по кард.

Ба монанди хазон мерезам аз худ,
Чу элак гарди ғам мебезам аз худ.
Тамоми булбулон аз боғ рафтанд,
Чӣ сон бе болу пар бигрезам аз худ?

Хазонрезам, хазонрезам, хазонам..,
Хазон омад ба нахли ҷисму ҷонам.
Худовандо, ба шохи хушки поиз
Чу барги охирин монам, намонам..?

Хазонрезам, хазонрезам, хазонам..,
Хазони тортан андар равонам
Танида торҳо.., ман мурғи ҳақро
Чӣ сон аз ин қафас акнун раҳонам?

Раҳо гаштам чу барги тирамоҳӣ,
Паридам дар ҳаво бо боли оҳе,
Паридан метавон бе болу бепар,
Агар боли ту бошад бегуноҳӣ.

Хазонрезо, биё, бо ҳам бирақсем,
Ба печу тобҳо аз ғам бирақсем,

Пур аз ашк аст чашмони ману абр,
Биё бо дидаи пурнам биракcем.

Биракcад ҷони ман бо барги поиз,
Ба ман гӯё, ки мегӯяд хазонрез:
Аз ин ғалбери ман дарду ғаматро
Биё безу биё безу биё без!

Ғиреви бод меояд ситезон,
Ҳама мурғон парафшону гурезон,
Бигӯ имрӯз рӯзи ҳиҷрати кист?
Дарахтонанд ин сон ашкрезон...

Чу барги хушк аз ҷонат раҳо бош!
Даме озод чун мурғи ҳаво бош!
Чу барчоше ба дӯши ошиқон рез,
Шабеҳи тирамоҳи босахо бош!

Хазонрезо! Беҳин майдони ишқӣ!
Беҳин ҷавлонгаҳу ҷавлони ишқӣ!
Ҳама рангат ҷилои ишқ дорад,
Ҳама дасти пур аз эҳсони ишқӣ!

Хушо, ин бӯсабороии хазонрез,
Ба дӯши ёр бороии хазонрез,
Хушо, хандон давидан аз паси ёр
Ба рангинфарши долони хазонрез.

Баногаҳ рехта, ногаҳ бимиранд,
Ба зери по, ба рӯи раҳ бимиранд.
Сабақ аз марги баргон гир, зеро,
Агар миранд, бо қаҳ-қаҳ бимиранд.

Нигори нозанини сол, поиз!
Арӯси вопасини сол, поиз!
Табассумҳои вопас дар лабонаш
Равад аз сарзамини сол поиз...

Расида боз айёми хазондуд,
Чу мебинам, барорам аз равон дуд.
Худо бар мо зи боло нур резад,
Вале аз мо расад бар осмон дуд.

Ту танҳоиву ман танҳо, хазонрез!
Чӣ зебои ту чун занҳо, хазонрез!
Биё, рақсем бо баргони поиз,
Ба шанҳову ба барзанҳо, хазонрез...

Хазонрез аст, ғамҳоро, биё, рез!
Ғубору гарди ҷонатро зи худ без!
Бисӯз.., он гаҳ бирав дар зери борон
Бишӯ покиза худро, тоза бархез!

Хазон омӯхт бар ман дарси падруд,
Ки мебоист рафтан, дер ё зуд...
Ғуруби озаринаш хунчакон гуфт:
Дари розам касе накшуд, накшуд?!

Равад ногаҳ ба мисли барги поиз,
Касе аз мо дар айёми хазонрез.
Ҳаёти одамӣ барги дарахт аст,
Ки рӯзе мешавад чун барг ночиз.

Ҷамоли тирамаҳ пардози ишқ аст,
Тамоми тирамаҳ ибрози ишқ аст.
Ҷилои розҳо дорад ба сад ранг,
Беҳин фасли баёни рози ишқ аст.

Хазонрез! Эй умеди норасида!
Хазонрез! Эй ҷавонии надида!
Ҷилои ҷумлаи гумкардаҳоӣ!
Хазонрез! Ашки мижгони чакида!

# ҚАТРАБОРОН

## МЕТАВОН

Метавон озодагиро мояи озарм кард,
Метавон дар гулхани як ханда худро гарм кард.
Аз насими як нигоҳе метавон гул-гул шукуфт,
Метавон аз қатраашке санги дилро нарм кард.

## ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ ҷанг аст умре дар миёни неку бад,
Зиндагӣ сулҳ аст умре дар миёни хубу дад.
Одамӣ чун тортан баҳри шикори хештан
Метанад тору ба доми хеш рӯзе мефитад.

## ФИҒОНИ ДАРАХТ

Фиғон бархост аз ҷони дарахте,
Ки аз неши табар афтод бар пушт.
Ки аз ман бурда буд ӯ дастаашро,
Дареғо, ӯ маро бо дасти ман кушт.

## ШАРАФ

Рӯҳам ба ҳама ҷабр ниҳон механдад,
Сар гир зи ман, бубин, ки ҷон механдад.
Мардони шараф чун сари боло доранд,
Шамшер хӯранд, захмашон механдад.

## МЕХАЗАД

Чун забон аз коми ӯ ҳар бор берун мехазад,
Аз даҳонаш захри шаккарбор берун мехазад.
Дасти худ ҳар гаҳ, ки бинмояд ба сӯи кас дароз,
Даст не, аз остинаш мор берун мехазад.

## САРДОР

Рӯшан дили худ кун, зи шаби тор натарсӣ,
Сардор чунон шав, ки зи сардор натарсӣ.
Сар дор чуноне, ки надорӣ ба ду каф сар,
Сар дор чунон, то зи сари дор натарсӣ.

## ДАР ПАСИ ПАРДА

Мушт бар мо мафишонед, ки мо мушти парем,
Бикушоед, дароем, ки мо пушти дарем.
Ин тамошо ҳама андозаи ангораи мост,
Дар паси парда касе ҳаст, ки мо бехабарем.

## ДАЪВОИ ҶАВОНӢ

Даъвои ҷавоният ҷавонмардӣ нест,
Дар сурату сирату равон мардӣ дор.
Домони ҷавонӣ бигузору бигузар,
Минбаъд зи домани ҷавонмардӣ дор.

## ОСИЁБУ ОБРӮ

Зиндагӣ дармони бедардон бувад?!
Зиндагӣ бар коми номардон бувад?!
То ба кай аз обрӯи мову ту
Осиёби нокасон гардон бувад?!

## ҶОЙИ ШУКР

Рӯди мо аз кӯҳи мо зар мебарад,
Чашмаҳои оби кавсар мебарад.
Во дареғ, аз ин зулолиҳои худ
Соҳиби он дидаи тар мебарад.

## ҚУРБОНИ ХУД

Бе тиру туфанг тирборони ҳамем,
Сад захми сухан ниҳода бар ҷони ҳамем.
Бе он ки кушанд бо силоҳе моро,
Бо теғи забон кушаву қурбони ҳамем.

## ҲАЁ

Гар ту на туӣ, чӣ суд аз пираҳанат!?
Завқе, ки ту дорӣ, ҳайфи боғу чаманат!
Ҳуснат на ба ранг асту либос асту палос,
Мепӯш ҳаёро чу либосе ба танат.

## ТАБАРЗАН

Ин зиндагӣ ончунон маро афшондаст,
Ман нестам он касе, ки дар ман мондаст.
Нахлест, ки баргу бори ӯ рехтааст,
Ҳукмаш ба ҳукумати табарзан мондаст.

## ПОДОШ

Подоши тамоми шодмонӣ додем,
Пирона ҷавоби навҷавонӣ додем.
Ҳар чиз, ки дод зиндагӣ охири кор
Баргашта варо ба зиндагонӣ додем.

## БУРДАНД

Он мардуми хушсириштро бурданд,
Он ҷангалу боғу киштро бурданд.
Дар тифлии ман биҳишт ин ҷо буд,
Аз рӯи замин биҳиштро бурданд.

## ИШҚ

Дар хатти ҷабини ман навиштӣ: Ишқ.
Аз ишқ вуҷуди ман сириштӣ, ишқ!
Дар хоки вуҷуди ман чӣ киштӣ? Ишқ!
Эй вой, чӣ хубиву чӣ зиштӣ, ишқ!

## КОВАЕ ҲАСТ

Ковае ҳаст, ки ҳар лаҳза тавонад бархост,
Ковае ҳаст, ки чун набзи адолат бо мост.
Парчами пираҳани заҳматиаш андар тан,
Дар сари шонаи мардум, зи ҳама ӯ болост.

## ДОЙРА

Дар дасти шохаҳои дарахт офтоб буд,
Чун дойра ба панҷаи хунёгарони нур.
Мерехт сози нур ба оҳанги равшанӣ,
Арғушти нур буду навои дилу сурур.

## ДУШМАНИ ТУ

Душмани ту кист, гӯям, ҳамватан,
То бихезӣ рӯ ба рӯяш тан ба тан.
Душмани ту дар ту пинҳон гаштааст,
Хез бар ҷангу ҷиҳоди хештан.

## ДУШМАНИ ХУД

Бас, дигар душман маҷӯ, душман маҷӯ,
Хайрхоҳи меҳани худ бош, бас.
Дигаронро дӯст дору дӯст бош,
Душмани худ, душмани худ бош бас.

## САРҲОИ МО

Он қадар сарҳои мо бубридаанд,
Зиндагонемон ҳама ғам буд, ғам.
Айби душман нест, чун сарҳои мо
Пеши душманҳоямон хам буд, хам.

## АЙБИ МО

Нест айби пардаҳои боз,
Айб айби дидагони мост.
Нест айби теғи душманҳо,
Айб дар теғи забони мост.

## РЕХТАН

Мӯ ба мӯ охир ҳама мӯйи ту рехт,
Барги шодӣ аз гули рӯйи ту рехт.
Аз қавоқат хест чун абри ғазаб,
Обрӯи ту аз абрӯи ту рехт.

## САДО КАРД

Туро набзи дилам имшаб садо кард,
Тапиду ҳар нафас бо таб садо кард.
Ба ёдат, кавкаби ман, то саҳаргоҳ
Маро чун кабк як кавкаб садо кард.

## ОМАДАМ БОЗ

Ман аз ишқи ту шайдо омадам боз,
Сурудат дар саропо омадам боз.
Чунон куштӣ маро бо як нигоҳат,
Ки ман аз нав ба ба дунё омадам боз.

## ХАБАРИ ИШҚ

Ёро ба ту аз ишқ хабар овардам,
Хуршеди ҷаҳонро паси дар овардам.
Дидам, ки гули умеди ту пажмурдаст,
Борон шудаму ду чашми тар овардам.

## ШУБҲА

Гар боз ба он боғ биёранд, ту боз
Дастат бикунӣ ба сӯи он себ дароз.
Ин шубҳа, ки дар ту мисли ақраб боқист,
Дар панҷаи ту панҷаи худ созад боз.

## ДАРДИ МАҲАЛ

Мекушад охир туро мӯри мағал,
Мекушад охир туро мори бағал.
Мекушад охир туро дарди маҳал,
Миллати бечораву зору касал!!!

## ХОКИ ПОК

Ин хок, ки поктар ба мо аз пок аст,
Ҳар чиз, ки мехурем мо, аз хок аст.
Як рӯз расад, ки хок моро бихурад,
Бо хок ҳисоби мо дар охир пок аст.

## СОЯИ СОЯ

Як умр канори сояи худ будем,
Як умр манори сояи худ будем.
Гӯям ба ту тафриқа миёни мо чист,
Мо сояи тори сояи худ будем.

## ЯК ҶОН

Як бори ҳавас барои бурдан дорам,
Як шадда нафас баҳри шумурдан дорам.
Аз нақди ҷаҳон ҳарончи дорам бо худ,
Як ҷон дар тан барои мурдан дорам.

## ЯКПОЯ

Якҷо ба сипоси ҳамдигар меистанд,
Аз баҳри халоси ҳамдигар меистанд.
Бо ҳам будан зи турнаҳо омӯзед,
Якпоя ба поси ҳамдигар меистанд.

## ИШҚ

Дар дилам сад лолазорӣ, ишқ, ишқ!
Дар хазонам сад баҳорӣ, ишқ, ишқ!
Беканор аст ин замини кӯчакам,
Чун маро андар канорӣ, ишқ, ишқ!

## МОНДАЕМ

Дар суроғи ишқу уммеду наҷобатҳои худ
Мо дар ин роҳи абад мисли нишонӣ мондаем.
Ин аҷаб набвад, ки аз мо навҷавонӣ рафтааст,
Ин аҷаб бингар, ки мо андар ҷавонӣ мондаем.

## ЧУН ДОРАМ

Он дилбари дуррафтаро чун дорам?
Масти ба сурур рафтаро чун дорам?
Девори футуррафтаро чун дорам?
Як пои ба гӯр рафтаро чун дорам?

## БОРОН, КИ РЕХТ

Дилро гирифт аз ману худ дил намедиҳад,
Ғолиб ғурури хеш ба ғофил намедиҳад.
Борон, ки рехт, сабза дамиду гиёҳу гул,
Беҳуда гиряест, ки ҳосил намедиҳад.

## БЕГОНА

Ман хонаи чанд раҳгузар будаму бас,
Аз ҳастии хеш бехабар будаму бас.
Бегона касе, ки дар вуҷуди ман зист,
Бо ӯ гӯӣ, ки дар ба дар будаму бас.

## ПУЛ

Шеър раҳгум мезанад имрӯз дар маҷрои пул,
Нест ғайр аз дунии дунон дар ин дунёи пул.
Гулпарастам, дар миёни пулпарастон, эй шигифт,
Ку пуле, то бигзарам имрӯз аз дарёи пул?!

## ДАСТ ДОДАМ

Даст додам ман ба як афтодае,
То бихезад ӯ, зи домонам гирифт,
Хест аз ҷо, дошт оринҷи маро,
Ҷон гирифту аз гиребонам гирифт.

## ҚАДРИ ОДАМ

Найранги ҷаҳон чу зеби олам мондаст,
Шодист, ки дар пераҳани ғам мондаст,
Шайтон, ки ту рондаӣ зи даргаҳи хеш,
Дар сурату дар сирати одам мондаст.

## МАН НА МАН

Ман на ман, балки ҳамин пироҳанам,
Ман ҳамин танҳоии худ дар танам.
Мекунам пироҳани худро иваз,
Он ки дигар мекунад худро манам.

## РОЗИ ХОБ

Бо касе, ки дӯстӣ медорӣ, аз ӯ
Дар бимонӣ ҳам, тамаъ ҳаргиз маҷӯ.
Рози хобатро ба дарёи равон,
Рози ҷонатро ба як бегона гӯ.

## ЗИНДАГӢ ВА МАРГ

Зиндагиро медурахшонад
Дар нигоҳи чашми пирон марг.
Зиндагӣ бе марг мемирад,
Зиндагиро медиҳад ҷон марг.

## ДАР РАҚС

Дар ракс таҷассум шудаӣ, мардуми ман,
Дар ракс тараннум шудаӣ, мардуми ман.
Гумкардаи кам надоштӣ дар таърих,
Дар ракси худат гум шудаӣ, мардуми ман.

## ОДАМОНИ ЗАҲРДОР

Мехазад аз остине дасти мор,
Неши ақраб нест ҷуз дасти димор.
Лек медон, ҳеҷ ақраб, ҳеҷ мор
Нест бадтар з-одамони заҳрдор.

## ГИРД АСТ ЗАМИН

Ӯ рафт, басе рафт, басе рафт, гузашт
Аз кӯҳи баланду аз замину дарё.
Охир омад ба д-он сароғоз расид,
Гирд аст замину гирдгардон дунё.

## ИН МАСТӢ

Ин бода на он бода,
Ин мастӣ на он мастист.
Афсӯс, вале афсӯс
Ҳамсоғари хубе нест.

## БО САФО БОШӢ

Бо сафо бош, сафо ҳам бо туст,
Бо вафо бош, вафо ҳам бо туст.
Гарч  танҳостӣ ва ё бо ҳамаӣ,
Бо Худо бош, Худо ҳам бо туст.

## АГАР НУРЕ НАДОРӢ

Агар дар дидаат нуре надорӣ,
Дар он сурат сару суре надорӣ.
Чаро по менихӣ бар рӯи олам,
Агар сози раҳи дуре надорӣ!?

## БОЗӢ

Калоғатро ту бозе мешуморӣ,
Ҳаётатро ту бозӣ мешуморӣ.
Дар ин майдон ту маймунро бимонӣ,
Харатро аспи тозӣ мешуморӣ.

## БАРХЕЗАМ

Рӯзе, ки ман аз сари ҷаҳон бархезам,
Аз ғурбату ғурму аз ғамон бархезам.
Побанди тани гарон бимонам дар хок,
Ё бо дили пок парзанон бархезам?!

## АРЗИШ

Надорам ман дареғ аз рафтани ту,
На аз чашму лабу рӯву тани ту.
Ту дигар заррае арзиш надорӣ,
Манатро монда рафтӣ, дар мани ту.

## 3-ОН ПЕШ

Шодӣ, ки гузашт, фасли ғам меояд,
Пирӣ ба сари мову ту ҳам меояд.
Шӯру шари синаро алам кун имрӯз,
3-он пеш, ки ҷойи ӯ алам меояд.

## ДАР РӮЙИ ГУЛЕ

Дар рӯйи гуле рӯйи сафоро дидам,
Дар бӯйи гуле бӯйи вафоро дидам.
Дар ҳар гули покиза шукуфони баҳор
Эҳсони шукуфтаи Худоро дидам.

## ҲАЙҲОТ

Бикшода дари худем акнун, ҳайҳот,
Савдои сари худем акнун, ҳайҳот.
Моро, ки ҳамеша кард душман тороҷ,
Тороҷгари худем акнун, ҳайҳот.

## ЗАМИНҲОИ ДУШАНБЕ

Заминҳои Душанбе шуд ба коми ин, ба коми он,
Ба мо бепул расид аз ин замин гаҳ боду гаҳ борон.
Хазонашро чанораш чун навозиш бар сарам афшонд,
Ба ман аз хоки зархези Ватан ин хокбориш монд.

## ЭЙ ҒАРРАИ ХУД

Эй ғарраи худ, ту аз куҷо медонӣ,
Тақдир чиҳо навишта дар пешонӣ?
Дидем, гадо шоҳ шуду шоҳ гадо,
Бо сарзадагӣ бимурд дар сарсонӣ…

## БО ИШҚ

Ҳоҳӣ, ки бимонӣ ба худат, мон бо ишқ,
Оинаи қудсиён бувад ҷон бо ишқ.
Бунёди ману ту кард Яздон бо ишқ,
Дар рафтани худ калом гардон бо ишқ.

## ЯК ОҲ

Ман чӣ гӯям, чун ҳамин оғоз
Оқибат анҷоми ин роҳ аст,
Умри ман чун ғусса беохир,
Умри ман чун бӯса як оҳ аст.

## ЧАРОҒ

Ба дастонат чароғ арчи равонӣ,
Ту дар бероҳаҳо дар раҳ бимонӣ…
Ту дар бероҳаҳо ҳаргиз намонӣ,
Чароғ андар ниҳодат гар равонӣ…

## ҲАР ҚАДАР БОЛО БАРОЙ

Ҳар қадар боло барой, боз поён меравӣ,
Ҳар қадар ҷон парварӣ, боз аз сари ҷон меравӣ.
Ҳар қадар паймона гирӣ, умр бепаймон бувад,
Ҷамъ кардӣ гарчи умре, боз урён меравӣ…

## ШУКУФТАН

Дар чеҳраи ту салом чун гул бишукуфт,
Дар барги лабат калом чун гул бишукуфт.
Бо табъи шукуфта чун лабе номи ту бурд,
Дидам, ки чи гуна ном чун гул бишукуфт.

## КУҶО ХОҲАД РАФТ?

Ин миллати носкаш куҷо хоҳад рафт?!
Бо ин сари зери каш куҷо хоҳад рафт?!
Тарсам, ки ба зери туфи носаш монад,
Фарсуда ба зери фаш куҷо хоҳад рафт?!

## ДАР ПЕШУ ПУШТ

Дар пушти сарам ҳазору як савдо монд,
Дар пеши сарам фарохии дунё монд.
Гулбарги ҳазор орзу аз мо рафт,
Гулхори ҳақиқати ғами фардо монд.

## ПОДОШИ ЗИНДАГӢ

Як умр ба дӯш бор ӯ мебардошт,
Умрест, ки бори зиндагӣ бар сар дошт.
Подош ҳамин буд, ки дар рафтани ӯ
Тобути варо ба дӯш мардум бардошт.

## ШАҲРИ ДУ ДАРЁ

Хуҷандо, шаҳри ду дарёи шодоб,
Ду дарё дар канори ту равон аст.
Яке дарёи рӯҳафрӯзи Сайҳун,
Яке дарёи ин соҳибдилон аст.

## ЧӢ ДОРӢ?

Ҷон додаву ҷон дода ба ҷуз дод чӣ дорӣ?
З-ин дод чӣ суд аст, ба имдод чӣ дорӣ?
Умри ту ба «хуш бод!»-у, «фузун бод!» чу биггзашт,
Дар мушти гираҳбаста ба ҷуз дод чӣ дорӣ?

## САНГҲО

Он лаҳза, ки рангҳо сухан мегӯянд,
Он лаҳза, ки сангҳо сухан мегӯянд.
Хомӯш, ки дар ҳарф намегунҷад дард,
Он лаҳза, ки нангҳо сухан мегӯянд.

## ТУГМАИ ПИРОҲАН

Беканориҳои дунё баҳри ман
Дар канори гарми домони ту буд.
Тугмаи пероҳани бахту мурод
Тугмаи чоки гиребони ту буд.

## РӮЗЕ КИ РАФТӢ

Рӯзе, ки ту рафтиву маро ҳам бурдӣ,
Дар ҷустани хештан шудам саргардон.
Дар ойина хостам бубинам худро,
Ойина тиҳӣ буд, набудам дар он.

## ДАР ҲАР РАҚАМ

Дар ҳар рақами дунё
Ихлосу сипосе ёб,
Дар ишқ саодат ҷӯ,
Дар марг халосӣ ёб.

# ГУЛРЕЗАҲО

***Шеърҳои хурд***

ДАР ПОЙИ ДИГАРОН

Эй кӯри хешу дидаи бинои дигарон,
Худро ба ҷой карда ту дар ҷойи дигарон.
Оё кучо равонаӣ, оё кучо расӣ,
Чун кафши duздбурда ту дар пойи дигарон?!

ТАХТИ БАЛАНД

Ҳар қадар боло барандат, он қадар,
Мезанандат сахт бар рӯи замин.
Ин замон ҳаргиз маҷӯ тахти баланд
Чархуши сахтест дар чархи барин.

ДАСТ ДАР ОБ

Даст дар об бишӯям як умр,
Даст аз об намешӯям низ.
Ман ба дастони ту мерезам об,
Ту вале бар сари ман об марез.

МЕМОНАНД

Дар ҷавонӣ сари рахти ҳавасат мемонанд,
Чу шавӣ пир, ба коми қафасат мемонанд.
Аввал оина туро баҳри худ оростан аст,
Баъд оина ба пеши нафасат мемонанд.

МЕҲРИ ВАТАН

Аз «меҳри Ватан» қабои нав дар тан кард,
Ӯ як мани хешро ҳазорон ман кард.
Бо «ишқи баланд» хонаҳо сохт баланд,
Бо нафси чу ғор ғорати Меҳан кард.

## ҒАМИН МАБОШ

Ин гуна ғамин мабош,бархез, Камол,
Ин гуна ғабин мабош, бархез, Камол,
Ҳамчун ба паси панҷараҳои зиндон
Бо чини ҷабин мабош, бархез, Камол.

## БО МАН БОШ

Чун накҳати субҳи дилрабо бо ман бош,
Эй чашмаи поки босафо, бо ман бош,
Рафтанд зи ман пайи тамаъ ёронам,
Бигзор раванд. Эй Худо! Бо ман бош!

## ОҒӮШИ ТУ

Оғӯши ту то саҳар буд оғуштаи ман,
Бишкуфт ҳама кӯҳу талу пуштаи ман,
Дарҳои биҳишт боз гардид ба мо,
Ман куштаи ту будаму ту куштаи ман.

## МУБОРАКАТ БОД

Тавлиди навин муборакат бод, Камол!
То чархи барин муборакат бод, Камол!
Озодӣ аз ин озу аз ин озурон,
Дар рӯи замин муборакат бод, Камол!

## ҒАРРА МАШАВ

Ҳо! Ғарра машав, фахр мапардоз чунин,
Бисёр бидидаему кардем яқин.
Ҳарчанд туро баландтар бардоранд,
Он қадр гаронтар бизанандат ба замин.

## ҲАР РӮЗ

Мешавад умр равонтар ҳар рӯз,
Мешавад марг ҷавонтар ҳар рӯз,
Мешавад вазни мо сабуктар, лек
Бори мо боз гаронтар ҳар рӯз.

## ҲИСОБ

Рӯҳи ман дар малакут аст,танам дар хок аст,
То бурун оям аз ин банд, дили ман чок аст.
Ҷисми хокӣ ба ту як рӯз бигардонам пас,
Бо ту, эй хок, дар анҷом ҳисобам пок аст.

## БОЗГАШТ

Туро аз хоку гил бунёд карданд,
Замин ҷойи мағокашро бигирад.
Туро бар хок биспоранд рӯзе,
Замин баргашта хокашро бигирад.

## ИН ПОДАРО ХАБАР НЕСТ

Ин подаро хабар нест, гургон ҳама шубонанд,
Ин қадр бо муҳаббат имрӯз мечаронанд,
Фардо, ки гӯшт гиранд, бадтар зи шеру гургон
Аз пӯст синаҳошон бераҳм медаронанд.

## ҲАР КУҶО ГАНҶЕСТ

Ҳар куҷо ганҷе ниҳон бошад, бидон
Дар бари он ҳаст як море ниҳон.
Мори мо нафси бади мо дар тан аст,
Мори мо дар мағзи мо обистан аст.

## ҚАСАМХӮР

Миллате, ки нон ба ғам хӯрдаст моем,
Нон набошад ҳам алам хӯрдаст моем.
Миллате, ки бештар аз хӯрданиҳо
Дар сари даъво қасам хӯрдаст моем.

## «ВАТАН»-ГӮЁН

Даст бар сина зад «Ватан»-гӯён,
Симу ганҷи варо гирифту гурехт,
Дар ватан ранҷҳо зи худ бигзошт,
Аз Ватан ганҷҳо гирифту гурехт.

## ВОЙИ РӮЗЕ

Войи рӯзе, ки бузургон ҳама буз
Ё ки бӯзинаи бебок шуданд.
Войи рӯзе, ки занони Ҷамшед
Ҳама ҳамбистари Заҳҳок шуданд.

## ПИЁЗ

Ин бесари сарфарзоро суде нест.
Ин саҷдаи бе намозро суде нест.
Тундии туро ҳарир кай пӯшонад?
Сад пираҳани пиёзро суде нест.

## ТО ЧАНД?

Дар соҳили рӯд ташнакомӣ то чанд?
Бар ғӯлии хештан ғуломӣ то чанд?
Бо ту ҳама умр безару бесимам,
Ҳарчанд Зарафшон ту ба номӣ, то чанд?

## СОЯ

Сояро раҳ мадеҳ ту аз пешат,
Соя бояд, ки дар қафо бошад.
Рӯ ба хуршед рав, намон соя
Пештар аз ту раҳнамо бошад.

## СИЛОҲИ МО

Силоҳи дигарон чизе, ки бошад,
Силоҳи тоҷикон шеъру суруд аст.
Силоҳе, ки ҳама ҷоро кунад забт,
Салом асту паём асту дуруд аст.

## КИТОБ

Аз ҳама тири балову зи дами оташу об
Сипари миллати тоҷик китоб аст, китоб.
Офтоби сару тӯмори балогардонаш
Ба дари миллати тоҷик китоб аст, китоб.

## ШАҲРИ ШОИР

Миллати мо миллати сарвода аст,
Дар ҷаҳон доди суханро додааст.
Шаҳри ӯ ҳатто ба номи шоир аст,
Шаҳри шоир – шаҳри Турсунзода аст.

## ЛАБИ ДАРЁ

Ба дунё омадӣ дунё надорӣ,
Лаби дарё дили дарё надорӣ,
Муҳаббат омаду баргашт, ҳайҳот,
Ту қалбу чашму ҷони во надорӣ.

## ДАР БЕДОРӢ

Дар бедорӣ туиву дар хоб туӣ,
Дар ойинаҳо туиву дар об туӣ.
Дар даст чӣ гуна гирамат об туӣ,
Аз чашм чӣ гуна ронамат хоб туӣ.

## ХОҲӢ РАФТ

То чанд аз ин ҷода ҷулӯ хоҳӣ рафт?
Дар ҳирс фурӯ то ба гулӯ хоҳӣ рафт?
Бо ин ҳама коми бозу нафси носер,
Тарсам, ки ба коми худ фурӯ хоҳӣ рафт!

## СУДЕ НЕСТ

Аз ману ту, туву ман суде нест,
Аз хамӯшӣ, зи сухан суде нест.
Гар сутунмӯҳраи бовар бишикаст,
Аз сутунмӯҳраи тан суде нест.

## ЧИҲО ДОРАМ

Эй ки пурсӣ, чиҳо чиҳо дорам,
Ҷони бар меҳанам фидо дорам,
Ту ҳама чиз дорӣ, аммо ман
Ҳеҷи ҳеҷам, фақат Худо дорам.

## БАТОБАД ИШҚ

Аз ҳама гӯшаҳо битобад ишқ,
Ҳам ба бедорӣ, ҳам ба хобат ишқ,
Ту наҷӯ ошкор, агар ояд,
Аз ҳама ҷо туро биёбад ишқ.

## МО ҲАМА

Мо ҳама дар ҳукми маргем, эй Худо,
Бар сари ҳам чун тагаргем, эй Худо!
Мон, ки бо ин синаҳои кинавар
Дар вуҷуди худ битаркем, эй Худо!

## ТАДБИРЕ НЕСТ

Рафт чун дил зи ту тадбире нест,
Ишқ дар ҳеҷ замон дерӣ нест,
Дар муҳаббат ману ту ҳамсолем,
Ҳар куҷо ишқ бувад, пирӣ нест.

## ОШИ ХУДОӢ

Зинда бод оши худоӣ,
Не барои мурдагон!
Зинда бод оши худоӣ
Аз барои гушнагон.

## ГУРЕЗ

Зиндагонӣ бар сарат резад тагарг,
Рӯзҳо резанд аз мо барг-барг,
Медавад ҳар субҳ марде, он яке
Гуфт: бингар, медавад аз дасти марг.

## ҚАНДИ ЛАБ

Хандаро дилписанди лабҳо кун,
Бӯсагоҳи баланди лабҳо кун,
Хандаро заҳрханди лаб манмо,
Хандаро қанд, қанди лабҳо кун.

## РОҲИ ДАРОЗ

Раҳи ман сӯйи ту роҳи дароз аст,
Чӣ бояд кард чун ин раҳ дар оз аст.
Намон мурғи диле бошад дар озор,
Дили ман чун дарам боз аст, боз аст.

## ПОСУХИ СУБҲИ ТОЗА

То даме офтоб хоҳад буд
Ҳар шуояш барои ман ид аст.
Бар суоли маҳи хамидаи шаб
Посухи субҳи тоза хуршед аст.

## НАТВОНАД БУД

Фардои ту бебаҳор натвонад буд
Бе сурати интизор натвонад буд.
Имрӯз биё, ки дар канорат бошам,
Чун умрм ту беканор натвонад буд.

## ҲАВО ҒАМГИН АСТ

Ин ҳаво имрӯз ғамгин аст,
Ё Худо имрӯз ғамгин аст.
Абр дар пешониш чин аст,
Офтоб афтода аз зин аст.

## ҲИРС

Ин кафши ту мебарад туро, эй нодон,
Авқоти ту мехӯрад туро, эй нодон.
Гӯё ту гиёҳдату ҳирсат чун говест,
Бо ҳавсала мечарад туро, эй нодон.

## ТАБАРЗАН

Ин зиндагӣончунон маро афшондаст,
Ман нестам он касе, ки дар ман мондаст.
Нахлест, ки баргу бори ӯ рехтааст,
Ҳукмаш ба ҳукумати табарзан мондаст.

## ПОДОШ

Подоши тамоми шодмонӣ додӣ,
Пирона ҷавоби навҷавонӣ додӣ.
Ҳар чиз, ки дод зиндагӣ охири кор
Баргашта варо ба зиндагонӣ додӣ.

## КАЙ ГУЗАШТ?

Ёр кай омад, ҷавонӣ кай гузашт?
Ошкорову ниҳонӣ кай гузашт?
Дар ману бо ман, худи ман бехабар,
Зиндагонӣ, зиндагонӣ кай гузашт?!

## КАСЕ НЕСТ

Басе дилдор ҳасту дилрасе нест,
Назар кун, то пасиҷе дар пасе нест?
Ҳама дилномаҳо гуфтанду гӯянд,
Чу Бедил лек соҳибдил касе нест.

## САРДОР

Сардор, ки як умр дар оварди сар аст,
Рухсораи сурхи ӯ чу оварди сар аст.
Кайҳост, ки гум карда сарашро, аммо,
Бо ин ҳама бесарӣ маро дарди сар аст.

# ИН НАХЛИ КУҲАН БОРУ БАРИ НАВ ДОРАД

***Рубоӣ***

Набзи дили ман набзи гули райҳон аст,
Ин шабнами барг ашки кафи мижгон аст.
Ин шабнами барги гул магар ашки Худост,
Дар тобиши поки ӯ фари Яздон аст.

Хайём ба оҳанги дигар меояд,
Бо пайки башорати башар меояд.
Овои вай аз кунгураҳои сад қарн
Чун бонги азони баҳру бар меояд.

Хайём! Дари биҳишти моро во кун,
Во кун, дари сарнавишти моро во кун,
Дар ин дари Нестӣ калиде ҳам нест,
Хайём, дари сиришти моро во кун!

Дар пушти дари ту хабари дигар ҳаст,
Дар пушти сари ту басари дигар ҳаст.
Сад дар бикушо аз паси ҳар дар, дарёб
Накшода ҳанӯз як дари дигар ҳаст.

Аз об бурун омада боз об шудем,
Аз хоб бурун омада дар хоб шудем.
Ҳар об, ки хӯрдаем, аз дида бирехт,
Ғӯтида ба ашки хеш гирдоб шудем.

Дар пушти табассуми гуле худро ёб,
Дар оинаи поки диле худро ёб.
Аз гил, ки сириштаанд моро зи азал
Аз маъбадаи мушти гиле худро ёб.

Дар оташи нафси ту ҷаҳон месӯзад,
З-осемасарият осмон месӯзад.
Ин даҳр дар оташи забон месӯзад,
Оташ ту ба дил задиву ҷон месӯзад.

Аз оташи буғзи ман ҳаво сӯхт, дареғ,
Ин оташи кини ман маро сӯхт, дареғ!
Бо бурси ҳазорсолаи ҷангали кӯҳ
Уммеди наҷоти асли мо сӯхт, дареғ!

Бераҳмтар аз ман ба ҷаҳон кист, бигӯ?
Кӣ хуни замон ба гарданаш зист, бигӯ?
Ман сӯхтаму куштаму хӯрдам ҳамаро,
Подоши ман аз ҷаҳолатам чист, бигӯ?

З-ин ҷода бурун о, ки ба ҷойе бирасӣ,
Аз хеш бурун о, ба ҳавое бирасӣ.
Бо пайкари сабзи нахли навруста бисабз,
Боло равӣ аз худ, ба Худое бирасӣ.

Аз дасти ман ин замин таҳи партоб аст,
Ёди ману ёди ёди ман дар об аст.
Азбаски ба об оби рӯ рехт басе,
Пуробила об меравад, бетоб аст.

Ақраб, ки ба ҳашт по гарон меояд,
Бо заҳри ба дум такон-такон меояд.
Ин ақраби зишт дар шикам дорад чашм,
Ин ақраби зишт аз даҳон мезояд.

Мо кабки ҳилоли ин заминро куштем,
Оҳуву ғизоли ин заминро куштем.
Нафси бади мо, бубин, ки бо бераҳмӣ,
Мурғони хаёли ин заминро куштем.

Парвоз кунанд аз лаби ту, аз лаби ман,
Ин вожапарандаҳои тобу таби ман.
То сур баранд аз лаби ман бар лаби ту,
То нур баранд аз шаби ту бар шаби ман.

Ман қуфли худам, калиди ман бо ман нест,
Ҷуз маҳкамаи худам маро маъман нест.
То во бираҳам зи чоҳи тори нафсам,
Ҷуз равзани чашм дигарам равзан нест.

Эй ман, ки ҳамеша дар фаросӯи манӣ,
Андар ватанӣ, валек чун беватанӣ.
Як умр дар интизори хештан пушти дарӣ,
Дарро шиканам? Ва ё ки дар мешиканӣ?

Ишқест, ба сад захми ниҳонӣ зиндаст,
Мардест фақат ба пораноне зиндаст,
Дар қӯри дил ахгари ҷавонӣ зиндаст,
Яъне ки ҳанӯз зиндагонӣ зиндаст.

Пешонии ман парчами фирӯзи ҳаёт,
Ҳар рӯзи ман аст машъалафрӯзи ҳаёт.
Ҳар рӯзи ман аст аввалин рӯзи ишқ,
Ҳар рӯзи ман аст вопасин рӯзи ҳаёт.

Ин рафтани мо, ки ҳеҷ гаҳ рафтан нест,
Ин хуфтани мо, ки ҳеҷ гаҳ хуфтан нест.
Гуфтан зи лаби хомӯши гулҳо омӯз,
Аз гуфтани мо, ки ҳоҷати гуфтан нест.

Дар зиндагиям масти аҷал ҳастам ман,
Не бозичаи дасти аҷал ҳастам ман,
Бе ман, ки аҷал наметавонад будан,
Бо ҳастии худ ҳасти аҷал ҳастам ман.

Як номи дигар турост, инсон – тардид,
Тарсуи ба ҷони туст пинҳон – тардид,
Тардид, ки тар дид, накардат тардид,
Бурдат ба ҳазор кӯи шайтон тардид.

Ҷон додаву ҷон дода, намурдан ҳунар аст,
Ин нақд ба кӯи ёр бурдан ҳунар аст.
Саҳл аст ба корзор мурдан, ҷонро
Пеши қадами ёр супурдан ҳунар аст.

Набзам, ки чу набзи соати девор аст,
Ман хобу дилам тамоми шаб бедор аст.
Овехт маро ба ақрабак ҳукми азал,
Подоши ман аз ҳастии ман ин дор аст.

Дар нолаи ту як гули ҳасрат пажмурд,
Як шабпараи умед болафшон мурд,
Бо ҳар ҳавасе, ки дар дили худ куштӣ,
Эй вой, ки як чароғаки сӯзон мурд.

Ололаи мо бирехт, ин лолӣ монд,
Обат додам, пиёлаи холӣ монд.
Парвози ту лоуболии олӣ буд,
Дардо, ки гузашту бепаруболӣ монд.

Дастест, ки дар кисаи ту пинҳон аст,
Ишқест, ки дар синаи ту зиндон аст.
Он кист, ки монанди дарахтон якпост?!
Он кист, ки якрӯй мисоли нон аст?!

Инак манаму набзи дилам – бонги азон,
Инак манаму ба дори вақт овезон,
Инак ҳама додаҳои худ мегиранд,
Аз дил ҳавасу зи сар ҳушу аз тан ҷон…

Чизе, ки ба ман бидод, аз ман бигирифт,
Зӯри тану нури чашми рӯшан бигирифт.
Ҳастӣ надиҳад ба ҳеҷ гаҳ чизе муфт,
Бо ханда ба ман доду ба шеван бигирифт.

Бишнав, ки сукути мо ҳама фарёд аст,
Эй дод, ки доди ту ҳама бедод аст.
Ин аблаҳи озод ҳаме дар банд аст,
Ин оқили дар банд ҳаме озод аст.

Бо халқи ҷаҳон як бишаву якто бош!
Дар хок давон решаву дар боло бош!
Бас қатра, дар оташи ҳавас мехушкад,
Эй қатра, ба дарё бирасу дарё бош!

Ман омадаам, ки ишқро шод кунам,
Аз банди ҳавас гираму озод кунам.
Дар хонаи ишқ гулхане афрӯзам,
Дар кӯчаи ишқ базм бунёд кунам.

Ман омадаам, ки ишқ бо ман бошад,
Ман омадаам, ки ишқ рӯшан бошад.
Ҳар шахс, ки сокини диёри ишқ аст,
Ӯро ҳама ҷои даҳр меҳан бошад.

Ман омадаам, ки ишқро зинда кунам,
Ман омадаам, ки гиряро ханда кунам.
Ман омадаам, ки ғуссаро банда кунам,
Ғамро ба миёни халқ шарманда кунам.

Ман раҳгузари боғу биёбони ту, ишқ!
Ман ташнаи обу гушнаи нони ту, ишқ!
Дидам, ки хазон даст ба ҷонат задааст,
Ман бо ту бимонаму зимистони ту, ишқ!

Ман садқаи он даме, ки бо ман мондӣ,
Фар рехта бар ману фараҳ афшондӣ,
Сад шукр, ки бӯсаҳои урёни маро
Бо ин нафаси бирешимӣ пӯшондӣ.

Сад ҳайф чу кас ғуломи ҷисм асту тан аст,
Бедардии ӯ гаронтарин дарди ман аст.
Дар хонаи худ низ ғариб аст, ғариб
Он беватане, ки ҷисмаш ӯро Ватан аст.

Аз навдаи ҳар нахл наво меорам,
Аз софии ҳар чашма сафо меорам.
Худро чи хуҷаста аз Худо меорам,
Вақте ки ба хотирам туро меорам.

Дар роҳи ту ҳар ки рафт, ӯ гумроҳ аст,
Дар чашми ту ҳар ки монд, ӯ дар чоҳ аст.
Дар ҳалқаи оҳи ту ки монд, оҳ аз ӯ,
Умраш ҳама дар пераҳани як оҳ аст.

Он қадр қадамҳои туро пазмонам,
Он қадр ба ёди ту бисӯзад ҷонам.
То ки нарасад ба доманат гарди роҳ,
Дар роҳи ту об мезанад чашмонам.

Чун ишқи туям маро дар ин майдон кушт,
Фахрам, ки маро дар сафи ин мардон кушт.
Сад захми адӯ бар тани ман кора накард,
Як тири нигоҳи ту маро осон кушт.

Ангушти касе дари диламро кӯбид,
Оҳи нафасе гарди ғамамро рӯбид.
Ман дар бикушодам, ки паси дар кас нест,
Мушти дили ман дари адамро кӯбид.

Ҷону ҷигарам ба дард дар тан месӯхт,
Чашму дили ман ба рӯзи равшан месӯхт.
Дар пайкари ман пайкари меҳан месӯхт,
Ин ҷангали оташзада дар ман месӯхт.

Он дар, ки ба пушти он манам, ин дар нест,
Ман худ дари хеш ҳастаму дигар нест.
Ту он дари хонаро кушодӣ, дари ман
Ғайр аз дари қалб, ҷуз дари бовар нест.

Дар кӯчаи ишқ ҷустуҷӯ беҳудаст,
Дар ҷустани ишқ гуфтугӯ беҳудаст.
То худ н-ояд, ҳазор зарҳал пошӣ
Дар омаданаш ба роҳи ӯ, беҳудаст.

Аз об матарсу обхези обон,
Метарс аз оби обрӯи резон.
Сели авалӣ хароб созад полез,
Сели дигарӣ хароб созад виҷдон.

Гар мард бигиряд осмон мегиряд,
Девору саройу остон мегиряд.
Дар гиряи зан ҷону ҷигар гирён аст,
Дар гиряи мард худ ҷаҳон мегиряд.

Ту дар бикушодаву дар он ҷо на манам,
Он ҷо, ки манам, нест даре, нест танам.
Он ҷо, ки манам, қатори ар-ар лаби рӯд,
Аз бӯи гули ёс бувад пераҳанам.

Одам! Чу туӣ ҳамеша пайванди чанор,
Аз ёд мабар ту ҳаргиз ин панди чанор.
Оташ назананд то ба ҷисму ҷонат,
Дар оташи хеш сӯз монанди чанор.

Дар будани мову ту агар маъно ҳаст,
Ин аст, ки он сарвқади раъно ҳаст.
Пудинаи ишқ агар бикиштӣ дар дил,
Дар ҳар нафасат бӯйи хуши наъно ҳаст.

Бахти ту ба дасти ман, надидӣ манро,
Дар авҷи ғурур, зан, надидӣ манро.
Азбаски маро биҷустӣ аз болоҳо,
Андар бари хештан надидӣ манро.

Ҳар кас, ки гул андешаду бо гул ёр аст,
Гул бинаду гулханда ба лаб, гулбор аст.
Умраш ҳама дар миёни гулҳо гузарад,
Ҳар ҷо, ки бирафт, роҳи ӯ гулзор аст.

Фанде, ки ту хӯрдаӣ, хабар дорӣ ҳеҷ?
З-он бӯ, ки набурдаӣ, хабар дорӣ ҳеҷ?
Ҳарчанд, ки дасту пову рӯйе дорӣ,
Кайҳост, ки мурдаӣ, хабар дорӣ ҳеҷ?

Эй дӯст, макун тарки диёнат ҳаргиз,
Ҳатто надиҳад зоғ амонат ҳаргиз.
Чун мурд калоғи нар, калоғи мода
Ҳаргиз накунад ба ӯ хиёнат, ҳаргиз!

Бо ашки зулол шуста бурдам ғамро,
Бо ашк ба хокҳо супурдам ғамро.
Эй дод, ки мурда, мурда мурдам ғамро,
Дардо, ки аз ин ҷаҳон набурдам ғамро.

Дар пайкари сӯзони ту ҷон месӯзад,
Дил дар тану ҳарф дар забон месӯзад.
Бунёди ту аз хок бувад ё оташ?
К-аз як суханат ними ҷаҳон месӯзад!

Дар синаи мост созу оҳанги Ватан,
Сангин бувадо олами садранги Ватан,
Бархез ба сад талош дар нанги Ватан,
Тандеси худат тарош аз санги Ватан.

Бо марги ту ҳастият дурахшон шуда буд,
Ҳар захм ба пайкари ту хандон шуда буд.
Бо мурдани хеш зиндатар гардидӣ,
Аз мурдани ту марг пушаймон шуда буд.

Эй меҳани пок, эй биҳишти афлок,
Дар оби туем обу дар хоки ту хок.
Дар ҷисми туем ҷисму дар ҷони ту ҷон,
Ё пок шавем, ё бикун моро пок.

Раҳ деҳ, ки дарахтҳо зи мо пеш раванд,
Гулҳо паи базму бозии хеш раванд.
Бигзор, ки мӯракон пайи рӯзии худ
Аз ҷодаи хеш в-аз пайи кеш раванд.

Эй дӯст, бидон, вафо надорад шодӣ,
Чун бод равад, баҷо надорад шодӣ.
Бо бори ғамат такя макун ҳеҷ бар ӯ,
Мастест, ки мутакко надорад шодӣ.

Ғам омаду шодмонӣ аз ман бигурехт,
Ин буздили ноҷинс зи меҳан бигурехт.
Ғам омаду хоки хонаи шодӣ бехт,
Шодӣ бигузошт меҳану зан, бигурехт.

Як умр на роҳату на орому ҳузур,
Як умр ғизо кашад ба дӯшаш ин мӯр.
Бе меъда бувад мӯр, валекин ҳирсаш
Ором намегузорадаш то лаби гӯр.

Шодӣ маталаб, ки ҳасраташ афзун аст,
Афсонаи ӯ ҳамеша аз афсун аст.
Дар хандаи ӯ ҳамеша пинҳон аст ашк,
Шодӣ маталаб, ки номи ӯ маймун[1] аст.

Рӯзе, ки бувад ба дил алам, танҳоям,
Дар байни ҳазор кас худам танҳоям.
Дар хурдани оши маърака бисёрем,
Дар хӯрдани захри дарду ғам танҳоям.

Каргас, ки фалакро таҳи болаш гирад,
Тақдир варо ба боли фолаш гирад.
Ҳарчанд ҳазор сол мебинад умр,
Аз бӯи хуше ба як нафас мемирад.

Дар навбати бору барг мо ҳам ҳастем,
Тар гашта таги тагарг мо ҳам ҳастем.
Як умр ба ҳар қатори навбат будем,
Дар навбати рӯзи марг мо ҳам ҳастем.

Ман хок шудам то ки ба пойе бирасам,
Ман ҷода шудам, то ки ба ҷойе бирасам.
Ман пок шудам, то ба ҳавое бирасам,
Аз худ рафтам, то ба Худое бирасам.

Ҳарчанд ки хуш бувад садои қумрӣ,
Ақраб бигурезад аз навои қумрӣ.
Ҷуфташ мирад, наҷӯяд ӯ ҷуфти дигар,
Нолон зи пасаш, бубин вафои қумрӣ.

Лак-лак чу расид, мерасад бӯи баҳор,
Мор аст варо душману ӯ душмани мор.
Дар ҷойи баланд лона монад лак-лак,
То байзаи ӯ ба офият орад бор.

[1] Маймун – 1-саодатманд, шод; 2-бӯзина.

Хаффош, ки шаб боли парафшон дорад,
Худ мояву сина гӯшу дандон дорад,
Чун одам агарчи гиряду хандад, лек
Аз одамӣ рӯз хеш пинҳон дорад.

З-он хавф, ки хаффош бар ӯ меорад,
Каргас сари кӯҳ лона мебигзорад.
Аз ҷуфташ агар ҷудо шавад, мемирад,
Он қадр ба ҳамсараш муҳаббат дорад.

Саг рамзи қаноат асту сабр асту вафост,
Дар ҳифзи дари соҳиби худ беҳамтост.
Тан дода ба бехобию қахтӣ як умр,
Дар сидқу садоқат ӯ аз одам болост.

Пинҳон бикунанд қутти худро ҳар дам,
Ҳам аккаву мушу гурбаву ҳам одам.
Ҳар чор, ки дар хиёнат аз ҳам пешанд,
Пешанд ба дуздиву фаромӯшӣ ҳам.

Сад қатраи ашк шадда дар гардан шуд,
Аз қатраи ашк ҷони мо рӯшан шуд.
Дар қатраи оби дида набзи ҷон аст,
Товус ба оби дида обистан шуд[1].

Бешарм мабош чун магас ҳар гоҳе,
Монанди магас мабош ишратхоҳе.
Ӯро, ки ҳаёт нест беш аз моҳе,
Пайдо шавад аз бӯи баде дар роҳе.

Обод бишуд меҳани ман, хонаи ман,
Фар ёфтӣ, эй миллати фарзонаи ман.
Тӯфони ҷаҳон агар фитонад аз по
Ҳаргиз нафитад шаъни ту аз шонаи мо.

[1] Рисолайи «Сайдия»

# БИЁ, ЭЙ ИШҚ, МАЪНО РЕЗ ДАР МАН

***Дубайтиҳо***

Касе бо шеър бошад, бо шуъур аст,
Даруни синааш як сура сур аст.
Дар ин ойин ишқ оинадор аст,
Дар ин оина ойиндор нур аст.

Шитобон аз паси пирист фардо,
Пушаймон гаштани дерист фардо.
Расидам ман ба фардову бидидам,
Ки чизе нест, чизе нест фардо.

Ту фардо ҷустаӣ, фардо чи колост,
Ки фардои ту фардо нест, ҳолост.
Ту аз имрӯз агар фардо наёбӣ,
Ба фардоят на имрӯзу на фардост.

Ба фардо омадам, дидам фаре нест,
Ба сардор омадам, дидам саре нест,
Ба дарё омадам, дарё фиғон кард,
Ба дунё омадам, дидам даре нест.

Ба дарё омадам, дарё дилам шуд,
Ба ту дил бастаму дунё дилам шуд.
Зи чашмонат шароби нур мерехт,
Ба дастам соғари мино дилам шуд.

Ба дарё омадам, дарё равон аст,
Дилам то вопасин набзаш ҷавон аст.
Дилам то охирин нуре, ки дорад,
Чароғи раҳнамои ошиқон аст.

Бидидам дарду ҳамдарде надидам,
Ҳамоно як ҳамоварде надидам,
Басе марданд бо даъвои мардӣ,
Вале беҳтар зи зан марде надидам.

Ба мо Хуршед дарси нур мехонд,
Ба сӯи худ, ба сӯи сур мехонд.
Дареғи ту, аз ин мактаб чӣ бурдӣ?
Дар ин мактаб каре бо кӯр мехонд?!

Дар ин фасли талоии хазонрез
Хазони ҳузнро аз зеҳни худ рез.
Ба боғ ову ба ишқи зарҳалӣ печ,
Ба худ ову зи худ бигрез, бигрез!

Касе боло равад, боло бимонад,
Ки боли бегуноҳиро фишонад.
Касе ҳам бо малакҳо роз гӯяд,
Ки лафзи бегуноҳиро бидонад.

Сафедорони раҳ дасто ба дастанд,
Ба як саф бо ҳаманду бешикастанд,
Ба зери офтобу барфу борон
Ба ҳифзи ҳамдигар подор ҳастанд.

Сафедорони чун тир истода,
Пайи тақдиру тадбир истода.
Қабо испеду риши барги испед,
Канори роҳ чун пир истода.

Хазонатро ба фарвардин маёмез,
Баҳоронро раҳо кун аз хазонрез,
Биё, бо фасли худ, бо асли худ бош,
Ба пеш ин кӯҳнаколоро маёвез.

Басо роҳест аз мо то ҳақиқат,
Басо оҳест аз мо то ҳақиқат
Қаламро пул бикун чун варта ояд,
Басо чоҳест аз мо то ҳақиқат.

Мунаввар кун, мунаввар кун маро, ишқ!
Ба ҳар зарроти ҷони ман даро, ишқ!
Надорӣ ту даво ҳаргиз ба дардат,
Вале бошӣ ба сад дарде даво, ишқ.

Бирафтам аз раҳе, ки сӯ надорад,
Ба ёре дил бубастам, рӯ надорад.
Ман он хобам, ки бедор аст умре,
Ман он обам, ки ҳаргиз ҷӯ надорад.

Басе дил додаму рафтам, дилам монд,
Ба мандалҳои[1] афсун манзилам монд,
Ҳазорон гул шукуфту рехт дар ман,
Ҳазорон решаи гул дар гилам монд.

Зи рӯят орзуям озарин аст,
Бар инам, ки мақоми ту барин аст.
Каломи «дӯст медорам туро ман»
Маро бинвишта дар хатти ҷабин аст.

Дареғи ишқ, агар аз ёд рафтаст,
Ки бе ишқ, асли мо бар бод рафтаст,
Ман аз шамшод шодам, ӯ чу ошиқ
Ба сӯи осмонҳо шод рафтаст.

Саҳар! Орояи покии ман бош!
Саҳар! Перояи покии ман бош!
Ба ман аз шабнамат оби вузӯ бахш,
Сафои ояи покии ман бош!

[1] Мандал – хати доирае, ки дар он афсунгар менишинад.

Вузӯ бо шабнами поки саҳар кун,
Ҷаҳонро аз сафои худ хабар кун.
Шавад то бегунаҳ рӯзат паси сар,
Ба чашми тифл ҳар субҳе назар кун.

Ба ду дунё паноҳам ишқ бошад,
Ба дил тӯмори роҳам ишқ бошад.
Ба пеши додгоҳат то қиёмат
Далели ман, гувоҳам ишқ бошад.

Биё, эй ишқ, дарё рез дар ман,
Биё, эй ишқ, маъно рез дар ман,
Маро покиза кун, покизагиро,
Аз он чашмони шаҳло рез дар ман.

Сари роҳи маро роҳи ту гирад,
Диламро ёди дилхоҳи ту гирад.
Намедонам туро гирам, нагирам,
Намехоҳам маро оҳи ту гирад.

Шикаст оина, акси ту нагун шуд,
Ба садҳо акс акси ту фузун шуд.
Зи сад аксат кадомашро бигирам?!
Дил аз оинапора ғарқи хун шуд.

Ту дар ойинаи чашмони ман бош!
Чӣ гӯям чашм? Андар ҷони ман бош!
Шикаст оинаву акси ту ҳам рехт,
Ту дар оинаи имони ман бош!

Ғурурат дар куҳистон кор н-ояд,
Насиб аз санг ин ҷо кас рабояд,
Ҷавонмарде, ки паймояд раҳи кӯҳ,
Ба сӯи қулла бо таъзим ояд.

Ба зери қуллаи кӯҳи сарафроз,
Агарчи зистӣ умре даҳанвоз,
Ба тори қулла боре раҳ набурдӣ,
Ки шаҳболат кушоӣ мисли шаҳбоз.

Дареғи рози чашмонат, дареғо,
Дареғи рози пинҳонат, дареғо.
Дареғи он гуле, ки русту пажмурд
Ниҳон дар қалбу дар ҷонат, дареғо!

Зи пушти шак ҳама як-як бигардем,
Ба шакҳо тан шакида, шак бигардем.
Ба ёди моҳии заррин ҳама умр,
Ба чанги зиндагӣ чангак[1] бигардем.

Чӣ туте, як ҳазору анд сола!
Ба шохаш меваҳо дорад кашола,
Агарчӣ хушку бешаҳданд ҳар сол
Бубандад меваҳо чун ашки нола.

Гули рангин бубину ранги гул бин,
Чароғи ишқро дар чанги гул бин,
Фурӯғи фитрати фарзонагонро
Ту дар одобу дар фарҳанги гул бин.

Насиме дар лаби саҳро ғанимат,
Лаби чашма, лаби дарё ғанимат.
Нигаҳ дорад Худованд аз лаби гӯр,
Лаби ёр аз ҳама лабҳо ғанимат.

Чу танҳоӣ, савори худ шаву рав,
Мадор аз кас, мадори худ шаву рав.
Ғаматро гӯр кун дар худ, касеро
Маёзору мазори худ шаву рав.

[1] Чангак – моҳигирак

Ҷавонӣ рафту он нобурдааш монд,
Гулаш пар-пар парид, афсурдааш монд.
Шаробашро касе нӯшид, хуш бод,
Ба ман имрӯз тахти дурдааш монд.

Дили худро зи дилсардӣ нигаҳ дор,
Русуми неки ҳамдардӣ нигаҳ дор,
Ҷавонӣ рафт, сад ҳайфи ҷавонӣ!
Биё, акнун ҷавонмардӣ нигаҳ дор!

Аниси лаҳзаҳои танги ман бош,
Алайҳи душманонам санги ман бош,
Дили ман, эй чароғи рӯшани тан,
Ҳамеша дар фарози нанги ман бош!

Гули рангу гули рангу гули ранг,
Чӣ зебо мешукуфад аз дили ранг,
Ба рӯи ёру сангу кӯҳу саҳро,
Ба ҳар ҷо меҳрафшон маҳфили ранг.

Дили ман, оразу орам ту ҳастӣ,
Ғамам бо туст, ғамхорам ту ҳастӣ.
Нахобидӣ ягон шаб, мисли модар
Ба сар то субҳ бедорам ту ҳастӣ.

Шароре аз дили сангат раҳо кун,
Ягон ҷуде зи мавҷудат ҷудо кун,
Худо гар бар суроғи ту наояд,
Суроғи худ ту боре аз Худо кун.

Маро овардаву овора кардӣ,
Миёни чор сӯ бечора кардӣ.
Дилам ин бар кашад, андеша он бар,
Маро бори бари ду бора кардӣ.

Ба зери гиряревони тагаргам,
Ба зери ашки мардум лолабаргам,
Агар ман зинда мебудам, пас аз марг
Ба қаҳ-қаҳ ханда мекардам ба маргам.

Ҳама суду суud аз зиндагӣ рафт,
Чӣ менолед, суд аз зиндагӣ рафт.
Бубояд бо суруд омад ба ҳастӣ,
Бубояд бо суруд аз зиндагӣ рафт.

Ба суди хештан раҳ суда кардӣ,
Ба ғайбам ғайбати беҳуда кардӣ,
Дилам к-осуғда гардид аз аловат,
Ту дур аз дудаву[1] дар дуда[2] кардӣ.

Намефахрам ман аз ҳар ину ҳар он,
Намеҷӯям ман аз дунё саробон
Саробони ту мебошад фалонӣ,
Саробони ман ин гардуни гардон.

Гузоридӣ ту домеро ба роҳе,
Сипас рафтӣ ба изи бегуноҳӣ,
Зи ёдат рафт доми мондаи ту,
Ба доми худ фитодӣ як пагоҳӣ.

Дилам хоҳад, ки бошам дар сафи гул,
Диламро гарм созам дар тафи гул.
Бубин, саршори нури меҳр бошад
Чароғи зиндагонӣ дар кафи гул.

Дарат бозу даҳонат воз, ҳайфо!
Фикандӣ пардаҳои роз, ҳайфо!
Дари шодӣ, ки бар ёрон кушудӣ,
Ба душман низ мондӣ боз, ҳайфо!

[1] Дуда – хонавода.
[2] Дуда – сиёҳӣ.

Дарат бозу дилат баста, чӣ гӯям?
Бо полези ту пул раста, чӣ гӯям?
Ту арзониву колои ту қимат,
Чӣ гӯям аз паси раста, чӣ гӯям?

Ба кӯҳистон, ки хуш гулбор бошад,
Ҷавонмардӣ дифои ор бошад,
Дар ин ҷо хок зар гардад ба заҳмат,
Дар ин ҷо хор ҳам даркор бошад.

Гули саҳро даме бишкуфту пажмурд,
Гули ях об гашту хешро бурд,
Ҳама гулҳо хазон гаштанд, аммо
Гули ёди ту дар ёдам наафсурд.

Гули ёди ту дар ёдам шукуфта,
Ба ёди ту дилам ҳаргиз нахуфта.
Ҳазорон гул нумӯ дорад ба ёдат,
Даруни сина чун рози нагуфта.

Гузаштӣ, чун сабоҳи ман гузаштӣ,
Зи роҳи ман чу оҳи ман гузаштӣ.
Набахшидам гуноҳамро ба худ ман,
Ту оё аз гуноҳи ман гузаштӣ?!

Сафо андӯхтӣ, пайваста, эй дил,
Зи худ афрӯхтӣ пайваста, эй дил,
Ту будӣ кӯраи оташ ҳама умр,
Маро ҳам сӯхтӣ пайваста, эй дил.

Дили ман, як нафас бе ғам нагаштӣ,
Дар ин олам даме ҳам дам нагаштӣ.
Ба сад муштат задам, ту хам нагаштӣ,
Туро ҳар рӯз куштам, кам нагаштӣ.

Ба як бонги ҷарас рафтам, дареғо,
Ба як ҷеғи ҳавас рафтам, дареғо.
Ҳавас як нокасе будаст, ҳайҳот,
Зи пушташ булҳавас рафтам, дареғо.

Сафедӣ мерасад аз мӯсафеде,
Дуои хайру уммеди саъиде.
Чу субҳе медамад мӯйи сафедаш,
Ки аз фардои мо бошад умеде.

Аз ин шаршар чӣ шеванҳо бирезад,
Шабеҳи нолаи занҳо бирезад,
Дареғи ин тани танҳои танҳо,
Ба ин озодагӣ танҳо бирезад.

Биё дарё шаву бо худ маро бар,
Ҳавопаймо шаву бо худ маро бар.
Биё, эй ишқ, бикшо боли шодӣ,
Биё, боло шаву бо худ маро бар.

Сафедӣ зад ба мӯяш, дил сияҳ монд,
Табаҳкорӣ басе кард, ин гунаҳ монд.
Таҳи мардум бикобиду ба таҳ зад,
Таҳи мардум бикобиду ба таҳ монд.

Шукуфон ӯст аз ишқи ниҳонаш,
Фурӯғи ишқ ҷон бахшад ба ҷонаш,
Бубин эъҷози ишқ, аз осмон рехт
Сафо аз остон то осмонаш.

Сафои чеҳраи инсон шавад ишқ,
Фурӯғи зиндагӣ дар ҷон шавад ишқ.
Агар ту тоб орӣ бар таби ӯ,
Зи ҷисму ҷони ту тобон шавад ишқ.

Касе оё аз ин дунё хасе бурд?
Ба сад фар гул шукуфон гашту афсурд.
Ҳама кори ҷаҳон подош дорад,
Чу дунё хӯрдаӣ, дунё туро хӯрд.

Агар тухми накӯӣ коштӣ, беҳ,
Агар нозе ба дил бардоштӣ, беҳ.
Бадеро гар накӯ ангоштӣ, беҳ,
Зи ҷамъи ош оши оштӣ беҳ.

Чу шиша гар диле бишкаста бошанд,
Агар онро ба рӯи роҳ пошанд.
Гумонам шишаҳои реза-реза
Дилу ҷони маро ҳам мехарошанд.

Маро аз дасту поям чанд бастанд,
Фиребам дода бо сад фанд бастанд.
Чӣ гуна во кунам банди гираҳро,
Маро гар дар танам бебанд бастанд?

Ба рӯи сар гузорам осмонро,
Ба рӯи шона бардорам ҷаҳонро,
Маро Додор он сон соз бахшид,
Пари боли худам созам замонро.

Зи навмедӣ раҳо рав, роҳ ёбӣ,
Ба чашмонат сафо рав, роҳ ёбӣ,
Зи байни сад бало рав, роҳ ёбӣ.
Ба дил нури Худо рав, роҳ ёбӣ.

Яке бо айн кай бинад аёнро,
Яке бе дида мебинад ниҳонро,
Яке дар ин ҷаҳон ҷойе наёбад,
Яке ҷо карда дар ҷонаш ҷаҳонро.

Чу дар имрӯзу дар фардо нагунҷӣ,
Чу дар поёну дар боло нагунҷӣ.
Фарохотар аз ин дунё дили мост,
Ба дил ҷо шав, чу дар дунё нагунҷӣ.

Дарахте, ки фараҳ бисёр дорад,
Ҳазорон барги нусратбор дорад.
Махӯр ҳаргиз фиребашро, ки шояд,
Ниҳон дар шохаҳояш мор дорад.

Бигӯ, бигзаштагони мо кӣ буданд,
Ки умре саҷда бар оташ намуданд?!
Ту оташро даруни дил нигаҳ дор,
Ки аз оташкада оташ рабуданд.

Чу хоҳӣ дар куҳистон дарнамонем,
Биё аз аспу гову хар намонем.
Агар хоҳӣ, ки дар худ дар намонем,
Биё, эй дӯст, аз бовар намонем.

Ҷароҳатҳои худро барги зуф кун,
Наёбӣ барги зуф, бар захм туф[1] кун.
Аз ин «куф»-ҳои бемаънӣ чӣ ҳосил?
Чароғи бечаракро гиру пуф кун.

Зи ҳар барги фитода хат гирифтам,
Зи ҳар барге хати вуслат гирифтам.
Зи гулбарги нигоҳат баргакеро
Чу рухсатнома, чун рухсат гирифтам.

Нигаҳ кун, он сари саргашта омад,
Ба сад фар рафту бефар гашта омад.
Касе андохт тир аз пушти мардум,
Ҳамон тираш бар ӯ баргашта омад.

[1] Оби даҳони инсон хосияти доругӣ дорад.

Азизат рафт, он симу зарат монд,
Фурӯғат рафт, чашмони тарат монд
Ҳама кибру ғururат аз сарат рафт,
Ҳама дороии ту аз сарат монд.

Зимистон омаду ман бо баҳорам,
Баҳори ман туӣ, эй гулнигорам.
Гули бобунаи барфӣ шукуфта,
Гули ях метаровад аз канорам.

Саҳаргаҳ ин дарахтонро кӣ афшонд?
Чароғи моҳро дар шохаҳо монд?
Ба барги субҳ шабнам айнаки кист?
Ба барги субҳ айнакро кӣ афтонд?

Ҳама ноодамӣ аз одам омад,
Ки гул гул, хор хору нам нам омад,
Ки саг саг, мор мору хирс хирс аст,
Як одам бо ниқоби дарҳам омад!

Гумонам, ки гумони бад туро кушт,
Гумони бад гузашт аз ҳад, туро кушт.
Ба мисли мору каждум бадгумонӣ,
Даромад бар дилат чун дад, туро кушт.

Ситора танга-танга дар кафи шаб,
Маҳи шаб дар кафи шаб чун дафи шаб,
Дарахтон мераванд арғушт бо бод,
Пазад ишқе дар ин тобу тафи шаб.

Сарашро бар сари чархи барин зад,
Ба дасти орзу ангуштарин зад,
Тамоми умр боло рафт, аммо
Ба як он боз омад бар замин зад.

Ту ҳасти ёри худ, ё душмани худ,
Ту ҳастӣ хори худ, ё гулшани худ.
Биафрӯзӣ ту ҷонро, ё бисӯзӣ,
Аз ин гулхан, ки дорӣ дар тани худ?

Чӣ суд аз шамъ, агар рӯшан набошад?
Чӣ суд аз ман, агар бо ман набошад?
Ҳам ин гул дораду ҳам он, валекин
Гули гулхан гули гулшан набошад.

Кушод аст ин ҷаҳони нокушода,
Агар бо туст сози боду бода.
Ту бо мошин ҳанӯз он ҷо нарафтӣ,
Ки ман паймудамаш пойи пиёда.

Сари мо беҳтарин сармоя бошад,
Ҳама оётам аз як оя бошад,
Маро аз оқилон ин накд боқист,
Хамӯшӣ беҳтарин пероя бошад.

Варои моваро аз мо мапурсед,
Равои нораво аз мо мапурсед.
Хамӯшӣ пардаи зебои бикр аст,
Паси ин пардаро аз мо мапурсед.

Паси ҳар парда деве ё ки ҳурест?
Паси ҳар барга море ё ки мӯрест?
Надонам парда чисту пардадар кист,
Бидонам, пешаи оқил сабурист.

Паси ҳар парда розе ҳаст ё не?!
Ба торат савти созе ҳаст ё не?!
Дилатро боз кун, мурғи дилатро
Фари симурғу бозе ҳаст ё не?!

Гирифтӣ об аз чашми тари ман,
Шикастӣ шишаҳои бовари ман,
Дар ин раҳ по намон, к-ин шишапора
Халад бар поят аз пушти дари ман.

Сафедам кун, сафедам кун, сафедор,
Ба ман ҳар субҳ пайғоми сафед ор,
Бубахшам номаи барги сафедат,
Моро бо хеш умре дар сафе дор.

Сафедоре, ки ман оғӯш кардам,
Сафои поки ӯро нӯш кардам,
Ба дил набзи дили ӯро шунидам.
Суханҳои дилашро гӯш кардам.

Сафедоро, ба ман бахти сафед ор,
Ба ҳар барги сафеди худ умед ор,
Бизан ҳар субҳ чак-чак бо кафи барг,
Маро бедор кун, бар ман навид ор.

Нигори дилписанди ман ту ҳастӣ,
Сафедори баланди ман ту ҳастӣ,
Маро бастанд боре дар тани ту,
Кунун дар банд-банди ман ту ҳастӣ.

Сафедӣ бахш бар ман, эй сафедор,
Маро бо дастакони сабзи худ дор,
Бубахшо ларзаҳоятро ба ҷонам,
Маро ларзон, маро ларзон, ба худ ор.

Ҳавои сад фараҳ дорад сафедор,
Сафои рӯи раҳ дорад сафедор,
Худаш аз озарахши барқ сӯзад,
Вале моро нигаҳ дорад сафедор[1].

Либосе, ки ҳамеша нозанин аст,
На фарсояд, на кас дар он ҳазин аст.
Ҷавонмардист зебу ҳусни инсон,
Ҷавонмардӣ қабои беҳтарин аст.

Фурӯғам аз фари фарзанд бошад,
Дари бахтам дари фарзанд бошад.
Чӣ ширин он ғизо бошад, ки дар он
Ду ҳарфи тифлаке чун қанд бошад.

Чӣ муллое! Балои ҷони мардум,
Надорад раҳми фарзандони мардум,
Худаш ҷорӯбу ришаш мисли ҷорӯб,
Бирӯбад рӯйи дастархони мардум.

Ба деҳ омад адибе, шеърҳо хонд,
Аз ину он суханҳои накӯ ронд.
Бад-ӯ подоши нутқаш ҷома доданд,
Барои он ки гапро ҷома пӯшонд.

Ҷаҳон обистани сад амри фардост,
Худованд аз зуҳури мо чӣ мехост?!
Ту сират бин, на сурат, акси одам
Сареҳан дар нигоҳи марг пайдост.

Хазон дар шохаи худ барг гардад,
Сари бебарг тарки тарг гардад,
Агар дидӣ – надидӣ акси худро,
Намоён акси мо дар марг гардад.

Туӣ, к-аз осмон дастур дорӣ,
Ба дастонат паёми нур дорӣ.
Сарамро пеши поҳоят ниҳодам,
Сари бубридаро манзур дорӣ?!

Биё, бо ҷони поки ман биомез,
Вафо овар, ба ҷони ман сафо рез.
Биё, эй ишқи обонӣ або ман,
Биё, покиза бошад оби пойиз.

Ту рафтӣ, ман бидонистам, ки рафтам,
Ту рафтӣ, бе ту ман кистам, ки рафтам,
Ту рафтӣ, бо худат бурдӣ маро ҳам,
Ту рафтӣ, ман чаро истам, ки рафтам…

Чу шодӣ рафт, ғам моро нигаҳ дошт,
Ҳамин дасти алам моро нигаҳ дошт.
Зи ҷамъи шаҳсутунҳое, ки буданд,
Сутуни як қалам моро нигаҳ дошт.

# ОВОИ ШУКУФТАНИ ГУЛИ БАҲМАН

***Рубоӣ***

Дар сабти дилам ҳазору як шеван ҳаст,
Овои шукуфтани гули баҳман ҳаст,
Гулбонги шикастани дарахти хушке,
Фарёду фиғони рӯдҳо дар ман ҳаст.

Зебосанаме, ки зиндагӣ дорад ном,
Ӯ кист, к-аз ӯ ситонда битвонад ком?
Ӯ мегузарад, ту вола монӣ ба канор,
Ку ҷуръату ку шуҷоату шӯру қиём?!

Ин рӯд, ки аз касолати даврон кост,
Аз арш ҳамеша шӯру мастӣ мехост,
Имрӯз сукут кардаву аз таги ях
Чун аз паси шишае нигоҳаш ба Худост.

Бод омаду аз дарахтҳо бол афшонд,
Ку булбули шӯрида, ки чаҳ-чаҳ мехонд?
Пирии табиат аст, аз ях ин рӯд
Бар дидаи камнуршуда айнак монд.

Ин нур ба тан чу неши занбӯр халид,
Ин нур чу мӯр дар тани ман бидавид,
Парвонаи нурҳои хуршед расид,
Пар-пар бизаду ба соярӯшан афтид.

– Ҷон, ҷон! – гӯён ба ёр ҷон хоҳӣ дод,
Ҷонро ту ба товони ҷаҳон хоҳӣ дод.
Ҳар қадр сабук ба дӯш дорӣ боре,
Он қадр ту ҷони худ гарон хоҳӣ дод.

Як ҳарф забун кунад забони моро,
Як ҳарф навон кунад тавони моро,
Як ҳарф нишон диҳад ниҳони моро,
Як ҳарф азо кунад азони моро.

Дар пушти дари шаби ту ман мондаму барф,
Ҷонро ба сари раҳат ман афшондаму барф,
То субҳи сафо ба рӯи ту ханда занад,
Зулмат зи паси дари ту ман рондаму барф.

Он кист, ки бар самои мо сур овехт,
Ин чатри мунаққаш ба сар аз дур овехт,
Шаб бар сари мо зи моҳ қандил афрӯхт,
Дар гардани шом шадда аз нур овехт?

Аз даҳр муроди худ надидӣ, рафтӣ,
Он чист ба нақди ҷон харидӣ, рафтӣ,
Парвоз ҳамеша орзу мекардӣ,
Аз лонаи ҷисми худ паридӣ, рафтӣ.

Он қадр давидему расидем охир,
Чун ашк ба пои худ чакидем охир,
Дар олами савдогару савдозадаҳо
Мо марг ба ҷони худ харидем охир.

Ман санги даруни синаро афкандам,
Чун санг зи сина кинаро афкандам.
Имрӯз биё, нишоти имрӯз биёр,
Ман ғуссаву дарди динаро афкандам.

Ин растани ман расан надорад охир,
Баргаштану омадан надорад охир.
Гуфтем Ватан, Ватан ба дунё ҳарчанд,
Ҷон дар тани мо ватан надорад охир.

Гаҳ панҷаи ту навозишам кард чу барг,
Гаҳ ишқи ту рехт бар сарам мисли тагарг,
Як панҷаи об зан ба рӯям имрӯз,
Як панҷаи хок бар сарам баъд аз марг.

Як ҳарф забона зад чу аз нӯги забон,
Шуд паҳн забонааш даҳон то ба даҳон
Ин гуна яко-як ҳама оташ бигирифт,
Аз оташаки забони мо сӯхт замон.

Бингар, ки ба як ҳушт давидем ҳама,
Имои як ангушт.., давидем ҳама,
Бо худ нарасидем, чӣ суд аз ин дав,
Ҳарчанд ба сад пушт давидем ҳама.

Гар кар шунавад, мон, ки шунидан гирад,
Гар кӯр бидид, мон, ки дидан гирад,
Рози дили худ ба дигарон ҳеҷ магӯ,
Мон, гунг ҳама ҳарфи ту чидан гирад.

Ман омадаам, ки ёр бо ман бошад,
Пайғоми гули баҳор бо ман бошад.
Ман омадаам, ки гирди коре гардам,
То бовари кирдгор бо ман бошад.

Бо зулфи ту он шикан-шикан хоҳад монд,
Бо ишқи ту ёсу настаран хоҳад монд.
Сад ёд равад, ёди Ватан кай биравад?
Сад захм равад, захми сухан хоҳад монд!

Бе бор касе бувад, ки бошад беор,
Бе ор касе бувад, ки бошад бе ёр,
Бардоштани бори гарон коре нест,
Бардоштани дили ятиме душвор.

Дар чеҳраи софи ту сафо мебинам,
Дар роҳи ту хешро раҳо мебинам.
То гӯш маро ҳаст, туро мешунавам,
То дида бувад, фақат туро мебинам.

Ғамҳои ману ту ҳарду бе ҳам хоранд,
Ғамҳои ману ту баҳри ҳам даркоранд.
Ғамҳои ману ту то саҳар бедоранд,
Бингар, ки ба ҳамдигар чи сон ғамхоранд.

Дидам, ки зи дидаи ту дил мерезад,
Он ишқи чигилгашта хиҷил мерезад.
Марҷон-марҷон гавҳари ноёби ҷаҳон
Ҳайфо, ки ҳама ба обу гил мерезад.

Ҳарчанд тамоми умр борат ғам буд,
Дар ҷону дилат зӯру мадорат ғам буд.
Он ёри вафодор, ки нафрӯхт туро
Як умр ҳамеша дар канорат, ғам буд.

Ин оташи дил, ки шуълаафшон бо мост,
Сӯзандаву созандаву дар ҷон бо мост.
Гар оташ аз оташқадамон бирбуданд,
Сад гулхани он ҳанӯз пинҳон бо мост.

Ҳар кас, ки надорад оташе дар бунёд,
Беҳтар бувадо, ки дуртар аз мо бод.
Мо оташи кеши рафтагонро дар ҷон
Афрӯхта дорем ба рӯзи меъод.

Дил чашми ниёиш ба ниёзат бикшод,
Роҳе ба раҳи шебу фарозат бикшод.
Ман чашм ба рӯи ту бубастам, ашкам
Чашмони маро ба пешвозат бикшод.

Номи ту чу қанд бар лабам ширин аст,
Ёди ту чу гул ба хотирам рангин аст,
Бо нози ту зиндагии ман нозин аст,
Бо рози ту рӯзгори ман озин аст.

Дунё, ки фасонаву тараб дорад боз,
Оҳанги аҷузагӣ аҷаб дорад боз,
Сад гуна ҷалолату ҷалият дорад,
Дил додаму ҷон зи ман талаб дорад боз.

Ҳар кори ту буд дар паси деворат,
Гулхори ту буд ҳар хаси деворат.
Ин сояи девори ту дев оре буд,
Девори ту буд дар паси деворат.

Орӣ будаӣ як умр аз ори худат,
Бори ту набуд ҳеҷ гаҳ бори худат,
Ту сояи девори касеро як умр,
Пиндоштаӣ ба саҳв девори худат.

Бас мард, ки дар сурати худ зоҳир нест,
Бас мард, ки дар сирати худ содир нест.
Мардест, ки дар ғоиби худ ҳам пайдост,
Мардест, ки дар ҳозири худ ҳозир нест.

Дидиву надидӣ ту ба ду дидаи во,
Пай аз пайи ту бурда шудам нопайдо, –
Бар чашми кушодаат наметобам ман,
То бинӣ маро, бипӯш чашмонатро.

Себе, ки хазонаи хасинаш монда,
Уммеди накӯи вопасинаш монда,
То ҳол дар интизори ёри худ истода,
Як мева ниҳон дар остинаш монда.

Гуфтӣ, ки биё чунон ки дил хост, равем,
Бо шеваи ростӣ, ки бо мост, равем,
Ҳарфат ҳама рост, розиям ман, аммо
Аз ин раҳи печу хам чӣ сон рост равем?!

Як умр дилам аз ин ҳақиқат реш аст,
Ҳар лаҳза гумону шубҳа дар мо беш аст,
Некӯии мо зи мо қафо мемонад,
Нафси бади мо ҳамеша аз мо пеш аст.

Озор макун, маро бурун аз оз ор,
Пар-пар бизанам чу мурғаке дар паргор.
Овехта бо ҳукми азал шуд сари ман,
Дар ҳалқаи як оҳ чу дар ҳалқаи дор.

Дар чашми ту меҳри гарми ман буд афзун,
Аз чашми ту ҳеҷ гаҳ набудам берун.
Ашке, ки ту рехтӣ зи чашми мавзун
Бар хок, маро кард нагунсору нагун.

Гар омадаӣ, равон аз ин ҷо набарӣ,
Сад неш хурӣ, нишон аз ин ҷо набарӣ.
Ин ҷо ту фақат биоварӣ, бурдан нест,
Дар мазҳаби ишқ ҷон аз ин ҷо набарӣ.

Ғамро махуред, ғам шуморо бихурад,
Ғам ҳусну назокату сафоро бихурад.
Ғамро махуред, ин ҳашара ёбад даст,
Барги дилу барги ҷони моро бихурад.

Ҳар махзани чашм рози пинҳон дорад,
Сад ҷавҳари қимате дар анбон дорад.
З-ин рӯст, ки бо он ҳама покӣ ҳар чашм
Дар ҳифз қатори теғи мижгон дорад.

Дар оина чун дар об дидам худро,
Дар оби равон ҳубоб дидам худро
Бо чашми пуроб чун нигоҳ афкандам,
Дар оинаи сароб дидам худро.

Ман зистаам, ки аз бароят мирам,
Сад ҷабри ту дида дар вафоят мирам,
Ман зистаам, ки сар ба гардун суда,
Як рӯз расам, ба пеши поят мирам.

З-он пеш, ки даррасад ба сар тарги гул,
Парвоз кунад чу шабпарак барги гул,
Ин гуна дуруди вопасини гулро
Дар боли видоъ мебарад марги гул.

Гуфтӣ, ки манам биҳишти олам ба сиришт,
Аммо зи биҳиштамон худованд биҳишт.
Гуфтам, ки биҳишти ман туӣ, бо ман бош,
Гуфтӣ, ки надода ҷон, чун ой ба биҳишт?!

Ин кишвари мо диёри ору нанг аст,
Дар домани ӯ санг ба садҳо ранг аст.
Азбаски ба даҳр душманаш бисёр аст,
Ҳар пуштааш омодаву дар каф санг аст.

Дидам гулаке рози муаттар дорад,
Аз накҳати покиза ба тан пар дорад.
Дар боли шамими хуш барад кӯйи ба кӯй
Он файзу таровате, ки дар бар дорад.

Ин сурати мо нест, ки мо мебинем,
Дар оина акси худ хато мебинем.
Мо акси асили хешро нашносем,
Зеро ки на бо чашми Худо мебинем.

Пӯшиданиқоб мешавад фош охир,
Найранги сароб мешавад фош охир,
Гар сабр гузораду кушояд лабро
Пӯкии ҳубоб мешавад фош охир.

Он мард, ки дар мадори худ дорад ишқ,
Ҳар ҷо, ки равад зи хеш меборад ишқ.
Сад бори ҷаҳон ба дӯш мебардорад,
Зеро ӯро ба дӯш медорад ишқ.

Маҳ бар тани шаб пираҳани заррин дӯхт,
Шамс омаду оташ бизаду онро сӯхт.
Бо як нафасаш насим кушт оташро.
Бо як нафас оташе аз ахгар афрӯхт.

Аз қомати рост як асо бо мо монд,
Ҳавво чу зи мо рафт, ҳаво бо мо монд.
Онон ки ба аҳд ҳамдили мо буданд,
Рафтанд ҳама, фақат Худо бо мо монд.

# МОДАРНОМА

## ГУЛБАРГИ БАҲОР АРМУҒОНИ МОДАР

### ҚИТЪАҲО

Мешукуфад зиндагӣ бо хандаи лабҳои модар,
Бод қандил чеҳраи фарзанд дар шабҳои модар.
Қатра-қатра рехт модар бедареғе бар сари ту,
Бедареғ афшон дилу ҷонро ба пеши пои модар!

Меҳри модар бо ҳазорон ранг резад бар сарам,
Гар бирезад ашки модар, нанг резад бар сарам.
Гар бирезад ашки модар, ҳайфи дунё, ҳайфи ман,
Санг резад, санг резад, санг резад бар сарам.

Гум занад дил, чун бубинам манзилу маъвои модар,
Ҳеҷ чизе менагирад дар ду дунё ҷои модар.
Кист хушбахте, ки резад ҷони худ дар пои модар,
Оҳ, вовайлои модар! Оҳ, вовайлои модар!

Нону обам, нону обам, нону обам модарам буд,
Тобиши хуршед андар тоби тобам модарам буд,
Бими торикӣ куҷо дар торами ман буд, шабҳо
Офтобам, офтобам, офтобам модарам буд.

Раҳнамои ман дили огоҳи модар будааст,
Нури ҷонам аз рухи чун моҳи модар будааст.
Нимаи шабҳо балогардони ҷисму ҷони ман
Оҳи модар, оҳи модар, оҳи модар будааст.

Ғайрати ман, зӯри ман, тамкини ман – модар!
Зиндагии дилкашу ширини ман – модар!
Ҳастии озодаву озини ман модар!
Эътимоду мазҳаби ман, дини ман, модар!

Бар забон орам, сафо ёбад равони ман,
Бар даҳон гирам, шавад шаҳди забони ман,
Ин қадар эъҷоз дорад вожаи «модар»,
Вожа не, ҷон аст андар умқи ҷони ман.

Ин қадар ин хона холӣ, ин қадар олам тиҳист,
Дигар акнун нест модар, нест модар, нест, нест.
Модаро, танг аст бе ту ин ҷаҳони бекарон,
Модаро, бе ту ҷаҳон мисли сарои бедарест.

То бувад, қадраш бидон, дигар нахоҳӣ ёфт,
Бо ҳазорон симу зар модар нахоҳӣ ёфт.
Ҷони худ фонус созӣ дар суроғаш, лек
Дар ба дар гардӣ ҳам, аз як дар нахоҳӣ ёфт.

То раҳӣ аз макри дунё, ёди модар кун,
Бад магӯ аз пушти танҳо, ёди модар кун.
Ёди модар медиҳад зӯру тавони нав.
Гар шавӣ танҳои танҳо, ёди модар кун.

Байни мову дард сарҳад модар аст,
Ҷавшани мо аз ҳама бад модар аст.
Аз ҳама волотарин арзиш, ки ту
Ҷон ба он бахшӣ, биарзад, модар аст.

Нест гар модар, ягон фар нест, нест.
Зиндагӣ арзанда дигар нест, нест.
Ҳадяе волотар андар ин ҷаҳон
Аз табассумҳои модар нест, нест.

Вожаи зебо басе омад падид,
Вожае зеботар аз модар кӣ дид?
Вожае, ки дар лабам чун гул шукуфт,
Мисли субҳи тоза дар ҷонам дамид.

Қаҳрамон бисёр дар баҳру бар аст.
Қаҳрамоне бо басе фахру фар аст,
Шарм бояд кард пеши модарон,
Қаҳрамон гар ҳаст, танҳо модар аст.

Ҳар куҷое аз ту рафтам ноаён,
Модаро, сӯят паридам парзанон.
Бин, ки ҳатто мурғакон баргаштаанд,
Лонаи модар нарафт аз ёдашон.

Модар оғоз аст, оғози Худост.
Қалби бозаш чун дари бози Худост
Ҷуз Худо ӯ кист, к-одам офарад?
Дасти модар дасти эъҷози Худост!

Он яке як кохи мубрам офарад,
Дигаре қасре муназзам офарад,
Модар андар ду саду ҳаштод рӯз
Аз матои ишқ одам офарад.

Вожаи сеҳрофаринам модар аст,
Раҳнамои озаринам модар аст.
Аввалин ҳарфам, ки модар будааст
Боз ҳарфи охиринам модар аст.

## РУБОИҲО БАХШИДА БА МОДАР

Як ишқсиришта нест ғайр аз модар,
Гар ҳаст фаришта, нест ғайр аз модар.
Сад ҷабру ҷафои зиндагиро дида,
Ҷуз меҳр накишта нест ғайр аз модар.

Модар, модар, боғи гулафшони манӣ!
Дар даҳр агар най, ту дар ҷони манӣ!
Дар даҳр агар най, ту ҳастӣ ҳама ҷо,
Ҳар лаҳзаву ҳар нафас нигаҳбони манӣ!

Хушбахт ҳамон хона, ки модар дорад,
Файзу фараҳу нишоти дигар дорад.
Дарҳои сафо ҳамеша бозанд дар он,
Модар дорад, умеду бовар дорад.

Бигзор раванд солҳо, мон, модар!
Файзу фараҳу нур бияфшон, модар!
Ҳатто, ки агар равӣ, нарав аз дили ман,
Хуршед шаву насиму борон, модар!

Дар хеш ту нӯҳ моҳ медоштиям!
Се сол зи рӯйи даст нагзоштиям!
З-он баъд, ки ман равон шудам, модари ҷон,
Пешораҳи ман умед мекоштиям!

Чун ҷони ту дард кард, «модар» гӯй,
Дар мушкилу дар набард «модар» гӯй,
Дар базму тараб надорӣ ёд аз модар,
Дар ҳаҷр ба рӯи зард «модар» гӯй.

Чун номи Худо дар лаби тифлон, модар!
Чун дасти раҳо аз чаҳу зиндон, модар!
Он гаҳ ки бароял аз лабат ҷон берун,
Ояд ба лаби ту боз чун ҷон: – Модар!..

Модар, модар, ягонаӣ баъди Худо,
Танҳо туӣ одамофарини якто.
Модар, модар, зимоми оламро гир,
Аз дасти бадон тамоми оламро гир.

## ДУБАЙТӢ ДАР ВАСФИ МОДАР

Ҳама дигар шавад, модар ҳамон аст,
Ҳалиму хайрхоҳу меҳрубон аст.
Ҳама дар фикри дунёянд, танҳо
Фақат модар ба фикри тифлакон аст.

Наӣ огаҳ зи ҷони реши модар.
Чаро бегонаӣ аз кеши модар?
Чу хушвақтӣ, равӣ сӯи рафиқон,
Чу бадбахтӣ, биёӣ пеши модар.

Ба мо бахшид модар боваришро,
Ҳама меҳри дилу нуру фарашро,
Дар олам модареро бад нагӯяд,
Касе ки дӯст дорад модарашро.

Фурӯғи нур дар шоми гарон чист?
Суруди мурғакони хушзабон чист?
Ҷаҳон бе ишқи поки модарон чист?
Агар модар набошад ин ҷаҳон чист?

Бупарвардӣ маро бо хушзамирӣ,
Расидам бо ҳамин нурат ба пирӣ,
Ман акнун боз тифлам, тифл, модар,
Куҷоӣ, то ки аз дастам бигирӣ.

Маро модар ба сар шамсу қамар буд,
Ҳама шому саҳар болои сар буд.
Падар модар натонад буд ҳаргиз,
Вале модар тавонад ҳам падар буд.

Касе монанди модар сахтҷон нест.
Касе бораш чу бори ӯ гарон нест.
Бидонӣ ҳеҷ овое дар ин даҳр
Баланд аз набзи қалби модарон нест.

Маро вопас ба он гаҳвора оред,
Канори модари ғамхора оред,
Аз он сарчашмаам як қатра бахшед,
Аз он пероям як пора оред.

Умеду эътиқоду бовари ман,
Шукӯҳу нусрату файзи дари ман,
На як рӯзу на як моҳу на як сол,
Ҳама умрам фидои модари ман.

Маро, бахти маро маъвост модар,
Шукӯҳу файзи ин дунёст модар.
Агарчи осмон хеле баланд аст,
Вале болотар аз болост модар.

Ту рафтӣ? На! Ту мондӣ модари ман,
Ҳамеша дар дили ман, дар сари ман.
Ҳамин ёдат маро пирӯз дорад,
Ҳамин ёдат бувад болу пари ман.

Шукӯҳу бахту бовар доштам ман,
Ба кохи бахт минбар доштам ман.
Ҷаҳон дар зери болам буд, зеро
Ки боли меҳри модар доштам ман.

## БО ТУ, МОДАР, ТОҶИКИСТОН ЗИНДА МОНД!

Модари тоҷик, чӣ ранҷу дардҳое дидаӣ!
Бо ҳама мардонагӣ номардҳое дидаӣ!

Сӯхт хоки меҳанат сад бору армонат насӯхт,
Сӯхт ҷонат, сӯхт ҷонат, лек имонат насӯст.

Хуни тифлони туро дар пеши чашмат рехтанд,
Хоки бунёди туро дар лобалоят бехтанд.

Бо ҳама ин ҷабрҳо покиза домони ту монд,
Решаҳои миллат андар решаи ҷони ту монд.

Эй зани тоҷик, зани фарзонаи давру замон,
Эй фаришта, эй расида чун атои осмон!

Бо шуҷоат, бо шаҳомат, бо шукӯҳи беназир,
Доштӣ фардои миллатро чу ҷон андар замир.

Некмардони ту бар олам фазилат бурдаанд,
Панду андарзу паёми илму ҳикмат бурдаанд.

Модари аллома Синоиву моми Рӯдакӣ,
Модари Хайёму Саъдӣ, ҷумла мардони закӣ.

Аз ту руста Шераку Деваштичу Испитамон,
Аз ту руста родмардиву футувват дар ҷаҳон.

Ин туӣ, сарчашмаи бунёди сад фазлу ҳунар,
Ҳар ҳунарро ҳифз дар худ кардаӣ ҳамчун гуҳар.

Зинда бо ту монд, модар, оташи ин хонадон,
Ин туӣ, ганҷинадори ҷашнҳои бостон.

Ин ҳама ойину суннат бе фари ҷони ту нест.
Ҷашни Наврӯзу Сада бе файзи дастони ту нест.

Бо ту ойинҳои рахшони ниёкон зинда монд,
Бо ту модар, Тоҷикистон, Тоҷикистон зинда монд.

# ДАР ИДИ ҚУРБОН

*Рубоиёт*

Файзу фараҳу шукӯҳи Яздон омад,
Ёр омаду дар вуҷуди ман ҷон омад.
Қурбонии ман ба ҷуз дилу ҷонам нест,
Қурбони туям, ки Иди Қурбон омад.

Эй кош, Худованд нигаҳбонат бод!
Осоишу ишқу меҳр арзонат бод!
Дастам наравад ба забҳи ҷонвар ҳаргиз,
Ҷоне, ки ба тан марост, қурбонат бод!

Андӯҳу нишоти мо худаш қурбонист,
Ҳастиву мамоти мо худаш қурбонист,
Иди ману туст Иди Қурбон, зеро
Ҳар рӯзи ҳаёти мо худаш қурбонист.

Қурбони туям, нигор, қурбони туям!
Дар домани нангу ор қурбони туям!
Ҳар рӯз бигӯ, ки Иди Қурбон бошад,
Ҳар рӯз ҳазор бор қурбони туям!

# ДАР СИТОИШИ ДӮСТӢ

*Дубайтӣ*

Умеди ман дар ин дунё бувад дӯст,
Маро болотар аз боло бувад дӯст.
Мақоми дӯстро чун арза дорам,
Ки дар ҳар қатра хунам ҷо бувад дӯст.

Чароғам дар дили шабҳо туӣ, дӯст!
Умеди ҳозиру фардо туӣ, дӯст!
Сутуни эътиқоду эътимодам,
Сутуни бовари дунё туӣ, дӯст!

Маро ду дидаи бино бувад дӯст,
Маро дар баҳри ғам мино бувад дӯст.
Наҷустам симу зар, ман дӯст ҷустам,
Беҳин ганҷи ман аз дунё бувад дӯст.

Маро дидори ту некӯст, эй дӯст,
Замини ту маро минӯст, эй дӯст.
Нагардад ҳеҷ гаҳ ҷони ману ту
Ҷудо аз як тану як пӯст, эй дӯст.

Диёри мо диёри сулҳу ёрист,
Диёри меҳру ишқу дӯстдорист.
Ба хокаш дона резад, ишқ рӯяд,
Аҷаб пурфайзу пурэҳсон диёрест!

## ГУЗАШТИ УМР

*Дубайтӣ*

Дареғи ҳар даму ҳар рӯзи ҷонам
Чакидам ҳамчу ашк аз дидагонам.
Чу барги вопасин дар шохаи умр,
Ба д-ин ҳасрат, ки монам ё намонам?..

Саҳар омад, маро мисли саҳар кард,
Мунаввар кард, дар худ ҷилвагар кард.
Шамол омад, ҳазорон барги ман рехт,
Хазон омад, маро бе бору бар кард.

Шигифто, кай баҳорам омаду рафт?
Баҳори файзборам омаду рафт.
Тамоми умр будам интизораш,
Хабар аммо надорам, омаду рафт?..

Биё гуфтам, баҳорон омаду рафт,
Бигуфтам: бор, борон омаду рафт.
Чӣ чора, чор чашмам дар раҳаш чор,
Надидам лек, чун ҷон омаду рафт?..

Ту медонӣ, ки ман кай зистам, кай?
Бубин ман будам, акнун нестам. Ҳай!
Давидам аз қафои зиндагонӣ,
Куҷо шуд, з-ӯ на пайдо ҳасту не пай?

Бигӯ, эй дӯст, ман будам, набудам?
Чу гулхан будаму акнун чу дудам.
Дар ин саҳна ду бозигар: ману умр,
Маро бисруд, ман ӯро сурудам.

## САВГАНДИ МАРЗБОН

Ин марз, ки марзи шарафу имон аст,
Марзи Ватани ман аст, марзи ҷон аст.
Сар то қадамам вафо ба савганди Ватан,
Ҷонам сипари баэътимоди он аст.

* * *

Дар марзи Ватан нигоҳбони Ватанам.
Ман дар тани ин Ватан чу ҷони Ватанам.
Аз сарҳади ҷисми ман убур натвон кард,
Ман бораи ору ормони Ватанам.

* * *

Ин пайкари ман қалъаи шони Ватан аст.
Тобу таби ман тобу тавони Ватан аст.
Ҳар қатраи хуни тану ҳар зарраи ҷон
То лаҳзаи охирин аз они Ватан аст.

* * *

Ифтихор аз хеш дорам, марзбони меҳанам,
Чашми ӯям, гӯши ӯям, ҷисму ҷони меҳанам.
Чун сипар дар ҷисму ҷони Меҳани худ пойдор,
Ҷавшани боэътимоде дар равони меҳанам.

## МАРО ШОДОБ КУН, ВАРЗОБ

Маро шодоб кун, дарёи Варзоб!
Диламро об кун дар пойи Варзоб!
Сафо бурдан ба ҳар хона ба ҳар марз,
Ҳамин бошад, ҳамин маънои Варзоб.

* * *

Дилам парвоз хоҳад сӯи Варзоб,
Бубин рӯйи биҳишт аз рӯи Варзоб.
Гулистон шуд, гулистон шуд Душанбе,
Зи файзи нусрати паҳлӯи Варзоб.

* * *

Ангезаи ҷони ошиқон Варзоб аст,
Варзоб, ҷаҳони ошиқон Варзоб аст.
Аз ҳар сари санг, аз канори ин рӯд,
Парвозгаҳе ба бекарон Варзоб аст.

* * *

Варзоб, канори ту ман обам, Варзоб!
Бо ту ҳама умр дар шитобам, Варзоб!
Ман файзи ту мебарам, ту ишқи дили ман,
Аз тозагият сафо биёбам, Варзоб!

* * *

Эҳёи дилу ҳузури ҷон Варзоб аст,
Покиза панохи ошиқон Варзоб аст.
Варзоб, ки табъи сабзу болидаи мост,
Гар ҳаст биҳишт дар ҷаҳон Варзоб аст.

* * *

Биё, ҷонам, ки дар Варзоб бошем,
Биё, чун обҳояш об бошем.
Биё, чун мавҷҳояш печ дар печ,
Ба ҳам печида чун гирдоб бошем.

*9.03.2012*

## ҲИСОРИ МАН

Эй чашмаҳои ту оинадори ман,
Эй домани биҳишт,эй марзи ори ман,
Эй зербуни шаън,асли мадори ман,
Мулки Ҳисори ман,
Мулки Ҳисори ман!

Ҷорист савти ишқ аз ҷӯйбори ту,
Дуёст беканор андар канори ту,
Резад навои ишқ, резад сафои ишқ
Аз тору пуди ту, аз пуду тори ман,
Мулки Ҳисори ман!

Эй бораи умед, эй меҳри мондагор,
Эй хоки бихрадон, эй мулки зарнисор,
Ҳар родмарди ту бошад манори ман,
Мулки Ҳисори ман,
Мулки Ҳисори ман!

Гар Қалъаи ту рехт, ман қалъаи туям,
Кохи шукӯҳи туст аз эътибори ман,
Бодо ҳисори ту ҷони нисори ман.
Мулки Ҳисори ман,
Мулки Ҳисори ман!

Шаҳди ҳазор ишқ аз обу хоки туст,
Гелоси шаҳдрез аз хоки поки туст,
Ангурзори ман, боғи анори ман,
Мулки Ҳисори ман,
Мулки Ҳисори ман!

Эй шаҳдрези тут, эй меҳани дуруд,
Эй озарахши меҳр дар шоми тори ман,
Резад навои ту аз тор – тори ман,
Мулки Ҳисори ман,
Мулки Ҳисори ман!

Оби шифои ту ҷон медиҳад маро,
Хоки муқаддасат нон медиҳад маро,
Эй мулки бонамак, эй зарнисори ман,
Мулки Ҳисори ман,
Мулки Ҳисори ман!

## ШЕЪР ГУФТАН – ЗИСТАН

Шеър гуфтан бӯса киштан дар баёзи зиндагист,
Ояи некӣ сурудан дар намози зиндагист.

То бирӯяд лолагул дар ҳотаи пиндорҳо,
Ҳулбаву райҳон дамад дар вотаи пиндорҳо.

Гул бирӯяд дар лабу дил бо нидои: Ишқ!Ишқ,
Дил шавад як пораи гил бо нидои: Ишқ! Ишқ.

Шеър гуфтан-зистан дар ҳар нафас, дар ҳар ҳавас,
Як абад бунёд кардан аз ҳазору як абас.

Шеър гуфтан вожаҳоро болу пар бахшидан аст,
Шаҳпаракҳои нафасҳоро сувар бахшидан аст.

Шеър гуфтан бо таҳорат рӯ ба Ҳақ овардан аст,
Бо ҳарорат, бо ҷасорат рӯ ба Ҳақ овардан аст!

*19.09.2015*

## ҲАМШИРАҲОИ ШАФҚАТ

Ин қомате, ки равшан
Бо хилъати сафед аст,
Ин чеҳраи дурахшон,
Саршор аз умед аст.

Аз рӯяшон бирезад
Бар мо сафои шафқат,
Кони латофату меҳр,
Ҳамшираҳои шафқат.

Дасте пур аз навозиш,
Чашме пур аз таровиш.
Аз меҳрашон биёбад
Ҳар дарду ранҷ коҳиш.

Лутфи Худост гӯё
Дасти сафои шафқат,
Бо меҳру лутфу раҳми
Ҳамшираҳои шафқат.

Рӯйе, ки нур дорад,
Ҳарфе, ки сур дорад,
Ҷону вуҷуди бемор
Аз он ҳузур дорад.

Бишкуфта хайру эҳсон,
Дар лобалои шафқат.
Бо хайру бо сафоянд
Ҳамшираҳои шафқат.

Дидорашон чу ид аст,
Дар рӯяшон навид аст,
Файзу умеду нусрат,
Дар хилъати сафед аст.

Бахшанд ҳастии худ
Умре барои шафқат
Зебову меҳрубонанд
Ҳамшираҳои шафқат.

*21.11.2012.*

**ПАДАР**

Падарам, файзи дари мо будӣ,
Набзи ҷону ҷигари мо будӣ.
Рӯи мо буд зи рӯят рӯшан,
Падарам тоҷи сари мо будӣ.

Меҳри ту чун фари Меҳан бо мост,
Ёди рӯи ту чу гулшан бо мост.
Эй падар, эй чамани тифлии ман,
Эй муқаддас ватани тифлии ман.

Шаҳчаноре ба дари мо будӣ,
Шаҳсутуни ҳама дунё будӣ.
Қоматат қомати адлу инсоф,
Бораи нангу таманно будӣ.

Ҳар каломи ту падар, қанде дошт,
Ҷилваи зикри худовандӣ дошт.
Гулфишон гулшани ёдат бо мост,
Ёди ту мисли саодат бо мост.

Атри хоки Ватан аз домонат,
Файзи меҳри Ватан аз чашмонат
Рехт бар мо фараҳи фирӯзӣ,
Нури ҳақ аз гуҳари имонат.

Эй падар, ёди ту худ сарвари мост,
Қуввати дил, фараҳи пайкари мост.
Адлу инсофу садоқат бо мост,
Чунки ёди ту, падар, довари мост.

*21.11.12.*

## ИН САНГҲО

Ин сангҳо муҷассамаи дарданд,
Ин сангҳо забонаи андӯҳанд.
Ин сангҳо чу мушти гираҳбаста,
Дар мушти пуштаҳо ба сари кӯҳанд.

Дарди фироқи миллати тоҷикро
Дар умқи ҷони хеш ниҳон карданд,
Ин сангҳо навои хамӯширо
Бо розҳои хуфта забон карданд.

*10.05.2013.*

## ТАРС

Аз тарс натарсед, ки ин тарс шумоед,
Яъне, ки пур аз шубҳаву дар заъфу балоед.

Тарсе, ки зи ҷое набувад аз худатон аст,
Дар ҷони шумо хуфтаву дар мағз ниҳон аст.

Ин тарс чу бархост, шумо лолу забунед,
Бе ҳиммату бе қимату абгору нагунед.

Аз тарс чӣ тарсед, ки тарс ин худатонед,
То чанд дар ин тарс ниҳонед, ниҳонед?

Яъне на шумоед шумо, тарс чу доред,
Як умр ба тан ларза шумо дар таҳи доред.

Ин тарс гуноҳ аст, ки чун мор, чу гург аст,
Як зарра, ки дар пеши шумо кӯҳи бузург аст.

Аз тарс чӣ тарсед, ки мавҷуд надорад,
Дар асл худаш нест, ягон буд надорад.

Дар асл ҳама бофтаи табъи заиф аст,
Бе поябу бе моябу бе рангу касиф аст.

Дар умқи шумо ҷо шудаву хӯрд шуморо,
Занҷир заду ҳамчу сагон бурд шуморо.

Тарсу ҳамаи умр гирифтору ғулом аст,
Аз тарс раҳо ёб, ки ин тарс ҳаром аст.

Хук созаду хар созаду саг созадат, эй вой,
Ӯро накушӣ, кушта шавӣ, заҳр ба ком аст.

*02.2018.*

## ДАР ҲАБСИ ДИЛ
### *Дар ёдбуди духтарам Гулнора*

*Лаҳзаҳои вопасин дар рӯи бистари марг, вақте ки рӯҳи покаш омодаи парвоз ба олами менӯӣ буд ва ҷисми нозукаш чун парандаи тирхӯрда дигар нерӯ надошт, ӯ вопасин қуввати худро ҷамъ овард, то бо ангуштони бемадораш бори охир маро ба сӯи худ хонад... Аммо фақат Худо медонад, ки ӯ чӣ мехост бигӯяд.*

Эй Худо, кош зинда мебудӣ,
Дар қадамҳот бӯса мекиштам,
Дар саропот бӯса мекиштам,
Эй Худо, кош зинда мебудӣ...

Мерасидам чу бод то мӯят
Бо шамими ҳазору як эҳсон,
Бо насими ҳазору як шодӣ
Бо фараҳрезии ҳазор армон.

Эй Худо, кош зинда мебудӣ,
Эё Худо, кош зинда мебудам,
Ман, ки бе ту дигар надорам ҷон,
Ман, ки бе ту дигар надорам дам.

Дар дами вопасин ба ангуштон
Ҷониби худ ишора кардӣ... Дод!
Лек рафтӣ ту, рафтӣ, ман мондам,
Ҳалқа дар ҳалқи ман занад фарёд.

Аз пасат баста шуд ба рӯям дар,
Ғайб зад, ғайб он дари дидор.
Ман ба ёди ту меравам бар хоб,
Ман ба ёди ту мешавам бедор.

Марги ман! Чун нарафтам аз пуштат?!
Марги ман бод, к-он дами меод
Ту маро хондӣ, ман нафаҳмидам,
Ту маро хондӣ.., марги зеҳнам бод!

Ту паридӣ, бар осмон рафтӣ,
Ман дар ин банди обу гил мондам.
Оҳ рафтиву бебиҳил мондам,
Ҷовидонӣ ба ҳабси дил мондам...

## ГАР БА ҲАФТОД РАСАМ...

Гар ба ҳафтод расам,
овезам
Сари худро ба сари синаи худ.
Сари ман аз сари дори тани ман
Хам занад бар қадами ман ба суҷуд.

Гар ба ҳафтод расам, овезам
Сари худро ба сари дори қадам,
Бо дурахшонии хуршеди ғуруб
Нешханде бизанам сӯи адам.

Гар ба ҳафтод расам шукр, аммо
Рӯйи ман аз ту чӣ рӯ мемонад?
Бо чӣ рӯйе ба ту ман менигарам,
Ба гуле, ки зи нумӯ мемонад?

Бо чӣ рӯ менигарам ман бар худ?
Ифтихоре ба дилам мемонад?
Аз ҳама боғу гулистони ҳаёт
Неши хоре ба дилам мемонад?

Гар ҳафтод расам, ишқ, эй ишқ,
Дар бари ман ба вафо мемонӣ?
Оҳ, эҳёгари ман, бори дигар
Дар бари ман чу Худо мемонӣ?

Ҷабҳа дар пеш, равам бо зинҳор
Сари худро бубарам то таҳи дор.
Ишқ то ҳаст, равам синакушод
То ба ҳафтоду ба ҳаштоду ҳазор.

Ман ҳама тиру камонам дар худ,
Ишқ то ҳаст маро боке нест,
Он ҳама доғ, ки бо ҳукми ишқ
Монд дар ман, чу нишони олист.

Оҳ он нур, ки дар чашмон аст,
Оҳ он тир, ки дар қомати мост,
Ишқ то ҳаст, фурӯзон монад,
Ишқ то ҳаст, сарафрозу ба пост.

Гар ба ҳафтод равам, ишқ, эй ишқ,
Бо ту ман боз ҷавон хоҳам монд.
Дар таҳи чашмаи ҳар вожа зи худ
Ҷӯши дарёи дамон хоҳам монд.

Гар ба ҳафтод равам, сарафроз
Ёри гумгашта, туро хоҳам ёфт.
Ишқро ҳамчу нишони олӣ
Ба ту бахшида сафо хоҳам ёфт.

*8.03.2015.*

**ВОЖАОБОД**

Вожаҳои болафшон мерасанд,
Хушпару хушрангу рақсон мерасанд.
Мурғакони осмони табъи мо
Бо танини муждаи ҷон мерасанд.

Вожаҳоро бо вузӯ дар оби чашм
Аз замират тоза берун мебарор.
Вожаро чун лаъл дар мағзи ҷигар
Рӯшанӣ бахшида аз хун мебарор.

Вожаро чун қанд дар комат бигир,
Комро бо вожа ширинтар бикун.
Вожаҳоро ранг-ранг аз дил барор,
Зиндагиро боз рангинтар бикун.

Зиндагӣ аз нуру нори вожаҳо
Дар шаби торик рӯшан мешавад.
Вожаро чун гул шукуфон созу бин,
Зиндагонӣ боғу гулшан мешавад.

Бо чароғи вожа дил рӯшан бикун,
Бо гули як вожа гул кун дар замир.
Ком ширин кун ба қанди вожае,
Зӯри нерӯву тавон аз вожа гир…

*14.02.2014*

## ТИФЛАКИ ХУШГИЛИ МАН

Тифлаки хушдилу хандонаки ман!
Нахли ман, мағзаки ман, донаки ман!

Шаҳди ман, шаккари ман, қанди манӣ!
Асалу себи Самарқанди манӣ!

Эй ҳама файзу фару нури ҳаёт!
Вожаҳо дар лабакат қанду набот!

Савти Додор ба гӯши дили ман!
Нағмаи тор ба гӯши дили ман!

Мерасад аз ту маро бӯи биҳишт,
Меравам сӯи ту чун сӯи биҳишт.

Ҷонибам аз ҳама сӯ хандонӣ,
Ғуссаро аз ҳама рӯ меронӣ.

Гулаки хушгилу раънои манӣ!
Фараҳӣ, дидаи бинои манӣ!

Лаззати оби ману нони манӣ!
Рӯшании дилу имони манӣ!

Ин нигоҳи ту нигаҳбони ман аст,
Хандаат доруву дармони ман аст.

Бе ту ин хона на нуре дорад,
На сурудеву на суре дорад.

Файзи субҳу фараҳи шоми манӣ!
Аз Худованд ту инъоми манӣ!

Бо фараҳ пур шуда олам аз ту,
Мегурезад аламу ғам аз ту.

Ман, ки аз дастаки ту мегирам,
Ҳар нафас аз ту нумӯ мегирам.

Эй ҳама нур, ҳама файзи саҳар!
Ман туро на, ту маро бо худ бар!

## ЯК ТАБАССУМ

Як табассум даричаи сеҳр аст,
Як табассум калиди мушкилҳост,
Як табассум даричаи шодист,
Як табассум чароғаки фардост.

Як табассум даричаи меҳр аст,
Як табассум гули баҳори ишқ,
Як табассум туро кунад хушбахт,
Як табассум дари диёри ишқ.

Ханда кун, ханда кун, биё, бишкуф
Дар лабат розҳои ҷонатро,
Бо гули рӯ, шукуфаи ханда
Боз зебо бикун ҷаҳонатро.

Мон, ки меҳри нигоҳи поки ту
Болафшон кунад ҳаворо пок,
Бо нигоҳат шукӯҳи хайр афшон,
Ханда кун, ханда мекунад афлок.

Як муҳаббат нигаҳ ба оби пок
Поктар мекунад дилу ҷонро,
Як сафо нийяту нигоҳи хайр
Файзи некӣ бубахшад инсонро.

Оҳ, бархез чун тулӯъи ишқ,
Ман намегӯямат, ки пинҳон шав.
Зиндагонист як нафас, як дам.
Барқ зан, барқ зан, дурахшон шав!

*30.12.2011*

## ОН ЛАҲЗА, КИ МЕШАВАМ МАН ОЗОД

Он лаҳза, ки мешавам ман озод
Аз панҷараҳои устухонам,
Дар боли ҳавои меҳри модар
Худро ба мазори ӯ расонам.

Пурсам ҳама авфу узр хоҳам,
З-он ғусса, ки ҳамраҳаш намурдам.
Танҳо чу ба роҳи охирин рафт,
Дасташ нагирифтаму набурдам.

Монам бари ӯ, ҳамеша монам,
Зинҳор  дигар насозамаш тарк.
Аз ӯ нашавам ҷудо дигар бор,
Ҳатто, ки дубора гар расад марг...

*Январ, 2016.*

## ҚИССАИ ЗАНИ ҒАРИБ

*Эҳдо ба Абдулҳамиди Самад*

Дар замҳарири сард, дар он як шаби муҳиб,
Дарро бикӯфт як зани афтодаву ғариб.

Ларзон дилаш, шикаставу озурда хотираш,
Сад гуна бори ғуссаву ғам бурда хотираш.

Дарро бикӯфт: – ҷо бидиҳедам, ки хастаам,
Ҳастам ғариби шаҳри шумо, дилшикастаам…

Чандин даре, ки кӯфт, яке ҳам нагашт боз,
Аз дар ба дар азияту озори ҷонгудоз.

Ӯро Худо ба як дари дигар расонд шаб,
Дар боз шуд.., чӣ бахт! Дар он хона монд шаб.

Марде, ки раҳм кард, варо дод шаб наҷот,
Оре, наҷот дод, бидодаш зи нав ҳаёт.

Зеро яқин, ки дар шаби сармои замҳарир,
Мебаст ях тамоми танаш, ҷонш дар замир.

Ин зан, ки дар суроғи ҷигарбанди хеш буд,
Аз шаҳри дигар омада буд, ҷонш реш буд.

Онҳо, ки радди ӯ бинамуданд, рад шуданд,
Пеши Худову пеши ҳама банда бад шуданд.

Зеро Худо варо паси дарҳо расонда буд,
Зеро Худой буд, ки бад-ин шаҳр хонда буд.

Марде, ки бар ғариб дар кушод, худ надид,
Бар хонааш чӣ гуна фурӯғи Худо расид.

Он зан саҳар бирафт, вале раҳмати Худо
Дар хона монд, монд зи некӣ ба дил сафо.

*15.02.2012*

## МАКРИ ШАЙТОН

Баъди чандид аср шайтони лаин
Хешро дар сурати зеботарин андохт,
Сирати худро ба ҷисми одамин андохт,
Он чуноне, ки нафаҳмиданд одамҳо
Издивоҷашро раво диданд.

Аз никоҳи одаму шайтон на инсон
Балки одамзода шайтоне таваллуд шуд...
Хуни поки одами бо хуни ӯ омехт.

Чораҳои одамӣ зин баъд бе суд аст,
Чун ки хунаш пас аз ин
Макролуд аст, кинаолуд аст, шубҳаолуд аст.

Баъд аз ин шайтон ба шакли одамӣ
Дар тамоми даҳр пайдо шуд,
Соҳиби курсиву мансаб гашт,
Дар сари фатвои дунё шуд.

Баъд аз ин оё чӣ бояд кард?!
Дард, дардо дард, дардо дард!

Баъд аз ин оё чӣ бояд кард ?!
Эй Худо, моро ту аз нав бозсоз,
Ё ки шайтонро зи ҷисми мо бурун андоз...

*11.11.2015*

## ГӮРКАН

Гарчи умре гӯркан меканд гӯр,
Худ вале аз фикри мурдан буд дур.
Фикри мурдан ҳеҷ дар ёдаш набуд,
Чунки баҳри дигарон меканд гӯр.

Лек рӯзе гӯркан бемор шуд,
Пурғаму афтода гашту хор шуд,
Оқибат бо ранҷҳо афтоду мурд,
Баҳри ӯ ҳам гӯркан даркор шуд.

*23.06.2015*

## МАҲРУМ АЗ БИҲИШТ

Одаме, ки ҷангалашро дар куҳистон сӯхт, сӯхт,
Одаме, ки чашмаҳоро дар куҳистон қоқ кард,
Одаме, ки тир бар оҳу заду оҳе нагуфт,
Ҷуфти гурги вопасинро ҳам бикушту тоқ кард.

Одаме, ки кӯҳҳоро бесаробон карду рафт,
Одаме, ки лолазоронро биёбон карду рафт,
Одаме, ки ронда шуд аз он биҳишт, акнун, дареғ,
Ин биҳишти накдро бар хок яксон карду рафт.

*23.02.2011*

## АШКИ ОСМОН

На, борон нест, ашки осмон аст,
Падар гирён ба ҳоли кӯдакон аст.
На бод аст ин, ки менолад, Ҳақиқат
Паси дар нулаи гурги замон аст.
Кучо сел аст, подоши ману ту
Зи чангалҳои бубрида равон аст.
Кучо қаҳтист, наҳси носипосӣ
Зи ношукрист, қаҳри осмон аст…

*18.08.2011*

## РАҚС ЧИСТ?

Рақс он бошад, ки нури гулхани ҷонсӯз
Дар фаросӯи шабони тор мерақсад.

Рақс он бошад, ки дарди ҷоннисорӣ, дарди озодӣ
дар тани марде ба сад изҳор мерақсад.

Ин куҷо рақс аст?
Рақс он бошад, ки оҳан
дар баёзи оташи бедор мерақсад.

Рақс он бошад, ки армон чун фаришта
Дар суруди аллаҳои модарони зор мерақсад.

Рақс он дардест, к-андар пайкари марди куҳистон
Худ фурӯзон мешавад,
дар шӯълаҳои ор мерақсад.

Рақс он андӯҳи печон аст, к-аз худ
дастафшон мебарояд,
Дар вуҷуди як куҳистонӣ
Мераҳад аз нангу аз озор,
мерақсад.

Ин кучо рақс аст?
Рақс он бошад, ки Ҳаллоҷаш
ба банди дор
мерақсад.

*Январ, с. 2012.*

## ҲУШДОРЕ БА МАРГИ ДАҲШАТБОРИ ФАРХУНДАИ БЕГУНОҲ

Ҷаҳолат кушт фарро, хандаро кушт,
Фараҳро кушт, чун Фархундаро кушт.

Ҷаҳолат бераҳу бе раҳму кӯр аст,
Зи шафқат дур, аз инсоф дур аст.

Ҷаҳолат фитна дорад, кина дорад,
Ҷаҳолат даҳшате дар сина дорад,

Ҷаҳолат душмани файзи диёр аст,
Ҷаҳолат заҳрогинтар зи мор аст.

Чу ақраб мебихезад аз вуҷудат,
Танад тори аҷал аз тору пудат.

Ҷаҳолат аждаҳое аз дарун аст,
Замини зиндагӣ аз он забун аст.

Ҷаҳолат ишқро созад лагадкӯб,
Ба дӯши бегуноҳе мезанад чӯб.

Набинад лобаҳои зори ӯро,
Лагад кӯбад тани абгори ӯро.

Ба дӯшаш санг андозад пайи санг,
Канад мӯи варо бо чанг бенанг...

Аз ин бешафқатӣ, ин зулму бедод,
Халосӣ ин бишуд, к-ӯ ҷон ба Ҳақ дод.

Ҷаҳолат кушт фарро, хандаро кушт,
Фараҳро кушт, чун Фархундаро кушт.

Дар он мулке ки ҷаҳл асту ҷаҳолат,
Макун уммеди некиву адолат.

## НИГАҲАМРО ШӮЯМ

Нигаҳамро шӯям
Дар зулолии сафои як рӯд,
Бизанам об ба рӯи ҳаваси хоболуд.

Вожаҳои дили худро дар об
Аз ғубори ғами раҳ тоза кунам.
То ки шаффофтар аз об паёмат орам,
То ки покиза саломат орам.

*17.12.2009*

## СУРУДИ АЛЛА

Аллаё, аллаё, азизи ман!
Шаккару қанди ман, мавизи ман!
Тифлаки ман, умеду армонам!
Чеҳраи меҳр, рӯйи армонам!
Аллаё, алла, қуввати ҷонам!

Ханда кун, аз лабат шакар резад!
Аз нигоҳат фари саҳар резад!
Нури ман, файзи ман, сафои ман!
Бахти ман чеҳраи бақои ман!
Аллаё, алла, дилрабои ман!

Эй давоми ман, эй нишони ман!
Эй замини ман, осмони ман!
Эй маҳи равшани шабони ман!
Тифлакам, ҷони ҷони ҷони ман!
Аллаё, алла, хушзабони ман!

Ханда кун, ханда, хонаро пур кун!
Ханда кун, остонаро пур кун!
Аллаё, аллаё, бароҳат хоб!
Бин ба хобат ситораву маҳтоб!
Аллаё, алла, гавҳари ноёб!

Нури чашму наҷоти модар бош!
Рӯшании ҳаёти модар бош!
Рӯзи фардо қаноти модар бош!
Аллаё, аллаё, сафо овар!
Файзи қудсӣ, фари Худо овар!

## РАҚСИ КӮҲИСТОНӢ

Дар куҳистон мардуми мо хуб мерақсанд,
Рӯи хандону дили гирён,
Хуб мечарханду мерақсанд,
Мерақсанду мечарханд…
То бичархонанд бо худ ин замин,
ин чархи миноро,
Ин саморо…

Рақси куҳистонӣ рақси зиндагии ӯст,
Рақси тамкин, рақси сабру ҳикмату нанг аст,
Рақси қисмат, толеи ҳамсони санг аст.

Дастҳошон сӯи боло
Мекашанд аз домани чархи фалак,
Мекашанд аз домани хуршед,
Мекашанд аз домани поки Худо –
Аз домани уммед,
Парма карда осмонро бо ҳар ангушт,
Роҳ меҷӯянд то хуршед …

… Рақси гардан, рақси абрӯ, рақси чашм,
Рақси ранги лоҷуварду лаълу яшм.

Рақси шодӣ, рақси ҳичрон, рақси дард,
Рақси оҳувона, рақси оҳи сард…

Дар ниҳоди ӯ бирақсад чор фасли зидагӣ,
Дар вучуди ӯ бирақсад чор асли зиндагӣ.

Рақси печони насим,
Рақси тамкини замин,
Рақси печутоби оташ,
Рақси мавчи об…

Рақси точикӣ ниёиш аз замину осмон аст,
Рақси арзи ормон аст.
Нест рақси чисми ӯ,
Арғушти чон аст…

## ШЕЪР–МАСАЛҲО

***Мазмун аз ривоят ва масалҳои қадимаи халқ***

### ЗӮР КИСТ?

Пашша бар шер омаду гуфт:-ин қадар
Ғарраи ҷисми бузурги худ мабош,
Аз ту ман зӯрам, ту чизе нестӣ,
Инак ин майдону ман, омода бош!

Пашша аз ҳар сӯ бар ӯ дармефитод,
Мегазид аз гардану аз рӯйи ӯ,
Шер худро оқибат хуншор кард,
Канда бо чангол худро рӯву мӯ.

Шер шуд мағлуб, ғолиб пашша гашт,
Уфтод аммо ба доми тортан.
Гуфт: – мағлубам зи як ноҷинсаке,
Гарчи шуд шери жаён мағлуби ман.

### МУРҒ ВА ТУХМИ МОР

Аз қазо мурғе ба рӯйи тухми мор
Шишт, то з-он ҷӯҷае орад ба бор.
Як парасту диду гуфт: – эй содалавҳ,
Хез аз ин тухму бош андар канор.
Мебарорӣ ту варо, чун шуд калон,
Аввал аз ту мебарорад ӯ димор.

## ЗАЙТУН ВА ҚАМИШ

Кард зайтун бо қамиш даъво зиёд:
Кӣ тавонотар бувад аз ҳардумон?

Ханда зад зайтун варо, к-аз як насим
Ҳар замон хам мезанӣ мисли камон.

Ногаҳон борони сахт омад, қамиш
Хам заду ларзид, аммо монд амон.

Рост шуд зайтун алайҳи боди тунд,
Лек бишкаст аз ҳуҷумаш ногаҳон

## КАФТОРҲО

Ин қадар шуманд ин кафторҳо,
Муфтхорон, муттаҳам, беорҳо.

Ҷамъи беҳад бар яке дармефитанд
Ноҷавонмардона ин ғаддорҳо.

Луқмаҳоро мекашанду бебаранд
Аз кафи афтодаву беморҳо.

Ҷойи он омад, ки бигрезад паланг
Аз фасоду фисқи ин маккорҳо

Гоҳе сайди шерро ҳам бурдаанд,
Карда маҳрум аз сари ифторҳо.

Макри рӯбаҳ, хашми хирсу ҷаҳли пил
Ҳеҷ бошад пеши ин бадкорҳо.

Шуғлашон овори дунё ҳасту бас
Аз пайи худ монда бас оворҳо.

Касбашон дар ҷодаҳо ғоратгарист,
Ин хабисон – зодагони ғорҳо.

Эй табиат, ҷояшон чун додаӣ
Дар кӯҳу дар дашту ҷангалсорҳо.

Нӯлаҳошон ҳамшабеҳи қаҳ-қаҳ аст,
Ханда гирянду диҳанд озорҳо.

Табъ нохуш мешавад аз афташон,
Қаҳт меоранд ин қаҳҳорҳо.

Куфр ҷавлон мезанад дар чашмашон,
Кӯри имонанд ин куффорҳо.

Ин ҳабисон лошахӯрҳои лаин
Мурдахорони дари бозорҳо.

Ин қадар нопоку ифлосанду лек
Хунамоӣ мекунанд аз торҳо.

Сагнамову шерҷавлонанд, лек,
Дар дарун доранд кини морҳо.

Кам шуда шеру палангу хирс, лек
Мешавад афзун сафи кафторҳо.

Тарсам охир соҳиби олам шаванд
Чунки бисёранд ин бадкорҳо...
*4.12.2017*

# ЁДҲОИ ГАРМИ ЁРОН

## БА ХОТИРАИ ФОТЕҲ НИЁЗӢ

Ба сидқу ғайрату бо дилнавозӣ
Дар олам зист Фотеҳи Ниёзӣ.
Зи дунё розӣ он марди накӯ рафт,
Ки дунёро зи худ ӯ кард розӣ.

## БА ХОТИРАИ ҲОҶӢ СОДИҚ

Ҳоҷӣ Содиқ бо садоқат зинда буд,
Бо сафо, бо сабру тоқат зинда буд.

Ними танро дод дар ҳифзи Ватан,
Хушзамире буд бо захми бадан.

Рӯи хандон доштў нури сурур,
Баъди ӯ ёдаш фишонад боз нур.

Гарм бошад ёди ӯ мисли алов,
Монда аз ӯ ҳикмати оши палов.[1]

*24.10.2013.*

---

[1] Боре дар мулоқоте, ки банда ҳам ҳузур доштам, хонандае аз Ҳоҷӣ Содиқ пурсид: Устоди мӯҳтарам, Шумо аз ҷанг бо чигас, бе як по, захмҳои зиёд дар ҷисм, бо оҳанпораҳо дар бадан бозгаштед. Чӣ гуна тавонистед, ин ҳама солҳо дар вазифаҳои масъул кор кунеду асарҳои зиёди хонданӣ эҷод кунед? Кадом доруҳо ба Шумо кӯмак карданд?

Ҳоҷӣ Содиқ табъи зариф доштанд ва ҳаҷвнигори хуб низ буданд, аммо бидуни ҳазл, бо ҳамон кушодачеҳрагии хоси худ ҷиддӣ ҷавоб доданд: доруи ман оши палов аст. Ва воқеан устод Ҳоҷӣ Содиқ қариб ҳар рӯз бо дӯстони худ оши ҳарифона ташкил иекарданд ва бо ин на фақат ғизо мехӯрданд, балки табъашонро низ болида медоштанд.

## ОИНАИ ОБШОРИ ПОКӢ

*Дар сӯгвории устод Мӯъмин Қаноат*

Файзи сухан аз замини мо рафт,
Сарводаи ростини мо рафт.

Нури назари баландбинаш,
Чун  ҷоиза аз ҷабини мо рафт.

Чун   буд қаноти мо Қаноат,
Болу пари озарини мо рафт.

Дар маснади шеър шоҳи мо буд?
З-ангуштари мо нигини мо рафт.

Бо кӣ бубарам амонатамро,
Имрӯз, ки ин амини мо рафт.

Ӯ бурд хазинаи суханро,
Чун  махзани вопасини мо рафт.

“Шаҳнома”- саро зи баъди ӯ кист?
Устураи охирини мо рафт.

Дардо, ки сутуни бовари мо,
Нерӯи  дили яқини мо рафт.

Озоданиҳоду покбунёд
Некисмату  некбини мо рафт.

Бас номаи нонавиштаро бурд,
Армони дили ҳазини мо рафт.

Оинаи обшори покӣ
Покизагуҳартарини мо рафт.

Зебандаи минбари сухан буд,
Он шоири нозанини мо, рафт.

Шоҳинпари шеъри мо, дареғо!
Пири сухани навини мо рафт.

Бо рақси самоъи лоязолӣ
Бар чархи барин барини мо рафт.

20.05.2018.

## ЁДИ МАСТОН

Дурахшон шуд ба ёдам ёди Мастон,
Муборак, дӯстон, милоди Мастон!

Хушо некиву раҳму шафқату ҳилм,
Ки буданд ин ҳама ҳамзоди Мастон.

Ҳама сатраш ишорат сӯйи хубист,
Ба шодӣ раҳнамо иршоди Мастон.

Ҳама кони ғазал, байту тарона,
Муҳаббат тӯшаи раҳ, зоди Мастон.

Тамоми сарваташ сарводаи ишқ,
Чароғи ҷодаҳо эҷоди Мастон.

Ҳамин деҳа, ҳамин пирон, ҳамин халқ
Ҳама буданд, худ устоди Мастон.

Зи мавҷи рӯди Рӯз ояд ба гӯшам,
Суруди ҷону дил, фарёди Мастон.

Дилаш месӯхт умре дар раҳи Ҳақ,
Фурӯзон ҷони пур аз доди Мастон.

Ба дӯшаш панҷ ахтар-панҷ хоҳар
Ҳамин буд олами ободи Мастон.

На подоше, на инъоме талаб кард
Сари боло, дили Фарҳоди Мастон.

Ба он покиву родиву накӯӣ
Ғуборе ҳам надорад ёди Мастон.

Ҳама тан кифтханде осмонгир
Садои дарду ранҷу доди Мастон.

Дареғи ман, ки будам дасткӯтаҳ
Дар он айём дар имдоди Мастон.

Ҳисори қалъаи Зери Ҳисор аст,
Дили меҳанпарасту роди Мастон.

*20.05.2015*

## ОЙИНАИ ВОЖАГОН

***Дар ёдбуди Носирҷон Маъсумӣ устоди донишгоҳиям***

Дарси адабу забон ба мо дод,
Дар рӯи ҷаҳон ҷаҳон ба мо дод.

Дар кишвари фазлу гулшани меҳр
Як олами бекарон ба мо дод.

То чеҳраи ишқро шиносем,
Ойинаи вожагон ба мо дод.

Ҳар вожа чу қанди коғазипеч
Буд, ӯ бикушоду он ба мо дод.

Худ буд замини бурдборӣ,
То нусрати осмон ба мо дод.

Чун тухми сухан ба ҷони мо кишт,
Андешаи гулфишон ба мо дод.

Афрӯхта шуд ҳилоли табъаш
Бадри ҳунар армуғон ба мо дод.

Ҳар вожа чӣ рангу сурате дошт,
Ойина шуду нишон ба мо дод.

Ӯ чеҳраи фазлу одамиро
Дар хеш нишон аён ба мо дод.

Ҳаққо, ки сухан агар ки ҷон аст,
Ӯ буд, дубора ҷон ба мо дод.

## БА ШАРАФИ 90-СОЛАГИИ ХОЛМУРОДИ ШАРИФ

Ин накӯву шариф марди сухан
Зодаи нанги меҳани хеш аст.
Мутакко дошт дар тан аз виҷдон,
Ӯ худаш ҷавшани тани хеш аст.
Нур меборад аз дилу рӯяш,
Чунки ӯ табъи рӯшани хеш аст.
Табъҳо мешукуфад аз табъаш,
Баски ӯ боғу гулшани хеш аст.
Ӯ қавӣ буд дар садоқати халқ,
Чун қавӣ дар тани мани хеш аст.
Ин мани ӯ, ки мои мо гашта,
Эътирофи чу оҳани хеш аст.
Офарину хуҷаста бод он мард,
К-ӯ шукӯҳе ба домани хеш аст.
Сарбаланд аст ӯ тамоми умр,
Донаи ӯ зи хирмани хеш аст.
Хонаи ҷони ӯ бувад равшан,
Нури имони равшани хеш аст.

## ШАЪШАЪАИ ШОДӢ

***Ба ёдбуди Ашӯр Сафар***

Марде, ки ҳама шаъшаъаи шодӣ буд,
Афрохта бо қомати шамшодӣ буд.
Ҳар ҷо ки ҳамерафт фару файзе дошт,
Пешоқадамаш шукӯҳу ободӣ буд.

Ёде, ки ҳамеша пок мисли саҳар аст,
Хандону хуҷастарӯву волоназар аст,
Ҳар вожаи ӯ ба лаб чу қанду шакар аст,
Ин ёди накӯ – ёди Ашӯри Сафар аст.

*12.06.2018*

## БОЗГАШТ БА ВАТАН
***Ба ёдбуди Бозор Собир***

Сарҳади бесарҳади фарҳанги моро,
Марзҳои ори моро, нанги моро,
Бораҳои шаъни мо аз санги моро,
Ӯ дақиқан дар сухан бунёд кард;
Шеъри моро аз асоратҳои такрор,
аз гирифтории гуфтор
Оқибат озод кард;
Ҳайкали подори симои бузургони Ватан,
Ҳайкали Фирдвсиву Синову Айнӣ,
шаҳкитоби»Тоҷикон»-ро
Ӯ ба сабки мондагори хештан эҷод кард.

Дар ҳаду сарҳадшиносии сухан
Марзҳои гулшани садранги моро ӯ кашид,
Дар ҳаду сарҳадшиносии Ватан
Марзҳои нанги моро ӯ кашид.

Дар самои шеъри тоҷикӣ
Ӯ насими тозае овард, моро шод кард,
Дар ҳаду сарҳадшиносии ҳунар
Боғу гулшанҳои нав обод кард.

Ҳамчу як хайёти моҳир,
Бар қади шеъри мусир
Ҷомае зарбафту зебо дӯхт ӯ,
То кунад равшан дилу симои моро,
Гулхане дар пайкари сӯзони худ афрӯхт ӯ.

Гар дили бедораш акнун аз задан монд,
Бо забони шаҳд афшон дар сухан монд.
Шеъри ӯ дар сад забон дорад забона,
Шеъри ӯ чун сарвати миллат
Бо Ватан монд.

Аз Ватан ҳачанд дур ӯ рафта буд
Боз худро синамолон
    бар сари ҳар як ваҷаб хоки диёраш
Бар Ватан овард,
Порахокеро, ки бо худ дар ниҳодаш бурда буд,
Боз бо худ бар тани поки Ватан овард.

Яъне фарзанди барӯманди диёр
Монд бар савганди деринаш вафодор,
Кам накард ӯ зррае хоки Ватанро,
Бо ҳамон сидқу муҳаббат, бо ҳамон шаъну ҳамон ор..

Ҳеҷ гаҳ осон набуду нест осон
Дур аз хоки Ватан ҷон додани инсон,
Лек омад бар Ватан ӯ баъди маргаш боз,
То Ватан бар ҷисми ӯ аз нав шавад ҷон.

*1.05.2018.*

## ДАРЕҒ
***Ба ёдбуди Ширин Бунёд***

Кушт моро ин ғами сангин дареғ,
Талхии ҳиҷронат, эй ширин, дареғ!

Бо уқобони Бадахшон паркушо,
Будаӣ ҳамбол бо шоҳин, дареғ!

Нармдил дар ин диёри сангҳо
Зистӣ бо фахру бо таҳсин, дареғ!

Дар дилат лаъли бадахшон доштӣ,
Дар саропо сурати тамкин, даоеғ!

Дар диёри озарини орзу
Зистӣ бо табъи хушозин, дареғ!

Ҳамнавои обшорони баланд,
Ҳамсафои халқи некоин, дареғ!

Кист аз баъди с ари ту, эй азиз,
Ҳамнишин бо Моҳу бо Парвин, дареғ!

Дер кардам ман ба дидори ту, дер,
Во дареғ, эй дӯсти дерин, дареғ!..

## ЁДИ ҲАБИБУЛЛО

Як ҷони башӯру дидаи шайдо дошт,
Як дил ба суроғи ҷумлаи дилҳо дошт.

Дар сина ғубори кинаро роҳ надод,
Ҳарфе, ки ба дил буд, ба лаб пайдо дошт.

Дар зоҳиру дар ботини худ якрӯ буд,
Чун гул ҳама рози рангу бӯ ифшо дошт.

Ҳар гаҳ ки ба шӯр алайҳи ноҳақ мехест,
Бар ҷои силоҳ соғари мино дошт.

Умре ба раҳи пасту баланди дунё
Пастӣ написандиду сари боло дошт.

Осемасар омаду саросема гузашт.
Як зиндагии кӯтаҳи барқосо дошт.

Ҳарчанд, ки пур нагашт ҷоми умраш,
Лабрез дилеву ҷоми пурсаҳбо дошт.

Дар назми муосир чу табассум шуд нақш
Он ханда, ки дар чеҳра Ҳабибулло дошт.

## ДАР СӮГВОРИИ
## ИСОМИДДИН САЛОҲИДДИН

Эй орзуи озарин,
Эй нури фитрат дар ҷабин,
Бо файзу фар дар остин
Рафтӣ ту аз рӯи замин.

Ганҷури ҳикмат доштӣ,
Нури фазилат доштӣ,
Сар бар сипеҳр афроштӣ,
Дар лаб паёми хуштарин.

Эй ту фурӯғи азми мо,
Эй пешгоми разми мо,
Будӣ чароғи базми мо,
Озода аз ҳар озу кин.

Бо нангу ори Рӯдакӣ,
Бо ифтихори Рӯдакӣ,
Фахри диёри Рӯдакӣ,
Шеъри варо кардӣ ту дин.

Эй аз таассубҳо раҳо,
Эй дар бари рӯят сафо,
Ин нурро бурдӣ куҷо?
Сад дард аз даҳри ғамин!

Эй соҳиби хоки Ватан,
Рафтӣ чу бебоки Ватан,
Бар синаи чоки Ватан,
Пӯёи роҳи ростин.

Падруд, эй марди матин.
З-ангуштари мо чун нигин
Рафтӣ ба роҳи охирин,
Рафтӣ ба оҳи оҳарин.

Ин ногаҳон рафтан чӣ буд?
Ин дарду ин шеван чӣ буд?
Рафтӣ пайи дилбанди худ
Бе хайрбоди вопасин...

## СУЛТОНИ МУРОДИ МО КУҶО РАФТ?

Султони муроди мо куҷо рафт?
Субҳи дили шоди мо куҷо рафт?
Обод намуда зиндагиро
Нодидамуроди мо куҷо рафт?
Аз ҳосили худ чӣ бурд баҳра?
Он дасткушоди мо куҷо рафт?
Чимтарға[1] шуниду ашкҳо рехт,
Покизаниҳоди мо куҷо рафт?
Дар Кӯли Калон муҳаббаташ монд,
Доди дилу доди мо куҷо рафт?
Бо хайру сахо гузашт умраш,
Ҷабро, ки ҷаводи мо куҷо рафт?
Сар доду надод ҳиммат аз даст,
Сад дод, садоди мо куҷо рафт?
Бо лутфу сахо гузашт аз худ,
Зеро ба зиёрати Худо рафт!

## БА ХОТИРАИ ДӮСТАМ РАҶАБ АЗИЗӢ

Ваҳ чӣ орому бесадо рафтӣ!
Дӯстам, дӯстам, чаро рафтӣ?
Ноаён, бехабар, ба сад армон
Рафтӣ, аммо чи нораво рафтӣ.
Мо, ки як умр ҳамсафат будем,
Бе Камолу Зиё чаро рафтӣ?
Эй Азизӣ, азизи мо будӣ,
Ҳамчу фар аз фарози мо рафтӣ.
Чӣ хато рафта буд зи мо, ки чунин
Ногаҳонӣ зи мо хато рафтӣ?
Ҳамчу оҳанги тор-тори қалб,
Аз бари мо ту чун наво рафтӣ.
Зарфишон бе ту зораҳо дорад,

[1] Чимтарға – номи мавзи кӯҳӣ дар Кӯли Калон.

К-эй зари доманам, куҷо рафтӣ?
Мӯмиёят давои дилҳо буд,
Худ кунун мисли мӯмиё рафтӣ.
Бе ту Пете дигар надорад ҳусн
Бе ту Петест бесафо, рафтӣ...
Бо Баҳодур Азиз[1] ёдат монд,
Эй дареғо, ба ёдҳо рафтӣ.
Об шуд, об қалби ғамхорат,
Пок будӣ, чу обҳо, рафтӣ...

## МАРГИ ШОИР

Марги шоир – марги ошиқ, марги хунин аст,
Зиндагӣ аз хуни ӯ ин гуна рангин аст.

Зиндагӣ аз хуни ҷони ӯ ҷило дорад,
Аз ҳавои меҳри ӯ олам ҳаво дорад.

Афтаду хезад миёни корзори ишқ,
Ӯ бувад ҷондори ишқ андар канори ишқ.

Дар садои набзи дилҳо ӯ садо дорад,
Дар навои табли дилҳо ӯ наво дорад.

Нахли ӯ дар чор фасли сол гулбор аст,
Чор фасли сол ӯ сарсабзу пурбор аст.

Чашми шоир дидаи дунёи бедор аст,
Марги шоир марги як боғ аст, гулзор аст.

Марги шоир марги як рӯд аст, як роҳ аст,
Марги шоир марги як кӯҳ аст, як моҳ аст.

Марги шоир марги як ишқ аст, як уқбост,
Марги шоир марги як шаҳр аст, як дунёст.

[1] Баҳодур ва Азиз фарзандони Раҷаб Азизӣ.

Марги шоир марги бовар, марги уммед аст,
Марги нури зиндагонӣ, марги хуршед аст.

Барг-барг андешаҳояш бору барги мост,
Марги шоир марги шоир нест, марги мост...

## БАРОИ УРУН КӮҲЗОД

Он якеро дард зод, андӯҳ зод,
Он якеро ишқ зоду рӯҳ зод.
То ки бошад қуллаи нанги диёр
Кӯҳзоди дигареро кӯҳ зод. (2017)

## ГУЛНАЗАРИ ГУЛНАЗАР

Сурати сури саҳар – Гулназари гулназар.
Ҳамсафи нури саҳар – Гулназари гулназар.

Аз шаафи ҷони ӯ, меҳри парафшони ӯ,
Ёфт сухан болу пар... Гулназари гулназар.

Лоиқи даврони мо, Қутбии рахшони мо,
Шӯру қиёму шарар – Гулназари гулназар.

Бо пару боли дигар, ҷону ҷамоли дигар,
Шуд ба ҷаҳон ҷилвагар Гулназари гулназар.

Ӯ, ки зи Дардар расид, бо фари дигар расид,
Кард басо боз дар, Гулназари гулназар.

Бо суханаш миллате аз сари нангу шараф
Рост шавад ҳар саҳар, Гулназари гулназар.

Ҳарчи сухан гуфтаӣ, дарди Ватан гуфтаӣ,
Аз дилу ҷону ҷигар, Гулназари гулназар!

Боли ҳумо бо ту бод, боди сабо бо ту бод,
Бол кушову бупар, Гулназари гулназар!

Нест туро ҳоҷате ҳеҷ ба ганҷи гуҳар,
Ҳарфи ту худ симу зар, Гулназари гулназар!

## ХУНЁГАРИ АРМОНИ МЕҲАН

***Барои Афзалшоҳи Шодӣ***

Ту, эй хунёгари армони Меҳан,
Ба рӯи шонаҳоятт шони Меҳан.

Ниёзу рози миллатро сурудӣ,
Сурудат то шавад дармони Меҳан.

Суруди ту судури худшиносист,
Чароғи роҳи фарзандони Меҳан.

Фурӯзон кардаӣ меҳри Ватанро
Чу гулхан дар дили мардони Меҳан.

Сурудат парчами якҷонии мост,
Ба оварду ба користони Меҳан.

Ба гӯшам ояд аз набзи навоят
Ҳаме набзи дилу виҷдони Меҳан.

Ҳамеша бо сурудад зинда бошӣ,
Чу набзи дил,чу набзи ҷони Меҳан!

## ПАЗМОНӢ

***Ба Баҳриддини Киром***

Пазмони шумо шудам, азизон,
Як бори дигар ба ҳам нишинем,
Як коса шароби ишқ нӯшем,
Як даста гули навид чинем

Ку суннати сарфароз будан?
Ку анъанаҳои некмардон?
Ку дору мадору шӯри Қутбӣ?
Ку созу навову сӯзи Мастон?

Дар ҷабҳаи нангу родмардӣ
Чун пайкари ор хестанҳо?
Дар ҳифзи адолату ҳақиқат
Чун дар таҳи дор хестанҳо?

Ку соғару ҷомҳои лабрез,
Ку хандаи беғаши фалакпеч?
Ку Лоиқи базми назми меҳан?
Буд ишқу муҳаббату дигар ҳеч?

Фаввораи обшори ханда,
Дастони сахову хайру эҳсон?
Дар шаъшаъаи навори ханда
Симои ба нури он азизон?

Ку аз сари нанг хестанҳо?
Ку бо ҳама ранг хестанҳо?
Дар ҷангали ин ҳама табардаст
Монанди заранг хестанҳо?

Мастон, ки суруд дар забон буд,
Чун рӯди таронахон равон буд.
Қутбӣ сари сина боз мекард,
Бо чарху ситора роз мекард.

Сар бар зада рӯ ба рӯйи дунё,
Ғамро таҳи по намуда рафтан,
Дарҳои саодати ҷаҳонро
Аз синаи худ кушуда рафтан...

Пазмони шумо шудам, азизон!
Як бори дигар ба ҳам нишинем,
Армону умеди зиндагиро
Дар чеҳраи якдигар бубинем...

*Октябр, 2016.*

## ҲАЗЛИ ДӮСТОНА
***ба ифтихори 60-солагии Муҳаммад Ғоиб***

Ӯ кист зариф асту зарофатзеб аст,
Сад ранҷи асаб дидаву беосеб аст.

Сарбози фидокори сухан дар Ватан аст,
Бе бим равона аз фарозу шеб аст.

Чун покниҳод асту зи аҳли тақвост,
Як умр насими пок андар ҷеб аст.

Бо пораи қоқи нон қаноат дорад,
Ҳарчанд, ки давлаташ ҳазорон кеп аст.

Ӯ кист, ки нест бенаво, кони навост?
Пайдост, ки ӯ Муҳаммади Ғоиб аст,

* * *

Бо он ҳама хоксорие, ки дорад,
Боло шуда дар сухан Муҳаммад Ғоиб.
Дар ҳозиру дар ғоиби ӯ мегӯям,
Пайдо шуда дар сухан Муҳаммад Ғоиб.

## БАРОИ ОРТИҚ ҚОДИР

Зеби ҳунар аст ӯву ҳунар зеби ӯст,
Дар саҳна ба сурату ба сират некӯст,
Ровии умеду ормони миллат,
Сад накш ба саҳна бозад, аммо якрӯст.

## ЗИСТ АРЗАНДА
***Барои Юсуфи Акбар***

Ҳастии хеш бар сухан бахшид,
Андар ин боғ нахлҳо биншонд,
Номи некаш зи баъди ӯ дар даҳр
Бо сухан низ зинда хоҳад монд.

Чунки андар навиштаҳои ӯ
Пораҳои дилаш дурахшон аст.
Чунки дар ҳарфҳои гуфтаи ӯ
Нури маънист, набзи виҷдон аст.

Борҳо синаро сипар кардаст
Дар дифои сухан дар ин майдон.
Бо ҷасорат барои ҳарфи ҳақ
Буда ӯ ҳамканор бо мардон.

Ман аминам, ки Юсуфи Акбар
Дар диёраш назист беҳуда,
Дар раҳи фазл, дар раҳи маънӣ
Бедареғе вуҷуди худ суда.

Зиндагии ҳалол бар сар бурд,
Бо маоши базаҳмати худ зист,
Ман аминам, ки зист арзанда,
Як ҳамин некномияш кофист.

*25.04.2018*

# МАНЗУМАҲО

## АЗ СИРИШТИ ХАЛҚИ ТОҶИК

### 1
### Савганд

Нури Ҳақ дар дидаҳо буд,
Амри Эзад раҳнамо буд,
Дар Хуҷанди бостон, дар қасри Арбоб
Бахти тоҷик рӯи дастони Худо буд.

Дар Хуҷанди бостон, дар қасри Арбоб
Қомате мардона боло шуд,
Чун муҳаббат аз сиришти халқ эҳдо шуд!
Аз дилу аз ҷони мардум хест!
Покрӯву тоза аз виҷдони мардум хест!
Аз таассуб, аз фиреб, аз макр, аз ғафлат раҳо шуд.

Аз сиришти халқ, аз дарду алам бархост,
Дар лабаш пайки адолат бо қасам бархост.

Нурафшону дурахшон
Қоматаш омад бурун
аз зулмати сад асри зиллат,
Аз сари ҷабру ситамҳо,
Аз тани кину аламҳо,
Аз хусумат, аз ҷаҳолат,
Аз сари сад гуна иллат...

Ин ҳазоронсола армон буд,
Бонги нанг, овои имон буд!
Дар раги ҳар вожаву ҳар ҳарф

Хуни гарми миллату меҳан намоён буд!
Вожа дил буд, вожа ҷон буд, вожа виҷдон буд!..

Ҳарф-ҳарфи ин қасам он рӯз
Дар радифи партави номи Худованд,
Дар радифи покии шири сафеди модари ҷон,
Дар радифи хайрафшони дуои пирамардон,
Дар радифи ҳасрату уммеди ин халқи ба армон
Партавафшон буд!

Исми Ҳақ бар он ҷилои осмонӣ дод,
Шири модар бо сафедияш амонӣ дод,
Шуд муқаддас ин қасам аз файзи обу хоки меҳан,
Болу пар додаш дуои халқ дар афлоки меҳан!

Ин қасам чун сеҳр, чун дасти раҳо омад,
Бовари мо, ишқи мо, армони мо омад,
Ҷони мо бар ҷони мо омад...

То ки моро бозгардонад ба асли хештан,
То ки баргардонад аз нав асли моро бар Ватан:
Рӯдакиро, Бӯалиро, Мавлавиро... боз орад,
Бар Ватан базми нишот, оҳанги чангу соз орад,
То ки эҳёи навин бахшад ба Наврӯзи аҷам,
То дирафши ковиёниро баланд афрошта,
Боз биншонад ба тахти салтанат лафзи дариро,
Тоҷикистонро кунад боғи биҳишт,
То ки аз баъди ҳазору анд сол
Миллати моро бурун орад зи ҳабси сарнавишт.

Боз гардонад ба тоҷик тоҷи шаъну шони ӯро,
Ҷони ӯ, имони ӯ, эҳсони ӯро!..

Дар лабаш савганди Меҳан хест!
Бар дифои меҳанаш фарзанди Меҳан хест!
Ҳамраҳи ӯ миллати тоҷик ҳама
якҷону яктан хест!

## 2
## Дар фурӯғи амри виҷдон

Дар канори хоки ҳикматхези аҷдодон,
Дар тулӯъи озарини субҳи неки Тоҷикистон,
Аз сиришти ҳиммату эҳсон,
Дар кафи нангу ҷасорат,
Дар фурӯғи амри виҷдон

Бо ҳазор эҳсоси ҷон бархост,
Офтобе дар ниҳон бархост,
Аз тани пурдарди ин миллат,
Аз сари нанги замон бархост,
Пайки нусрат дар забон бархост:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

Аз тани захмини мардум хест!
Аз сари сангини мардум хест!
Наъраи тамкини мардум хест!
Аз сари вайронаҳои халқ,
Чун ғиреви хастагон бархост:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

Аз канори нанг боло шуд,
Оҳи сад оҳанг боло шуд,
Бар алайҳи кинаву найранг боло шуд,
Бо фурӯғи ҳикмату фарҳанг боло шуд:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

Хест аз умқи вуҷуд,
аз ғуссаву дарду ғами миллат,
Бӯса зад бар парчами миллат,
Бар ҷабину чашму рӯ молид онро,
Дар сари дасташ фурӯзон кард ҷонро,
То фурӯзон кард андар торами миллат
Ин умеди нурафшонро:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

Ин садо аз умқи ҷон омад,
Чун паём аз осмон омад,
То зи ҳар кӯҳи Ватан мисли танин бархост,
Чун танин аз осмону аз замин бархост.
Чун наҷоти одамон омад:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

Он даме, к-ӯ аз сари ҷон хест,
Ҳиммати миллат дурахшон хест.
Ҳамраҳи ӯ рӯҳи Шерак буд,
Рӯҳи Деваштич хандон хест!
Ҳамраҳаш рӯҳи Муқаннаъ буд,
Мисли шӯри Сарбадорон хест:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

Мутаккоро аз ниҳоди халқ ёфт,
Сидқи худро аз садоди халқ ёфт,
Дошта аз домани имону фарҳанги Ватан
Гашт боло бо ҳама қад бар сари санги Ватан
Чеҳраашро арғувонӣ кард
Ин муҳаббат, ин садоқат, ин шараф, нанги Ватан!

Он даме, к-ӯ бо сад армон хест!
Аз паси ӯ Суғду Хатлон хест!
Ҳам Ҳисору Рашт боло шуд!
Ҳам Зарафшону Бадахшон хест!
Дар сари он вартаи марговари тақдир
Нангу имон хест!
Бо қади болои ӯ, ҳамҷони ӯ, ҳампои ӯ
Тоҷикистон хест!

– Бар шумо ман сулҳ меорам!
Дар самои тозаи кишвар
Барқҳо зад ин нидову шӯълаафшон шуд,
Неку бад дар партаваш бар мо намоён шуд,
Миллате аз як гиребон сар бурун овард,

Тоҷикистон тоҷи инсон шуд!
Тоҷикистон Тоҷикистон шуд!

Дар шуои ин нидо аз синаи сӯзон
Чеҳраи пирӯзии мардум ҳувайдо гашт,
Фазлу пайғоми хирад пайваста боло гашт,
Халқи бофарҳанги тоҷик бо ҳама аъмоли некаш
Аз тани захмин, сари сангин,
Аз замини сӯхта, аз охирин уммеди мардум
Боз эҳё, боз эҳё, боз эҳё гашт!

Сулҳ омад! Сулҳро овард ӯ!
Тоза карда синаҳоро аз ғубори дард ӯ,
Халқро берун кашид аз синаи пурдард ӯ!

Ҷони рафта аз тани меҳан ба тан баргашт,
Охирин навмеди Меҳан
Бар Ватан баргашт!
Шуд ҳама вайронаҳо обод,
Файзу пайғоми шукуфоӣ
бар чаман баргашт!

– Бар шумо ман сулҳ меорам!
Ин садо мурғи Самандар гашту аз оташ бурун омад,
Ин садо Симурғ шуд бар қуллаи Боми Ҷаҳон биншаст,
Ин садо мисли Ҳумо чавлон бизад дар торами миллат,
То ба дӯши Пешвои мо,
ба дӯши Қасри Миллат парфишон биншаст!

Ин садо акнун сафои тоза ёфт
Дар нигоҳи мардуми хушбахти тоҷик,
Дар фурӯғи пештоқи Қасри Миллат,
Парфишонӣ мекунад бо Парчами миллӣ
Дар равоқи Қасри Миллат!

Ин садо монанди чавшан, чун сипар дар ҷони мо шуд,
Бо Нишони далатӣ имрӯз то Хуршед боло шуд,

Халқи некӯсирати моро ба роҳи ростин
То ба д-он ҷовид Меҳан раҳнамо шуд,
раҳкушо шуд:
– Бар шумо ман сулҳ мехоҳам!

Инак, акнун пайки сулҳи анҷуманро,
Покии оби зулоли ин Ватанро,
Мебарад бо худ ба ҳар сӯи ҷаҳон
Парчами моро парафшон карда дар рӯи ҷаҳон!

Мерасад акнун нидояш аз канори қуллаҳои Меҳани мо,
Бар тамоми халқи дунё:
– Бар шумо ман сулҳ меорам!

*06.10.2017.*

## МУНОЗИРА БО ХУД

*Зи нури ӯ ту ҳастӣ ҳамчу партав,*
*Вуҷуди худ бипардозу ту ӯ шав.*
Носири Хусрав

**ХУДО МОРО** шабеҳи худ биорост,
Ту медонӣ, Худо бо ин чӣ мехост?
Худо мехост, мо бо асл монем,
Амонатро ба ҳақдораш расонем.
Агар он қуръа моро раҳнамо шуд,
Амонатҳои дӯши мо куҷо шуд?!
Ба дасти мӯъҷиза моро Худо сохт,
Аз ин хоки сияҳ моро раҳо сохт.
Чу анфоси Худо дар ҷисми мо шуд,
Нафас бар най вуруд омад, наво шуд.
Чи зебо хилқате ҳамсони худ сохт,
Ки гӯйӣ аз дилу армони худ сохт.
Аз ин бунёд мақсудаш чиҳо буд?
Куҷо шуд асли мову аз куҷо буд?!
Чӣ арзу муддао дорӣ ту имрӯз,
Чӣ даъвӣ аз Худо дорӣ ту имрӯз?!
Худо танҳо ба гуфтору ба лаб нест,
Худо мавзӯи даъвову талаб нест.
Ки то гӯӣ: ба ман ин муддао деҳ,
Худо дорӣ, ба ман андак Худо деҳ.
Чӣ суд аз лаб, агар аз дил набород?!
Чӣ суд аз кишт, агар ҳосил надорад?!
Куҷо рафтӣ, куҷо рафтӣ ту, инсон?
Ки аз нуру сафо рафтӣ ту ин сон?
Аз ин даъвои беҳосил чӣ суд аст?
Ҳама ҳарфи ҷаҳон бод аст, дуд аст.
Агар дасти раҳои худ набошӣ,
Асои худ барои худ набошӣ,
Зи бероҳӣ куҷо хоҳӣ расидан?
Ту дар чоҳӣ, куҷо хоҳӣ раҳидан?

Ту аввал хешро аз худ раҳо кун,
Худи бадкешро аз худ ҷудо кун.
Шукуфо шав чу гул аз шохаи хушк,
Бурун о аз димоғи пок чун мушк.
Гузар аз суду аз будат, ба худ о,
Ба сад ваҷд аз вуҷудат бар вуҷуд о.
Зи нахли қомати худ бору бар деҳ,
Зи шохи орзуҳоят самар деҳ.
Макун айби худатро бар Худо бор,
Гиребонаш раҳо кун, доманаш дор!
Вале беҳтар, ту домангири худ бош,
Биҷӯ тадбири хешу пири худ бош!
Шукуф аз меҳр дар хешу сафо ор!
Вузӯ дар ашки худ, рӯ бар Худо ор!
Гуноҳи худ маяфкан бар Худованд,
Худо гӯӣ, Худо гӯӣ, Худо..., чанд?

**ХУДО БАР** сони худ бунёди мо кард,
Сипас дар роҳи ҳақ моро раҳо кард.
Чу мо эъҷози дастони Худоем,
Ба худ армони ӯро менамоем.
Аз ин рӯ ин асолат ҳаст бо мо,
Ҷалоли ин ҷалолат ҳаст бо мо.
Ҳамон дам, к-аз вуҷуди мо Худо рафт,
Бидон, к-ин боғи маънӣ бар фано рафт.
Умеди умр дар мо будани ӯст,
Ба ҳастии ту маъно будани ӯст.
Чу моро аз адам одам биофард,
Барои шодии мо ғам биофард.
Чу бовар дод, мо бовар накардем,
Шак овардем, сар бар дар накардем...
Агар ӯ баҳри мо шайтон намесохт,
Куҷо буд имтиҳон дар бурду дар бохт?!
Бигӯ, то чанд бошӣ ёри фитна,
Саратро хам намояд бори фитна?!
Худо гӯӣ, Худо гӯӣ, Худо...Чанд?!

Ба дӯши ӯ гузорӣ бори мо чанд?!
Худоро мон, бипурс аз худ, ки чунӣ,
Чаро афтодаӣ бар ин нагунӣ?!
Худо бунёдат аввал кард, аммо
Ту ин бунёд афкандӣ ба сад ло.
Агар некӣ, агар бад, аз худи туст,
Ту ҳарчи киштаӣ, аз он ҳамон руст.
Худо гуфтат магар, ки рав, бадӣ кун,
Хиёнат кун, разолат кун, дадӣ кун?!
Худо подошро бидҳад дар анҷом,
Вале монад, ки худ ёбӣ саранҷом.
Ҳама бори худашро марди беор,
Бихоҳад кард бар дӯши Худо бор.

**ЗАБОН ДАР** ком агар як теғи лоф аст,
Чу шамшере бувад, к-андар ғилоф аст,
Чунон теғе, ки дилро пора созад,
Зи ёри ҷониат патёра созад..
Чӣ маънӣ дошт моро офаридан,
Ки ҷои мо кунад сози тапидан?!
Ба ҷои мо агар мезист ӯ, пас
Чӣ ҳоҷат будаш аз бунёди ҳар кас.
Ту худро аз худат озод кардӣ,
Каҳи бедонаатро бод кардӣ.
Ту бар боди рибо печида рафтӣ.
Ба амвоҷи риё печида рафтӣ,
Ту садҳо шайху муршид офаридӣ,
Ҳазорон бут ба тақлид офаридӣ.
Ҳама ин аблаҳӣ, доноӣ аз туст,
Ҳама канбуриву коноӣ аз туст.
Ҳама ин озу озурист аз ту,
Ҳама ин зуриву[1] зӯрист аз ту.
Аё одам, чӣ менолӣ ту бо Ҳақ
Чи дорӣ ин қадар даъвои ноҳақ?!

---

[1] Зурӣ – дурӯғ

Ту худ рафтӣ, ба шайтон хӯ гирифтӣ,
Аз ӯ сад рӯ, аз ӯ нерӯ гирифтӣ,
Ба он ҳадде, ки худ шайтон шудӣ пас,
Ки мункир аз фари Раҳмон шудӣ пас.
Худованди таолло озмудат,
Дари ҳастии зеборо кушудат.
Ки шаҳватро ба ҷонат чун таш андохт,
Ба рагҳоят фурӯ ин оташ андохт.
Мапиндорӣ, к-аёнат ноаён аст,
Ҳаётат ҳар дақиқа имтиҳон аст.
Киат ин гуна побанди ғазо кард,
Ки мегӯӣ: Худо кард ин, Худо кард?
Киат бар сӯи Аҳриман садо кард,
Ки мегӯӣ: Худо кард ин, Худо кард?
Ҳама корат кунӣ бори Худованд,
Кунӣ худ, гӯӣ: ин кори Худованд.
Ҳама ин макру истезу рибо чист?
Ҳама аз туст, пас айби Худо чист?

**ТАНИ МО** фонус асту ҷон чароғ аст,
Чароғи мо киро андар суроғ аст?
Фари мо аз чароғи равшани мост,
Саодат аз димоғи равшани мост.
Валекин не чароғу не суроғест,
На савти ҳудҳуде аз сӯи боғест.
Чаро роҳи ту сӯйи дигар овард?!
Чаро ройи ту рӯйи дигар овард?!
Ба ҷонат кина мисли ғунда ҷо шуд,
Вуҷудат мубталои ин ано шуд.
Зи пушти ҳирсу ози хеш рафтӣ,
Ба коми нафси бози хеш рафтӣ.
Хусумат бе фару кӯру карат кард,
Ҳасодат мурғи беболу парат кард.
Манам акнун фурӯ ғарқида дар ғам,
Ман аз шайтон натарсам, аз ту тарсам!
Бале, шайтон ҳамеша дар ситеғ аст,
Вале одам шавад шайтон, дареғ аст!

Ту дар чоҳи гуноҳи худ фитодӣ,
Ту дар гирдоби оҳи худ фитодӣ.
Чу дар пешаш гунаҳгорӣ саропо,
Чӣ ҷои ин ҳама исёну даъво?
Худои мо худаш андар худи мост,
Худо дар мову бе мо лек танҳост.
Ту акнун аз Худо не, аз худат нол,
Ки афкандӣ ту худро дар сияҳчол.

**ВУҶУДИ МО** чу майдони набард аст,
Ту медонӣ, дар ин майдон кӣ мард аст?
Дуӣ дар мо ҳамеша ҷанг дорад,
Чу шайтон аз дарун найранг дорад.
Ду ёр андар диле маъво наёбанд!
Чу дар як мӯза ду по ҷо наёбанд?
Чӣ банди макри шайтонӣ? Раҳо шав,
Биё, як-як зи ҳар бандаш ҷудо шав.
Гумон чоҳест, аз ин чаҳ ҳазар кун,
Ҳаме дур аз канори ӯ гузар кун.
Дарунат ҳирс чун хирс аст бедор,
Зи чанголи бадаш худро нигаҳ дор.
Бидон, к-ин кина дар ҷонат чу мор аст,
Бахилӣ дар ниҳодат аждаҳор аст...
Қиёмат чист? Подоши ману туст,
Ҷавоби ҷумла пархоши ману туст.
Ҳамин ду дидаи во худ дари мост,
Само андар самое бар сари мост.
Ту аз ин дар бурун ову раҳо шав,
Бимон худро, зи худ сӯи Худо шав.
Ба нур андар нигаҳ дӯзӣ, шавӣ нур,
Дилу ҷонат шавад аз нур масрур.

**ЧУ БАР ИН** ҷо расидам, як садо шуд,
Ба сӯи ман ишорат аз Худо шуд.
Садо омад аз он озода Хусрав,
Ки ҳарфи кӯҳнааш бошад ҳама нав.

Чӣ лутфе кард, айни муддао кард,
Ки зикре аз Худои раҳнамо кард.
Ки яъне дар ниҳоди ӯ Худо ҳаст,
Худованди ба каф ҳукми қазо ҳаст.
Аё, эй ман, аё, эй ман, аё, ман!
Баро берун кунун аз ҳабси ин тан!
Манатро кун манори адлу инсоф,
Биполо хешро чун рӯд, шав соф.
Ба ҳар анҷом як оғоз бошад,
Ҳанӯз он дар ба рӯят боз бошад.
Бирав, бар хеш оғози наве ёб,
Ба боли сидқ парвози наве ёб.
Раҳо шав, то раҳими хеш бошӣ,
Мақоми мустақими хеш бошӣ.
Ба ин боре, ки дорӣ андар ин тан,
Чӣ душвор аст бар манзил расидан!
Раҳо шав, то равои хеш гардӣ,
Ба худ о, то Худои хеш гардӣ.
Худо кам гӯ, худ акнун бо Худо бош,
Дарат во кун, дилат во кун, раҳо бош.

**ХУДОИ МО** Худованди Карим аст,
Ки бахшоянда Раҳмони Раҳим аст.
Равад ҳар кас ба сӯяш бо умеде,
«Надорад кас аз ин дар ноумедӣ»[1]
Дари бахту ҳаёти мо ҳамин аст,
Дари рӯзи наҷоти мо ҳамин аст.
Ба ин дар ҳар гаҳе худро расонӣ,
Худат, танҳо худат мифтоҳи онӣ!

*Декабри соли 2015*

[1] Мисраъ аз «Мунозира бо Худо»-и Носири Хусрав

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ........................................................................3
Ватани хайру сахо ...........................................................4
Шеърҳои нимоӣ...............................................................33
Ғизоли ғазал.....................................................................51
Саломи ҷӯйборон .........................................................105
Ишқро бояд садо кард .................................................122
Дар оғӯши хазонрез .....................................................128
Қатраборон ...................................................................139
Гулрезаҳо ......................................................................151
Ин нахли куҳан..............................................................159
Биё, эй ишқ ....................................................................170
Овои шукуфтани гул.....................................................186
Модарнома.....................................................................194
Дар Иди Қурбон ............................................................201
Дар ситоиши дӯстӣ .......................................................202
Гузашти умр ..................................................................203
Савганди марзбон .........................................................204
Маро шодоб кун, Варзоб..............................................204
Шеър гуфтан (шеърҳо) .................................................206
Шеър-масалҳо................................................................224
Ёдҳои гарми ёрон ..........................................................227
Манзумаҳо ....................................................................243

**Камол Насрулло**

**ДАР ОҒӮШИ ХАЗОНРЕЗ**
*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 04.09.2018 супорида шуд.
Чопаш 12.09.2018 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Илм» ба табъ расидааст.